ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# РОҲНАМОИ ФАННИ
# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
# СИНФИ 8-УМ

## барои омӯзгорони муассисаҳои
## таҳсилоти умумӣ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ТАСДИҚ КАРДААСТ

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2017

**УДК 373.167.1 (072)**
**ББК Я72+74.261.4**
**А-57**

**А-57.** Аминов С., Набиева С., Самадов А. **Роҳнамои забони тоҷикии синфи 8-ум барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Душанбе, Маориф, 2017.120 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-487-2**

**© Маориф, 2017**

## САРСУХАН

Таълими салоҳиятнокии хонанда чӣ маънӣ дорад, дар Стандарти давлатии забони модарӣ барои синфҳои 5-11 оварда шудааст. Аммо ин ҷо лозим аст, ки оид ба баъзе масъалаҳои дигари ба усули таълими салоҳиятнокӣ ва роҳнамои ба омӯзгор пешниҳодшаванда чанд маълумот дода шавад. Таълими салоҳиятнокии хонанда камтар истифода карданро аз қоидаҳои грамматикӣ дар назар дошта, бештар ба сайқал додани малакаҳои хонандагон дар истифодаи амалии забон нигаронида шудааст.

Ҳамин принсипи муносибат ба таълими забони тоҷикӣ талаб мекунад, ки ҳангоми таълим ба ғайр аз донишу малакаҳои забонӣ дар хонандагон салоҳиятҳои асосии иртиботӣ, ки дар зиндагии ҳамарӯза ба хонанда даркор мешаванд, ташаккул дода шавад. Дар маҷмӯъ салоҳиятнокии хонанда дар дарси забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешавад: салоҳиятҳои иртиботӣ ва салоҳияти забонӣ. Дар таълими салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар барнома  соатҳои ҷудогона нишон дода шудаанд. Омӯзгор мавзӯи бевоситаи забонӣ - овошиносӣ, луғатомӯзӣ, калимасозӣ, ҷумлабандиро дар дарсҳои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ба хонандагон таълим медиҳад. Ҳар кадом мавзӯи забонӣ дар бобҳои ҷудогона таълим дода мешаванд, дар баробари ин соатҳои ҷудогона барои ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон ҷудо карда шудааст. Ҳар як қисмати забон дар доираи соатҳои муайян ва боби муайян ба хонандагон омӯзонида мешавад, дар охир (дар аввал ҳам мумкин аст) ду, се, чор соат, вобаста ба миқдори умумии соатҳои ҳамин боб дарсҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Салоҳиятҳои асосӣ дар стандарти таълимӣ зикр карда шудаанд. Ҷавҳари онҳоро омодагии хонанда ба муносибати байнишахсӣ, муносибат дар ҷомеа, масъалаҳои ахлоқ, ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу башарӣ ташкил медиҳанд.  Омӯзгорро лозим мешавад, ки ҳангоми ташкили фаъолияти таълимии хонандагон ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Ба хонандагон салоҳиятҳои муносибати байни ҳамсинфон, эҳтироми ҳамдигар, одоби муомила ва муносибат, ахлоқ, тарбиятро дар ҷараёни таълими фан ва баррасии мавзӯъҳо ташаккул диҳад.

Ҷузъиёти дигари таълими фанни забони тоҷикӣ дар барномаи таълимӣ ва стандарти фаннӣ оварда шудаанд. Боқӣ ба шумо барори кор таманно намуда, умед дорем, дар таълим ва тарбияи насли нав саҳми арзанда мегузоред.

Мураттибони роҳнамои мазкур омодаанд, ки ба саволҳо, пешниҳоду дархостҳои шумо посух диҳанд. Барои тамос: почтаи электронӣ: saida40@inbox.ru

**Нақшаи тақвимии забони тоҷикӣ барои синфи 8-ум**

| Т/р | Фасл ва мавзӯъҳо | Соат | Сана |
|---|---|---|---|
| I. | Забон ва сухан | 1 | |
| 1. | Забони тоҷикӣ – забони адабиёти бадеӣ | 1 | |
| II. | Такрори маводи дар синфи 7 омӯхташуда | 3 | |
| 2. | Овозҳои нутқ ва таркиби калима | 1 | |
| 3. | Сарф ва ҳиссаҳои нутқ | 1 | |
| 4. | Услубҳои нутқ: услуби илмӣ | 1 | |
| III. | Наҳв ва аломатҳои китобат | 6+2=8 | |
| | Ибора ва ҷумла | | |
| 5. | Маълумот дар бораи ибора. Фарқи ибора аз калима, таркиб ва ҷумла | 1 | |
| 6. | Навъҳои асосии ибора: исмӣ, феълӣ ва зарфӣ | 1 | |
| 7 | Алоқаи калима дар ибора: изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ | 1 | |
| | Таҳлили наҳвии ибора | | |
| | Ҷумлаи сода | | |
| 8. | Ҷумлаи сода аз ҷиҳати маъно, мақсад ва оҳанг | 1 | |
| 9. | Тартиби калима дар ҷумла, оҳанги талаффузи ҷумлаи сода ва задаи мантиқӣ | 1 | |
| 10. | Диктанти санҷиш | 1 | |
| 11-12. | Кор бо матни лутф (комплимент) | 2 | |
| IV. | Ҷумлаи содаи дутаркиба | | |
| | Саръзоҳои ҷумла | 5+2=7 | |
| 13. | Мубтадо ва ифода шудани он | 1 | |
| 14. | Хабар ва ифода шудани он | 1 | |
| 15. | Навъҳои хабар: хабарҳои феълӣ | 1 | |
| 16. | Хабарҳои номӣ | 1 | |
| 17. | Аломати тире дар байни мубтадо ва хабар | 1 | |
| 18-19. | Кор бо матни репортаж | 2 | |
| V. | Аъзоҳои пайрави ҷумла | 11+4=15 | |
| 20. | Маълумот дар бораи аъзоҳои пайрави ҷумла: пуркунанда | 1 | |
| 21. | Навъҳои пуркунанда: бевосита ва бавосита | 2 | |
| 22. | Муайянкунанда ва ифода шудани он | 1 | |
| 23. | Муайянкунандаи изофӣ ва беизофа | 1 | |
| 24. | Баёния ва фарқи он аз муайянкунанда | 1 | |
| 25-26 | Кор бо матни аннотатсия | 2 | |
| 27. | Ҳол ва навъҳои он. Ҳоли замон ва макон | 1 | |
| 28. | Ҳоли миқдору дараҷа ва шарт | 1 | |
| 29. | Ҳоли сабабу мақсад | 1 | |
| 30. | Ҳоли шарту хилоф | 1 | |
| 31. | Диктанти санҷиш | | |
| 32-33 | Кор бо матни аннотатсия | 2 | |
| VI. | Ҷумлаи содаи яктаркиба | 5+2=7 | |
| 34. | Навъҳои ҷумлаи содаи яктаркиба: ҷумлаи муайяншахс | 1 | |
| 35. | Ҷумлаи номуайяншахс | 1 | |
| 36. | Ҷумлаи умумишахс | 1 | |
| 37. | Ҷумлаи бешахс | 1 | |
| 38. | Ҷумлаи унвонӣ | 1 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Таҳлили наҳвии ҷумлаи содаи яктаркиба | | |
| VII. | Ҷумлаи пурра ва нопурра | | |
| 39. | Ҷумлаи пурра ва нопурра | 1 | |
| 40-41. | Кор бо матни эссе | 2 | |
| VIII. | Ҷумлаи чидааъзо | 4+2=6 | |
| 42. | Маълумот дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо | 1 | |
| 43. | Пайвандакҳои пайвасткунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо | 1 | |
| 44. | Калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо ва аломатҳои китобат дар он | 1 | |
| 45 | Диктанти санҷиш | 1 | |
| 46-47. | Кор бо матни репортаж | 2 | |
| | Таҳлили наҳвии ҷулаҳои чидааъзо | | |
| 9. | Мухотаб | 2+2=4 | |
| 48. | Мухотаб ва вазифаи он | 1 | |
| 49. | Аломати китобат дар мухотаб. Оҳанги хониши ҷумлаҳои мухотабдор | 1 | |
| 50-51. | Кор бо матни лутф (комплимент) | 2 | |
| 10. | Калима ваибораҳои туфайлӣ | 3+2=5 | |
| 52. | Калима ва ибораҳои туфайлӣ ва тобишҳои гуногуни маъноии онҳо | 1 | |
| 53. | Навъҳои калима ва ибораҳои туфайлӣ аз рӯи маъно | 1 | |
| 54. | Истифодаи аломатҳои китобат вобаста ба ҷойи калимаю ибораҳои туфайлӣ | 1 | |
| 55-56. | Кор бо матни тақриз | 2 | |
| 11. | Аъзоҳои истисноии (иловагии ҷумла) | 4+2=6 | |
| 57. | Маълумот дар бораи аъзоҳои истисноии ҷумла | 1 | |
| 58. | Баёнияи истисноӣ ва аломатҳои китобат дар он | 1 | |
| 59. | Ҳолҳои истисноӣ ва аломатҳои китобат дар онҳо | 1 | |
| 60 | Диктанти санҷиш | 1 | |
| 61-62 | Кор бо матни аннотатсия | 2 | |
| 12. | Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда | 2+2=4 | |
| 63. | Маълумот дар бораи махсусиятҳои нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Нутқи айнан нақлшуда. | 1 | |
| 64 | Нутқи мазмунан нақлшуда. Муколама – як навъи нутқи айнан нақлшуда. | 1 | |
| 65-66. | Кор бо матни тақриз | 2 | |
| 13. | Такрори маводи дар синфи 8 омӯхташуда | 2 | |
| 67-68. | Ибора, ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ибораҳои туфайлӣ ва аъзоҳои истисноии ҷумла | 2 | |

# I.ЗАБОН ВА СУХАН
## § 1. ЗАБОНИ ТОҶИКӢ- ЗАБОНИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ

***Салоҳиятҳо:***

7.2.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, рисолати забон ва суханро дарк кардан; маълумоти кофӣ пайдо кардан оид ба қадимӣ, фасеҳу равон будани он ва офаридани асарҳои безавол дар ин забон.

Хонанда:

–дар бораи мақоми забон дар ҷомеа фикрашро баён мекунад;

–эҳтироми забони модариро бо мисолҳо мефаҳмонад;

–нақши забонро дар ҳаёти инсонҳо шарҳ медиҳад;

–дар бораи аҳамияти забон порaҳои шеърӣ ва суханони ҳикматнокро мисол меорад;

– мавқеи забони тоҷикиро дар байни забонҳои дигар мешиносад.

***Мақсадҳои дидактикӣ:***

– нақши забони тоҷикиро дар рушди адабиёти бадеӣ муайян карда тавонистан;

– талқини омӯхтани адабиёт бо мақсади рушди забони адабӣ;

– дар мавридҳои муносиб истифода бурдан аз осори адабӣ.

Маводи таълим: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс

I.Ташкили дарс:

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

***II. Баёни мавзӯи нав (лексия – суҳбат)***

Ангезиши зеҳн: Бо хонандагон оид ба аҳамияти забон дар ҳаёти инсон, нақши он дар пешрафти ҷомеа саволу чавоб ташкил намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед. ки фикрашонро бо далелҳо асоснок кунанд.

Саволу супориш:

• Фарқ ва аҳамияти забонро аз сухан бо далелҳои шарҳ диҳед.

• Киро суханвар гуфтан мумкин аст?

• Кадом суханварони машҳури тоҷикро аз гузашта то имрӯз номбар карда метавонед?

• Тоҷиконро бо кадом халқҳо ҳамзабон мегӯянд?

• Чаро аҳамияти забонро дар пешрафти ҷомеа ва дар ҳаёти инсон бориз медонанд?

***Кори гурӯҳӣ. Супориши 1: Хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо кунед талаб намоед, ки ба саволҳо вобаста ба мазмуни машқи 1 (саҳ.3) ҷавоб омода намоянд.***

Гурӯҳи 1: Аз суханони Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон кадом паҳлуҳои манфиатбахши забонро муайян кардед?

Гурӯҳи 2: Абушакури Балхӣ забонро ба чӣ ташбеҳ додааст ва чаро?

Гурӯҳи 3: Абулқосим Фирдавсӣ дар бораи сухан чӣ гуфтааст?

Гурӯҳи 4: Хушгӯиро чаро Носири Хусрав васф кардааст?

• Пурсед, ки кадом нуктаи марказӣ ҳамаи ин фикрҳоро муттаҳид мекунад?

Кори дунафара. Супориши 2: (Машқи 3. саҳ.4). Машқро мувофиқи шарти пешниҳодшуда иҷро намуда, онро пурра кунед ва ном гузоред.

• Шеърҳо ва суханони бузургонро дар васфи забон ба ёд оред.

• Ҷамъбаст ва арзёбии фаъолияти хонандагон;

Супориши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар мавзӯи “Забони мо – ҷаҳони мо” иншо нависанд. Муайян кунанд, ки калимаҳои иншои навиштаашон ба кадом ҳиссаҳои нутқ тааллуқ доранд.

## II. ТАКРОРИ МАВОДИ ДАР СИНФИ 7 (V–V11) ОМӮХТАШУДА
## §2.ОВОЗҲОИ НУТҚ ВА ТАРКИБИ КАЛИМА

Салоҳиятҳо:

7.2.1.Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти ичтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, рисолати забон ва суханро дарк кардан;

Хонанда:

– мавзӯъҳои омӯхташударо ба ёд меорад;

– донишҳои худро мустаҳкам мегардонад;

***Мақсадҳои дидактикӣ:***

– донишҳои пешинаро такмил додан;

– фарқ кардани воҳидҳои забонӣ, аз ҷумла, овоз, ҳарф, ҳиҷо, калима.

***Маводи таълим:*** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс

I.Ташкили дарс:

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар мавзӯи “Забони мо – ҷаҳони мо” иншо нависанд. Муайян кунанд, ки калимаҳои иншои навиштаашон ба кадом ҳиссаҳои нутқ тааллуқ доранд.

• Баррасии вазифаи хонагӣ. Муаррифии чанд иншои беҳтарин;

• Аз хонандагон талаб кунед, ки чанд калимаро таҳлили фонетикӣ намоянд;

• Муайян кардани беҳтарин матн аз ҷиҳати забон ва баён (бо такя ба донишҳои дар синфҳои поёнӣ гирифтаи хонандагон. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки аз ҷиҳати дурустии истифодаи калимаҳо беҳтарин матнро муайян кунанд ва фикри худро илман асоснок намоянд. Бигзор, дар исботи илмии фикри худ ба мушкилот рӯ ба рӯ шаванд ва мушкилотро қабул кунанд.)

• Саволу супориш:

1. Забон барои чӣ даркор аст?
2. Сухандонӣ чӣ аҳамият дорад?
3. Шумо киро сухандон мегӯед?
4. Дар синфи шумо хонандагони сухандон ҳастанд?
5. Шарҳ диҳед, ки сухандонӣ аз суханварӣ фарқ дорад ё не.

***III.Баёни мавзӯи нав. Овозҳои нутқ ва таркиби калима***

Ангезиши зеҳн: ҷалби хонандагон ба мавзӯъ ба тариқи саволу супориш:

1. Овозҳои нуткро кадом паҳлуи илми забоншиносӣ меомӯзад?
2. Овоз аз ҳарф чӣ фарқ дорад?
3. Алфавити забони тоҷикӣ аз чанд ҳарф иборат аст?
4. Таркиби ин калимаро муайян кунед: ҳамсинфҳоямон.

Кор дар гурӯҳҳо. Ҳалли машқҳои шифоҳӣ.

Супориши №1: Ба хонандагон гӯед, ки матнҳоро бодиққат хонанд ва талаби машқҳоро иҷро намоянд.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 1 (саҳ.5). Порчаро возеҳ хонед ва муайян кунед, ки калимаҳои ишорашуда чӣ маъно доранд. Матнро нависед.

Гурӯҳи 2: Ичрои машқи 2 (саҳ.5). Калимаҳои ҳар ду сутунро хонед. Чиро пай бурдед? Барои беғалат навиштан чӣ бояд кард? Бо ҳар кадом калимаҳои зерин ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 3 (саҳ.6). Калимаҳои ҳарду сутунро хонед ва маънояшонро шарҳ диҳед. Бо калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 4 (саҳ.6). Порчаро ифоданок хонед ва маънидод кунед. Муайян созед, ки кадом мисраъ ба унвони шеър мувофиқ аст.

Гурӯҳи 5: Ичрои машқи 5 (саҳ.7). Матнро ифоданок хонед ва гӯед, ки ҳадафи

асосии он дар чист.

Гурӯҳи 6: Иҷрои машқи 1 (саҳ.8). Порчаи манзумро ифоданок хонед ва маънидод кунед. Муайян созед, ки дар он калимаҳои маънои луғавидошта бештар истифода шудаанд ва ё маънои луғавӣ надошта.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

Кори инфиродӣ. Супориши №2: Иҷрои машқи 2 (саҳ.8). Фаҳмонед, ки порчаро хонанд ва маънои луғавии калимаро аз маънои грамматикӣ фарқ кунанд.

Калимаҳои забон аз рӯйи маънои грамматикӣ ва луғавиашон ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Масалан, калимаи дарахт номи нисбат ба намудҳои дарахт умумигардида мебошад, маънои луғавӣ дорад, калимаи тоҷикист ва серистеъмолу дар калимасозӣ сермаҳсул аст. Маънои грамматикии дарахт чунин аст: исм, танҳо (ҷамъ ҳам буда метавонад – дарахтон, дарахтҳо), исми ҷинс, моддӣ (конкрет) ва сода мебошад.

Мардон Муҳаммадиев

Савол ва супориш:

1. Маънои луғавӣ ва грамматикии китоб – ро дар ҷадвал шарҳ диҳед ва ба кори ҳамдигар баҳо гузоред.
2. Калимаҳои забон ба чанд гурӯҳ ҷудо мешудаанд?
3. Гӯед, ки порча ба кадом услуби забон мансуб аст.

| Т/р | Калима | Маънои луғавӣ | Маънои грамматикӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

Кори мустақилона миёни қаторҳо. Супориши №3: Ба хонандагон фаҳмонед, ки талаби машқҳоро хаттӣ иҷро намоянд.

Қатори 1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.9). Байтҳоро хонед ва маънидод кунед. Калимаҳои ишорашударо дар забон чӣ меноманд? Байтҳоро нависед.

Қатори 2: Иҷрои машқи 4 (саҳ.10). Порчаи шеъриро хонда, зидмаъно (антоним)-ҳои дар он бударо ёбед ва шарҳ диҳед. Сипас байтҳои калимаҳои зидмаънодорро нависед.

Қатори 3: Иҷрои машқи 1 (саҳ.11). Матнро хонда, ҳадафи нависандаро шарҳ диҳед. Калимаҳои ишорашударо навишта, асос ва бандакҳои онҳоро муайян кунед.

• Муаррифии корҳо.

• Савол ва супориш:

1.Фонетика (савтиёт) чиро меомӯзад?

2.Калима чист? Он чанд навъ маъно дорад, шарҳ диҳед.

3. Чӣ гуна калимаҳоро зидмаъно меноманд?

4.Муродиф чист, мисол оред.

5.Ҳамгунаҳоро бо мисолҳо фаҳмонед.

6.Таркиби калимаро чиҳо ташкил мекунанд?

Супориши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 2 (саҳ.12). Калимаҳои зеринро дар асоси нақшаи намуна аз рӯйи таркиб таҳлил намоед.

| Асос | | | |
|---|---|---|---|
| **пешванд** | **реша** | **пасванд** | **бандак** |
| **бо** | **хирад-** | **-и** | **-яш** |

Бетаъхир, ҳамроҳӣ, баргашт, бармаҳал, беситора, барнагаштанд, харобӣ, дуредгарӣ, сарбаландона, нохонда, намеомадааст, гуфтушунид.

## §3. САРФ ВА ҲИССАҲОИ НУТҚ

7.2.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, рисолати забон ва суханро дарк кардан.

Хонанда:

– мавзӯъҳои омӯхташударо ба ёд меорад;

– донишҳои худро мустаҳкам мегардонад.

***Мақсадҳои дидактикӣ:***

– донишҳои пешинаро такмил додан;

– фарқ кардани воҳидҳои забонӣ, аз ҷумла, овоз, ҳарф, ҳиҷо, калима.

Маводи таълим: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс

I.Ташкили дарс:

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 2 (саҳ.12). Калимаҳои зеринро дар асоси нақшаи намуна аз рӯйи таркиб таҳлил намоед.

| Асос | | | |
|---|---|---|---|
| **пешванд** | **реша** | **пасванд** | **бандак** |
| **бо** | **хирад-** | **-и** | **-яш** |

Бетаъхир, ҳамроҳӣ, баргашт, бармаҳал, беситора, барнагаштанд, харобӣ, дуредгарӣ, сарбаландона, нохонда, намеомадааст, гуфтушунид.

• Натиҷагирии кори хонандагон;

• Савол ва супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Фарқи овоз ва ҳарфро шарҳ диҳед.

2.Калима аз кадом қисмҳо таркиб меёбад?

III. Баёни мавзӯи нав. Сарф ва ҳиссаҳои нутқ

1. Ангезиши зеҳн: Иҷрои машқи 2 (саҳ.12). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки порчаро хонанд, исму сифат ва феълҳои онро дар се қатор нависанд ва тарзи сохта шуданашонро шарҳ диҳанд.

| Ҳиссаи нутқ | АСОС | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Пешванд | Реша | Пасванд | Бандак |
| Исм | | | | |
| Сифат | | | | |
| Феъл | | | | |

Супориши №1: Иҷрои машқи 1 (саҳ.12). Гӯед, ки фарқ ва умумияти ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро тариқи Диаграммаи Венн нишон диҳанд.

1. Ҳиссаҳои мустақили нутқ. 2. Ҳиссаҳои номустақили нутқ.




Супориши №2: Ба хонандагон фаҳмонед, ки дар асоси фарқҳои муайяншуда таърифи ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро маълум намоянд. Чунончи:

-Ҳиссаҳои мустақили нутқ калимаҳое ҳастанд, ки ------------------------.

-Вазифаи ҳиссаҳои номустақили нутқ аз -------------------------------- иборат аст.

-Ҳиссаҳои номустақили нутқ аз сабаби ------------------------------ ба вазифаи аъзоҳои ҷумла намеоянд.

Кор дар гурӯҳҳо. Супориши №3. Ҳалли машқҳои хаттӣ. Ба хонандагон фаҳмонед, ки матнҳоро дар гурӯҳҳо бодиққат хонанд ва талаби машқҳоро иҷро намоянд.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.13). Порчаро хонед ва маънидод кунед. Пайвандаку пешояндҳои дар он бударо ёфта нависед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 15 (саҳ.19). Ҷумлаҳоро нависед ва тарзи ташкили калимаҳои тақлидиро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 7 (саҳ.16). Ҷумлаҳоро нависед ва фразеологизмҳои ишорашударо шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо дар ҷумлаҳо ба чӣ вазифа омадаанд.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 10 (саҳ.17). Ба ҷойи нуқтаҳо фразеологизмҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро хонед ва баъд нависед.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 12 (саҳ.18). Матнро ифоданок хонед ва нақши ҳиссачаҳоро дар баён шарҳ диҳед (тибқи нақша). Ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

• Муаррифии корҳо.

Кори мустақилона

Супориши №4: Ба хонандагон супориш диҳед, ки машқҳоро дар қаторҳо баррасӣ намоянд.

Қатори 1: Иҷрои машқи 14 (саҳ.19). Ҳиссачаҳоро аз рӯйи маъно ва вазифа ба хелҳо ҷудо карда шарҳ диҳед.

Қатори 2: Иҷрои машқи 13 (саҳ.19). ҳиссачаҳоро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Қатори 3: Иҷрои машқи 16 (саҳ.20). Калимаҳои тақлидии зеринро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед ва хусусиятҳои онҳоро маънидод кунед.

•Баррасии корҳо;

• Савол ва супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Дар забон чанд ҳиссаи нутқ аст, номбар кунед.

2.Ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ кадомҳоанд?

3.Чаро ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ мегӯянд?

4.Пайвандакҳо барои чӣ лозиманд? Онҳо чанд навъ мешаванд?

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.16). Ба хонандагон гӯед, ки порчаро хонанд, феъл, феъли ҳол ва сифатҳои феълиашро муайян кунанд ва баъд нависанд. Барои боғайрату кордон шудан боз чӣ кор бояд кард? Дар мавзӯи “Одами бекор хор гардад” иншое нависанд.

## §4. УСЛУБҲОИ НУТҚ: УСЛУБИ ИЛМӢ

Салоҳиятҳо:

7.2.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, рисолати забон ва суханро дарк кардан;

Хонанда:

–мавзӯъҳои омӯхташударо ба ёд меорад;

–донишҳои худро мустаҳкам мегардонад;

***Мақсадҳои дидактикӣ:***

– донишҳои пешинаро такмил додан;

– фарқ кардани воҳидҳои забонӣ, аз ҷумла, овоз, ҳарф, ҳиҷо, калима.

Маводи таълим: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс

I.Ташкили дарс:

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.16). Ба хонандагон гӯед, ки порчаро хонанд, феъл, феъли ҳол ва сифатҳои феълиашро муайян кунанд ва баъд нависанд. Барои боғайрату кордон шудан боз чӣ кор бояд кард? Дар мавзӯи “Одами бекор хор гардад” иншое нависанд.

• Муаррифии корҳо;

• Савол ва супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Чаро ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ мегӯянд?

2. Пешоянд аз пешванд чӣ фарқ дорад?

3.Пасояндҳо кадомҳоянд?

4.Ҳиссачаҳо аз нидо чӣ фарқ мекунанд?

5.Чӣ гуна ифодаҳоро фразеологизм меноманд?

III. Баёни мавзӯи нав. Услубҳои нутқ: услуби илмӣ

Лексияи омӯзгор: Дар забони адабии тоҷик якчанд тарзи баён мавҷуд аст, ки онро услубҳои нутқ меноманд. Услубҳои нутқ гуфтугӯйӣ ва китобӣ мешаванд. Дар навбати худ услуби китобӣ ба чор навъ: бадеӣ, публисистӣ, расмии коргузорӣ ва илмӣ ҷудо мешавад. Ҳар як навъи услуби китобӣ махсусиятҳои луғавӣ ва грамматикӣ дорад, ки аз ҳам фарқ мекунанд.

Супориши №1. Иҷрои машқҳоро дар қаторҳо барои муайян ва дарк кардани услубҳои матнӣ ба хонандагон равона созед.

Қатори 1: Иҷрои машқи 1 (саҳ.20). Матнро хонед ва гӯед, ки он ба кадом услуб мансуб аст.

Қатори 2: Иҷрои машқи 2 (саҳ.21). Матнро хонед ва гӯед, ки он дар шакли тасвир баён шудааст ва ё муҳокима.

Қатори 3:. Иҷрои машқи 3 (саҳ.22). Порчаро хонда муайян кунед, ки он ба кадом услуби забон мансуб аст ва онро аз чӣ фаҳмидед. Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил кунед.

Кори инфиродӣ. Супориши №2: Иҷрои машқи 4 (саҳ.23). Ба хонандагон гӯед, ки мустақилона порчаро хонанд ва аниқ созанд, ки ба кадом услуб мансуб аст.

Супориши №3: Мантро хонда, ҷойи аломатҳои китобатро муайян кунед ва онро ба ду сархат ҷудо карда нависед.

• Баррасии корҳо;

• Саволҳо:

1. Дар забон чанд услуб будааст?
2. Чаро услуби илмӣ мегӯянд?
3. Ба услуби бадеӣ кадом асарҳо дохил мешаванд?
4. Услуби публисистӣ чӣ гуна услуб аст?

5. Дар коргузории идораҳо кадом услуб ба кор меравад?

6. Нақшаро аз рӯйи мазмун пур кунед:

Супориши №4: Нақшаро пур кунед. Нависед, ки ҳар як услуби зикршуда кадом жанрҳоро фаро мегирад.

| Бадеӣ | Публисистӣ | Расмии коргузорӣ | Илмӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.25). Ба расм диққат дода ном гузоред ва мазмуни онро хуб мулоҳиза кунед. Иншое нависед, ки мазмуни расмро пурра фаро гирад.

## III. НАҲВ ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ. ИБОРА ВА ҶУМЛА
## §5. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ИБОРА
## ФАРҚИ ИБОРА АЗ КАЛИМА, ТАРКИБ ВА ҶУМЛА

Салоҳиятҳои забонӣ: 8.1.1. Ибора, ҷумла, навъҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумларо шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистан.

8.1.2. Навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳангу мақсад шинохтан ва фарқ кардан, тартиби калимаро дар ҷумла ба назар гирифтан, задаи мантиқиро бамаврид гузоштан.

Хонанда:

–дар бораи ибора маълумоти бештар мегирад;

–ибораро аз калима, таркиб ва ҷумла фарқ карда метавонад;

–навъҳои ибораро дар матн ҷудо мекунад;

– аз калимаҳои додашуда ибора месозад;

–фарқи аъзоҳои ҷумларо дарк мекунад;

–навъҳои ҷумларо аз рӯйи оҳанг муайян карда метавонад;

–дар нутқаш аз навъҳои ҷумлаҳои сода бамаврид истифода мебарад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– фарқи ибораро аз калимаву таркиб ва ҷумла муайян кардан;

– аз калимаҳои ҷудогона ибора сохтан;

– иттилои бештар ба даст овардан.

Маводи таълим: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс

I.Ташкили дарс:

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбии дониши онҳо.

II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.25). Ба расм диққат дода, мазмуни онро хуб мулоҳиза кунед ва ном гузоред. Иншое нависед, ки мазмуни расмро пурра фаро гирад.

• Талаб кунед, ки хонандагон кори худро муаррифӣ карда, ба ҳамдигар баҳогузорӣ намоянд.

| /р | Номи хонанда | Мазмун | Имло | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III Баёни мавзӯи нав. Ибора ва ҷумла. Маълумот дар бораи ибора. Фарқи ибора аз калима, таркиб ва ҷумла

Кор дар гурӯҳҳо. Супориши №1: Ҳалли машқҳо барои шинохтани ибора

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.28). Хонед ва шарҳ диҳед, ки ибора аз калима чӣ фарқ дорад.

| Калима | Ибора | Фарқ |
|---|---|---|
| дарахт | дарахти мевадор | |
| китоб | китоби дарсӣ | |
| рафтан | тез рафтан | |
| тирамоҳ | Тирамоҳи заррин | |

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 1 (саҳ.26). Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз калимаҳои ҳарду сутун иборахо созанд. Ҳангоми иборасозӣ калимаҳои тобеъро дуруст интихоб намоянд.

| Т/р | Ибора | Калимаи асосӣ | Калимаи тобеъ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| 4. | | | | |

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 3 (саҳ.28). Нақшаро бодиққат аз назар гузаронед. Гӯед, ки ибора аз таркиб чӣ фарқ дорад.

| Таркиб | Ибора | Фарқият |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 5 (саҳ.29). Гӯед, ки матнро хонанд ва аниқ созанд, ки кадоме аз ифодаҳо ибора ва кадомӣ фразеологизманд. Сипас ибораҳоро дар сутуни аввал ва фразеологизмҳо (таъбирҳо)-ро дар сутуни дуюм нависанд.

| Т/р | Ибораҳои озод (наҳвӣ) | Ибораҳои фразеологӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| 4. | | | |
| 5. | | | |
| 6. | | | |

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 4 (саҳ.28). Гӯед, ки нақшаро бодиққат хонанд ва аз ҷумла чӣ фарқ доштани babораро шарҳ диҳанд:

| Фарқ | Ибора | Ҷумла |
|---|---|---|
| **Сохти махсус доштан** | **Мавҷуд будани калимаи асосӣ ва тобеъ: кишти тирамоҳӣ, нағз хондан** | **Мавҷудияти асосҳои грамматикӣ:** Зайнаб ба боғчаи бачагон рафт**. (Р.Ҷ.)** |
| **Аҳамият** | **Предмету амалро равшантар баён мекунад: китоб – китоби дарсӣ, навиштан – мактуб навиштан** | **Ахборро баён мекунад: Восеъ аспи худро дӯст медошт. (С.У.) Дар куҷо истиқомат карданӣ ҳастӣ? (С.У.)** |
| **Таъйинот** | **Барои алоқаи калима** | Воситаи муомилаю муносибат |
| **Оҳанг (дар нутқи шифоҳӣ)** | **Дорои оҳанги махсуси талаффуз нест** | Оҳанги махсус ва анҷоми кореро ифода мекунад |
| Аломати китобат дар хат (навишт) | Дар навишт аломати китобат талаб намекунад | Барои баёни фикр ва ҷудо кардани нутқ аломати китобат истифода мешавад |

• Ба хонандагон гӯед, ки кори худро муаррифӣ намуда, ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

– Ҷалби хонандагон барои таҳияи таърифи ибора ва ҷумла:

• Ду ва зиёда ____________ -ҳои _____________, ки яке ба дигаре __________ буда, як мафҳуми муайянро ифода мекунанд, __________ ном дорад.

• Калима ё гурӯҳи ____________________-ҳои ба ҳам ______________, ки як ________ -и томро ифода мекунанд, ҷумла номида мешавад.

Дар алоқамандӣ ба мисолҳои машқҳои 2 ва 3-и китоби дарсӣ (саҳ.29-30) ба хонандагон бо саволҳо муроҷиат кунед ва алоқаи калимаҳо дар ибораро маълум кунед. Чунончи:

– Агар калимаҳои таркиби ибора бо бандаки изофӣ алоқаманд шуда бошанд, ба ин гуна алоқа чӣ ном дода мешавад?

– Боз чӣ гуна алоқаро мушоҳида кардед?

Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо кунед.

Супориши №3: Ҳалли машқҳо

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.27). Ибораҳое тартиб диҳед ва нависед, ки калимаҳои зерин асосӣ бошанд.

Гул, хона, дӯст, шунидан, омадан, рафтан, ҷавон.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 4 (саҳ.27). Порчаро хонед ва маънидод кунед. Сипас ибораҳои ишорашударо нависед ва калимаҳои асосиашонро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 5 (саҳ.27). Мувофиқи нақшаи поён ибораҳо тартиб диҳед ва нависед.

| | |
|---|---|
| исм + исм | сифат + исм |
| исм + сифат | шумора + исм |
| исм + шумора | ҷонишин + сифат |
| исм + ҷонишин | зарф + феъл |
| шумора + исм | феъли ҳол + феъл |

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №4. Хонандагонро ба он ҷалб намоед, ки дар вобастагӣ ба донишҳои пайдокарда шиносномаи тахминии ибораро созанд. Чунончи:

1. Ибора аз------------------------------------ таркиб меёбад.
2. Дар таркиби ибора калимаҳо баробарҳуқуқ ------------------- .
3. Аз ин лиҳоз яке аз онҳо---------------- ва дигар калимаи таркиби ибора ба он --------------- номида мешаванд.

4. Ибора аз калима бо он фарқ мекунад, ки---------------------------------------------.
5. Ибора аз ҷумла бо он фарқ мекунад, ки---------------------------------------------.

**Пас ибора чунин воҳиди синтаксисӣ аст, ки**

1.---------------------
2.---------------------
3.----------------------

• Саволҳо:

1. Ибора чист?
2. Он аз калима ва ҷумла чӣ фарқ мекунад?
3. Ибора аз таркиб чӣ фарқ дорад?

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии дониши хонандагон.

Супориши вазифаи хонагӣ. Машқи 6. саҳ. 36. Ба хонандагон гӯед, ки дар ҷойҳои даркорӣ аломатҳои китобатро гузошта, матнро нависанд. Ибораҳои ду ҷумлаи аввалро муайян созанд ва маънидод кунанд.

## §6. НАВЪҲОИ АСОСИИ ИБОРА: ИСМӢ, ФЕЪЛӢ ВА ЗАРФӢ

Салоҳиятҳо:

8.1.1. Ибора, ҷумла, навъҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумларо шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистан.

Хонанда:

–дар бораи ибора маълумоти бештар мегирад;

–ибораро аз калима, таркиб ва ҷумла фарқ карда метавонад;

–навъҳои ибораро дар матн ҷудо мекунад;

– аз калимаҳои додашуда ибора месозад;

–фарқи аъзоҳои ҷумларо дарк мекунад;

–навъҳои ҷумларо аз рӯйи оҳанг муайян карда метавонад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Фарқи ибораро аз ҷумла муайян карда тавонистан;

–Ибораро ба навъҳо ҷудо кардан;

– Бо навъҳои ибора мисол овардан.

Маводи таълим: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс:

I.Ташкили дарс:

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.36). Ба хонандагон гӯед, ки дар ҷойҳои даркорӣ аломатҳои китобатро гузошта, матнро нависанд. Ибораҳои ду ҷумлаи аввалро муайян созанд ва маънидод кунанд.

•Арзёбии кори хонандагон ва аз назар гузарондани дафтарҳои даврӣ;

• Саволҳо:

1.Ибора аз калима чӣ фарқ дорад?

2.Фарқи ҷумла аз ибора дар чист?

• Ҷамъбасти мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

Баёни мавзӯи нав. Навъҳои асосии ибора: исмӣ, феълӣ ва зарфӣ

Кор дар қаторҳо. Супориши №1: Иҷрои машқи 1 (саҳ.26). Аз ибораҳои зер калимаҳои асосӣ ва тобеъро муайян кунед. Бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шудани онҳоро шарҳ диҳед.

Қатори 1: кишти тирамоҳӣ, дарахти тут, ҳалвои собунӣ;

Қатори 2: хеле калон, сурхи баланд, талхи шифобахш;

Қатори 3: китоб хондан, барвақт хестан, тозон рафтан.

| Т/р | Калимаи асосӣ | Калимаи тобеъ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |

• Кори хонандагон дар тахтаи синф натиҷагирӣ мегардад.

• Баррасии мисолҳо ва водор намудани хонандагон ба мавзӯи асосӣ тавассути саволҳо ва таҳияи қоида:

• Дар ибора кадом ҳиссаи нутқ асосӣ бошад, ибора ҳамон номро мегирад. Масалан, агар калимаи асосии ибора исм бошад, онро иборaи исмӣ, зарф бошад, ибораи зарфӣ, феъл бошад, ибораи феълӣ меноманд: одами доно ибораи исмист, зеро калимаи асосии он исм (одам) буда, калимаи тобеъ (доно) сифат мебошад.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №2: Иҷрои машқи 3 (саҳ.34). Ибораҳоро нависед ва аз рӯйи маъно аниқ созед, ки кадом калима асосӣ ҳисоб мешавад.

Гурӯҳи 1: хонаи калон, муҳаббат ба Ватан, ин масъала;

Гурӯҳи 2: хеле баланд, шер барин нотарс, аз санг вазнин;

Гурӯҳи 3: нағз хондан, ба Хуҷанд рафтан, китоб хондан, аз дарё гузаштан;

Гурӯҳи 4:  имрӯз омадагӣ, ба девор такякунон;

Гурӯҳи 5: дар корхона кор кардан, дар дафтар навиштан.

• Дар ҷадвал натиҷаи кори гурӯҳҳо баррасӣ мегарданд.

| Т/р | Калимаи асосӣ | Калимаи тобеъ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |

Кори инфиродӣ. Супориши №3: Иҷрои машқи 5 (саҳ.27). Ба хонандагон гӯед, ки ҳар кадом мустақилона мувофиқи тартиби зерин ибораҳо созанд ва нависанд.

исм + исм    исм + ҷонишин

исм +сифат    зарф + феъл

исм + шумора   феъли ҳол+ феъл

• Ба кори ҳамдигар баҳо гузоред.

•Саволҳо доир ба мавзӯъ;

•Ҷамъбасти дарс ва арзёбии дониши хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.34). Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба нақша бодиққат нигаранд ва сутуни холиро бо ибораҳои сохтаашон пур кунанд. Вобаста ба калимаи асосӣ навъи ибораро низ муайян созанд.

| Сохтори ибора | Мисолҳо | Навъи ибора |
|---|---|---|
| **Исм + исм**<br>**Исм + сифат**<br>**Исм +шумора**<br>**Исм + ҷонишин**<br>**Исм + зарф Феъл(масдар)+ исм Феъл + ҷонишин** | | |

## §7.АЛОҚАИ КАЛИМА ДАР ИБОРА: ИСМӢ, ВОБАСТАГӢ ВА ҲАМРОҲӢ. ТАҲЛИЛИ НАҲВИИ ИБОРА. ҶУМЛАИ СОДА

Салоҳиятҳо:

8.1.1. Ибора, ҷумла, навъҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумларо шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистан.

Хонанда:

–дар бораи ибора маълумоти бештар мегирад;

–ибораро аз калима, таркиб ва ҷумла фарқ карда метавонад;

–навъҳои ибораро дар матн ҷудо мекунад;

– аз калимаҳои додашуда ибора месозад;

–фарқи аъзоҳои ҷумларо дарк мекунад;

–навъҳои ҷумларо аз рӯйи оҳанг муайян карда метавонад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Фарқи ибораро аз ҷумла муайян карда тавонистан;

–Ибораро ба навъҳо ҷудо кардан;

– Бо навъҳои ибора мисол овардан.

Маводи таълим: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс

I.Ташкили дарс:

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.34). Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба нақша бодиққат нигаранд ва сутуни холиро бо ибораҳои сохтаашон пур кунанд. Вобаста ба калимаи асосӣ навъи ибораро низ муайян созанд.

| **Сохтори ибора** | **Мисолҳо** | **Навъи ибора** |
|---|---|---|
| **Исм + исм**<br>**Исм + сифат**<br>**Исм +шумора**<br>**Исм + ҷонишин**<br>**Исм + зарф**<br>**Феъл(масдар)+ исм**<br>**Феъл + ҷонишин** | | |

• Муаррифии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта:

1.Ибора чист?

2.Навъҳои ибора кадомҳоянд? Номбар кунед.

3.Ибора аз таркиб чӣ фарқ дорад?

III. Баёни мавзӯи нав. Алоқаи калима дар ибора: исмӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ. Таҳлили наҳвии ибора. Ҷумлаи сода

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1: Ҳалли машқҳо

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 1 (саҳ.29). Ба ибораҳо диққат дода, калимаи асосӣ ва тобеъро муайян кунед. Гӯед, ки калимаҳои тобеъ ба кадом ҳиссаи нутқ мансубанд.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 2 (саҳ.29). Ибораҳоро нависед ва муайян кунед, ки калимаҳои ибораҳо чӣ тавр ба ҳам алоқаманд шудаанд.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 3 (саҳ.30). Ибораҳоро хонда, роҳҳои алоқаи онҳоро номбар кунед. Кадом ҳиссаҳои нутқ ба сифати калимаи тобеъ омадаанд?

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 5 (саҳ.33). Ибораҳои зеринро хонед ва калимаҳои асосиашро муайян карда, маънои луғавӣ ва грамматикии онҳоро шарҳ диҳед.

Супориши №2: Ангезиши зеҳн. Ба хонандагон ҷумлае китобҳои дарсӣ пешниҳод кунед, ки дар шарҳи маънои он душворӣ кашанд. Чунончи: Агар хатҳои рост коэффитсенти кунҷии бо ҳам баробар дошта бошанд, онҳо ҳамдигарро намебуранд. Ба хонандагон фаҳмонед, ки барои кушодани ин гиреҳ табиати ҷумларо дар мисоли ҷумлаҳои сода омӯхтан лозим мешавад.

• Мубоҳиса дар атрофи навъҳои ҷумла аз ҷиҳати ифодаи мақсад ва маъно.

Сохтани шиносномаи ҷумла. Чунончи:

1.Ҷумла ------------------------------------ ифода мекунад.

2.Ҷумла аз ҷиҳати сохт___________________ ҷудо мешавад, чунончи-------------------------------------.

3.Ҷумлаҳо боз ------------------------------- доранд.

4.Ҷумлаҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:--------------------------------.

Дар асоси маълумоти гирдомада таърифи ҷумларо дар якҷоягӣ бо хонандагон созед. Чунончи:

– Ҷумла воҳиди синтаксисие аст, ки -------------------------------------, аз ҳамин ҷиҳат он аз ибора ва калима фарқ мекунад. Он метавонад аз---------------------- калима иборат бошад. Ҷумлаҳо аз ҷиҳатҳои зерин:------------------------ аз якдигар фарқ мекунанд.

Кори дунафара. Супориши №3: Ба хонандагон фаҳмонед, ки мустақилона таърифи ҷумларо таҳия намоянд. Фаҳмонанд, ки ҷумла хусусиятҳои зеринро дорост:

1.-----------------

2.-----------------

3.-----------------

Муаллим бояд кӯшиш кунад, ки хонандагон бештар хусусиятҳои ҷумларо ошкор кунанд. Бори дигар ҷумлаҳоро бо матни қоида муқоиса кунанд.

• Баррасии корҳо;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ:

1. Ибора чист?
2. Ибора аз калима ва таркиб чӣ фарқ дорад?
3. Тафовути ибора аз ҷумла дар чист?
4. Кадом ҳиссаҳои нутқ ҳиссаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунанд?
5. Кадом навъи ибораҳоро медонед?
6. Чаро ибораҳо ба навъҳо ҷудо мешавад?
7. Дар ибора кадом навъи алоқа вуҷуд дорад?

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии дониши хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.31). Нутқи мураттаб. Ба хонандагон фаҳмонед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки чӣ таассуроте гирифтанд. Онро чӣ ном муносиб аст? Ҷамъомадеро, ки барои рӯзҳои таҷлили ҷашни мардумӣ доир гашта буд, ба ёд оварда, дар иншое (нақле) тасвир кунанд. Дар зери ибораҳои он хат кашанд.

## §8.ҶУМЛАИ СОДА АЗ ҶИҲАТИ МАЪНО, МАҚСАД ВА ОҲАНГ

Салоҳиятҳо:

8.1.2. Навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳангу мақсад шинохтан ва фарқ кардан, тартиби калимаро дар ҷумла ба назар гирифтан, задаи мантиқиро бамаврид гузоштан.

Хонанда:

–навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳангу мақсад мешиносад;

–онҳоро дар матн фарқ карда метавонад;

–дар ҷумла мавриди истифодаи калимаҳоро меомӯзад;

–аҳамияти задаи мантиқиро дар матн дарк мекунад;

–дар нутқаш аз навъҳои ҷумлаҳои сода бамаврид истифода мебарад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Навъҳои ҷумларо аз рӯйи мазмуну оҳанг муайян карда тавонистан;

–Мавриди истифодаи ҷумлаи сода ва аломатҳои китобатро дар он дарк кардан;

– Бо навъҳои ҷумла мисол овардан.

Маводи таълим: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс:

I.Ташкили дарс:

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.31). Нутқи мураттаб. Ба хонандагон фаҳмонед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки чӣ таассуроте гирифтанд. Онро чӣ ном муносиб аст? Ҷамъомадеро, ки барои рӯзҳои таҷлили ҷашни мардумӣ доир гашта буд, ба ёд оварда, дар иншое (нақле) тасвир кунанд. Дар зери ибораҳои он хат кашанд.

• Баррасии кори хонандагон: ба хонандагон гӯед, ки ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд, дурустии баҳои онҳо (интихобан) санҷида шавад.

| /р | Номи хонанда | Мазмун | Имло | Баҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| . | | | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаи сода аз ҷиҳати маъно, мақсад ва оҳанг

Супориши №1: Гӯед, ки матнро бонавбат хонанд ва ба оҳанги хониши ҷумлаҳо диққат кунанд. Пурсед, ки:

• Чиро пай бурданд?

• Ҷумлаҳо аз рӯйи оҳангу чанд навъ мешаванд?

Супориши №2:

Иҷрои машқи 3 (саҳ.39). Ба ҷумлаҳо феълҳои мувофиқ илова карда нависанд ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ диҳанд.

1. Баҳром ба хона ... ва ба рӯйи дивани кухна ... .
2. Шумо боз аз кадом орзуҳо .. .
3. Соҳибхона хомӯш то дари ҳавлӣ онҳоро ...
4. Дар шуъбаи дастнависҳо … ?
5. Муҳсин либосҳояшро ... ба хонаи берун ....

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №3: Иҷрои машқи 2 (саҳ.43). Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаҳоро бо риояти оҳанг хонанд ва сипас онҳоро навишта, воситаҳои ифодаи ҷумлаҳои саволиро шарҳ диҳанд.

1. Чаро ӯ ин қадар асабонӣ мешавад? (С.Т.)
2. Хуршед дар мактаб аст?
3. Шумо ҳозир омадед?
4. Оё, Шумо ба худи Зебӣ гап задед? (Ф.Н.)
5. Магар ҳамин ҳам кор аст? (П.Т.)
6. Вай ба ту кӣ мешавад? (П.Т.)

• Ба хонандагон гӯед, китаърифи ҷумлаи саволиро таҳия намоянд:

• Ҷумлае, ки дар он хабари ҷумла ба тариқи _______________ ифода меёбад, ҷумлаи саволӣ ном дорад. Дар охири ҷумлаи саволӣ аломати __________ гузошта мешавад.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №4: Ба хонандагон супориш диҳед, ки машқҳои додашударо ба таври шифоҳӣ ҳал намоянд.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 4 (саҳ.43). Порчаҳоро ифоданок хонед ва гӯед, ки дар ташкили ҷумлаҳои саволӣ кадом воситаҳо нақш доранд.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 1 (саҳ.44). Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки амр бо кадом

феълҳо ифода ёфтааст.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 3 (саҳ.45). Порчаро хонед, ҷумлаҳои амриро муайян сохта, маъноҳои онҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 4: Ичрои машқи 2 (саҳ.47). Порчаҳоро ифоданок хонед. Гӯед, ки ҷумлаҳои саволӣ аз хитобӣ дар талаффуз чӣ фарқ доранд.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 5 (саҳ.44). Дар мавзӯе муколама тартиб дода, аз ҷумлаҳои саволӣ дуруст истифода баред.

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №5: • Ба хонандагон гӯед, ки бо истифода аз ҷумлаҳои машқи 5 (саҳ.46) ва машқи 3 (саҳ.48) умумият ва фарқи байни ҷумлаҳои хитобӣ ва амриро дар гурӯҳҳои дунафара муайян карда, ҷадвалро пур кунанд.

| Махсусият | Машқи 5 (саҳ.46) | Машқи 3 (саҳ.48) |
|---|---|---|
| Фарқ | | |
| Умумият | | |

Сохтани шиносномаи ҷумла. Чунончи:

1. Ҷумла ------------------------------------- ифода мекунад.
2. Ҷумла аз ҷиҳати сохт ҷудо мешавад, чунончи----------------------------------------
3. Ҷумлаҳо боз -------------------------------- доранд.
4. Ҷумлаҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд.-------------------------------.

Дар асоси маълумоти гирдомада таърифи ҷумларо дар якҷоягӣ бо хонандагон таҳия кунед:

Ҷумла воҳиди синтаксисие аст, ки --------------------------------------, аз ҳамин ҷиҳат он аз ибора ва калима фарқ мекунад. Ҷумла метавонад аз-------------- калима иборат бошад. Ҷумлаҳо аз ҷиҳатҳои зерин:------------------------- аз якдигар фарқ мекунанд.

• Саволҳо барои мустаҳкамгардонии мавзӯъ.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 3 (саҳ.41). Ба хонандагон гӯед, ки порчаро такмил диҳанд ва аз ҷумлаҳои ҳикоягӣ истифода баранд.

## §9.ТАРТИБИ КАЛИМА ДАР ҶУМЛА, ОҲАНГИ ТАЛАФФУЗИ ҶУМЛАИ СОДА ВА ЗАДАИ МАНТИҚӢ

Салоҳиятҳо:

8.1.2. Навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳангу мақсад шинохтан ва фарқ кардан, тартиби калимаро дар ҷумла ба назар гирифтан, задаи мантиқиро бамаврид гузоштан.

Хонанда:

–навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳангу мақсад мешиносад;

–онҳоро дар матн фарқ карда метавонад;

–дар ҷумла мавриди истифодаи калимаҳоро меомӯзад;

–аҳамияти задаи мантиқиро дар матн дарк мекунад;

–дар нутқаш аз навъҳои ҷумлаҳои сода бамаврид истифода мебарад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Навъҳои ҷумларо аз рӯйи мазмуну оҳанг муайян карда тавонистан;

–Мавриди истифодаи ҷумлаи сода ва аломатҳои китобатро дар он дарк кардан;

– Бо навъҳои ҷумла мисол овардан.

Маводи таълим: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

Равиши дарс

I.Ташкили дарс:

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбии дониши онҳо.

II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 3 (саҳ.41). Ба хонандагон гӯед, ки порчаро такмил диҳанд ва аз ҷумлаҳои ҳикоягӣ истифода баранд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III Баёни мавзӯи нав. Тартиби калима дар ҷумла, оҳанги талаффузи ҷумлаи сода ва задаи мантиқӣ

Эзоҳи омӯзгор: Ҷойи калимаҳо дар забони тоҷикӣ нисбатан устувор аст. Одатан тартиби калимаҳо дар ҷумла чунин мебошад: мубтадо, ҳоли замон, пуркунанда, муайянкунанда, ҳоли макону тарзи амал ва хабар.

Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 1 (саҳ.53). Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро хонда аниқ созанд, ки кадом калимаҳо ҷавоб талаб мекунанд ва ҷойи онҳоро шарҳ диҳанд.

1. Шукрона дар ҳавлии ҳамсоя бо кӣ бозӣ карда гаштааст?
2. Шукрона дар ҳавлии кӣ бо дугонааш бозӣ карда гаштааст?
3. Шукрона дар кӯҷо бо дугонааш бозӣ карда гаштааст?
4. Кӣ дар ҳавлии ҳамсоя бо дугонааш бозӣ карда гаштааст?

• Аз хонандагон пурсед, ки чӣ фаҳмиданд, хулосаашонро баён кунанд.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1: Ҳалли машқҳои шифоҳиро ба хонандагон супориш диҳед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.53). Ҷумлаҳоро хонда муқоиса кунед ва фарқи маънои онҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 3 (саҳ.54). Ҷумлаҳоро хонда бо ҳам муқоиса намоед. Гӯед, ки онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд?

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 2 (саҳ.56). Ҷумлаҳоро чунон хонед, ки задаи мантиқӣ ба калимаҳои ишорашуда афтад.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 7 (саҳ.55). Ин ҷумлаҳоро хонда муқоиса кунед ва хулосаатонро гӯед.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 1 (саҳ. 56). Ҷумлаҳоро хонед ва ба талаффузи калимаҳои ишорашуда диққат диҳед. Аз ҷиҳати тобиши маъно ҷумлаҳо фарқ мекунанд ё не?

**Мо** аз саҳро дирӯз омадем.

Мо **аз саҳро** дирӯз омадем.

Мо аз саҳро **дирӯз** омадем.

Мо аз саҳро дирӯз **омадем**.

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №2: Ҳалли машқҳои хаттӣ. Ба гурӯҳҳо мутаносибан иҷрои машқҳои зеринро тавсия диҳед:

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 5 (саҳ. 55). Ба саволҳо ҷавоби пурра навишта, зери калимаҳои зарурӣ хатти рост кашед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 4 (саҳ. 54). Матнро ифоданок хонед. Сипас онро нависед ва ба аломатҳои китобати ҳар як ҷумла диққат диҳед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 6 (саҳ. 55). Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла хат кашед. Гӯед, ки ҷойивазкунии калимаҳо ба маънои ҷумлаҳо чӣ таъсире расонид.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 3 (саҳ. 57). Ҷавоби ҷумлаҳоро ёбед ва нависед.

1. **Заҳро** фардо ба музей меравад ё каси дигар?
2. Заҳро **фардо** ба музей меравад ё ягон рӯзи дигар?
3. Заҳро фардо **ба музей** меравад ё ягон ҷойи дигар?
4. Заҳро фардо ба музей **меравад ё намеравад**?

Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши №3: Иҷрои машқи 4 (саҳ.57). Ба хонандагон чунин супориш диҳед: тавре савол гузоред, ки ҷумлаҳо ҷавоби онҳо бошанд.

...? **Имрӯз** дар мактаб озмун доир мегардад.

...? Имрӯз **дар мактаб** озмун доир мегардад.

...? Имрӯз дар мактаб **озмун** доир мегардад.

…? Имрӯз дар мактаб озмун **доир мегардад**.

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон фаҳмонед, ки аз матнҳои бадеӣ ба ҳар навъи ҷумлаи сода (аз рӯйи оҳанг) дуҷумлаӣ нависанд, ба тартиби калимаҳо дар ҷумлаҳо, оҳанги талаффузи ҷумлаҳо ва задаи мантиқии онҳо диққат диҳанд.

## §10. ДИКТАНТИ САНҶИШ

Санати мусиқии халқи тоҷик

Санъати мусиқии халқи тоҷик, ки саҳнаро дар ҷӯшу хурӯш меорад, ҳавоҳои халқии ӯст. Сарчашмаи асосии ҳавоҳои халқии тоҷик худи халқ, хусусан халқи кӯҳистони тоҷик аст, ки ин сарчашма мисли чашмаҳои кӯҳӣ ҳамеша фаввора зада, ҳавоҳои тоза ба тоза бароварда истодааст.

Халқи кӯҳистонро, гуфтан мумкин аст, ки зану мард қариб ҳама шоир, ҳама созанда, ҳама навозанда, ҳама хонанда ва ҳама раққосанд.

Фарзандони халқи кӯҳистони тоҷик баробари ба пой даромадан ва забон баровардан мусиқанавозӣ, сурудхонӣ, шеъргӯӣ ва раққосиро машқ мекунанд. Барои ин сухани мо писарони хурдсоли санъаткори машҳури тоҷик Шариф Ҷӯраев ва даҳҳо писарчагон ва духтарчаҳо, ки барои иштирок кардан ба Декадаи санъати тоҷик аз Кӯҳистони Бадахшон – аз Помир омадаанд, мисол шуда метавонанд.

Санати мусиқии халқи тоҷик чунон шӯрангез, чунон таъсиромез, чунон шавқовар ва чунон рӯҳпарвар аст, ки шунавандагонро ба ҷӯшу хурӯш меоварад ва ба онҳо шавқу ҳавас мебахшад.

Як хусусияти мусиқии халқии тоҷик дар ин аст, ки бештарин шеърҳое, ки дар он ҳавоҳо хонда мешаванд, халқӣ буда, аз тарафи бастакорон он ҳавоҳо гуфта шудаанд.

Садриддин Айнӣ

## §11. КОР БО МАТНИ ЛУТФ (КОМПЛИМЕНТ) (Дарси 1)

Салоҳиятҳо:

8.2.2. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри лутф (комплимент), баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни лутф (комплимент), мавриди истифодаи лутф (комплимент)-ро донистан ва истифода бурдан аз он.

Хонанда

–лутф (комплимент)-ро таҳлил мекунад, шакл ва сохтори онро мегӯяд;

– суханҳои илтифотомезро тағйир медиҳад;

–бо воситаҳои тасвир ва ифодаҳои лутфомез бештар шинос мегардад;

–лутф (комплимент)-ро таҳия карда, бамаврид истифода бурдани онро меомӯзад.

Мақсадҳои дидакикӣ:

–Ба мазмуну моҳияти лутф (комплимент) сарфаҳм рафтан;

–Лутф (комплимент)ро аз латифа фарқ карда тавонистан;

–Мавриди истифодаи лутф (комплимент)-ро донистан;

–Лутф (комплимент)-ро таҳия карда тавонистан.

–Равиши дарс

–I. Ташкили дарс:

–-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

–-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

–-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон фаҳмонед, ки аз матнҳои бадеӣ ба ҳар навъи ҷумлаи сода (аз рӯйи оҳанг) дуҷумлаӣ нависанд, ба тартиби калимаҳо дар ҷумлаҳо, оҳанги талаффузи ҷумлаҳо ва задаи мантиқии онҳо диққат диҳанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни лутф (комплимент)

Кори инфиродӣ. Супориши №1: Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо истифода аз санъати ташхис ба забон муроҷиат карда, васфи онро кунанд. Бигзор, як ё дуҷумлаӣ созанд.

Кори дунафара. Супориши №2: Ба гурӯҳҳои дунафара супориш диҳед, ки васфи дӯсти беҳтарин намоянд ва дар гурӯҳҳои чорнафара (дар шакли муроҷиат ба дӯст)матни беҳтаринро муаррифӣ намоянд. Ба аҳли синф супориш диҳед, ки матни беҳтаринро муайян намоянд.

Ангезиши зеҳн: Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи чунин муроҷиат лутфомез ба дӯст чӣ медонанд.

| Жанр | Аломат (савол) | Моҳият |
|---|---|---|
| Лутф (комплимент) | барои чӣ гуфта мешавад? | |
| | барои кӣ гуфта мешавад? | |
| | аз ҷиҳати тавр аст? | |
| | кадом воситаҳои забонӣ бештар истифода мешавад? | |
| | | |

Кори гурӯҳӣ. Супориши №3: Маълумоти назариявиро дар бораи лутф (комплимент) мустақилона хонед ва дар гурӯҳҳо бо омӯзгор баррасӣ намоед. Талаботи муҳимтаринро аз онҳо ҷудо кунед (шояд номи мавзӯъ, фарқ, махсусият...).

Гурӯҳи 1. Ифодаи лутф кардан, лутф доштан ва ё лутфомез сухан гуфтан дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии мардуми мо маъмул аст. Намунаҳои бамаҳорат гуфтаю навиштаи адибони тоҷику форс (У. Зоконӣ, Муҳаммад Авфӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Восифӣ ва ғайраҳо) ин гуфтаи моро тасдиқ мекунанд. Ин ифодаро метавон муодили вожаи «комплимент»-и русӣ (лотинӣ) ҳисобид. Дар байни аҳли адаб ин ифода ҳар хел маънидод мегардад: Аз ин рӯ, гурӯҳе вожаи хушгӯӣ, гурӯҳи дигар илтифот ва гурӯҳи севум таоруфро муносиб медонанд. Ба назар чунин мерасад, ки истифодаи вожаи «лутф» (ё комплимент) беҳтар аст, зеро он фарогири матлаб мебошад.

«Лутф» дар фарҳангҳо чунин шарҳ ёфтааст: нармӣ ва тозагӣ («Ғиёс-ул-луғот»), нармӣ ва нозукӣ дар кору кирдор, ҳадя ва меҳрубонӣ кардан; ёрӣ додан; нигаҳбонӣ ва ҳимоят кардан («Мунтахаб-ул-луғот»), нармӣ, меҳрубонӣ, накӯӣ («Фарҳанги форсии Амид»), нармӣ намудан, меҳрубонӣ кардан; нармӣ, рафқ, мадоро, меҳр; хушрафторӣ; некуӣ, некукорӣ; нарм, базл, бахшиш; хусусияте аз ҷо…, дақиқае аз зебоӣ («Фарҳанги форсии Муин» ҷ.3. саҳ.359).

Гурӯҳи 2. Лутфи латиф, яъне лутф ин қадру қимат ё эътибори инсонро аз будаш зиёд карда нишон додан аст. Лутф аз хушомадгӯию писханду тамасхур орӣ мебошад. Дар лутф танҳо муболиға ба назар мерасад.

Муқоиса кунед: Ин ранг бароят бисёр мувофиқ (лутф) «Ту аз ҳама зеботар» (ин хушомад буда, дағалу дурушт аст, он аксар қабул намегардад). Дуруст аст, ки одамоне ҳастанд, ки хушомаду тамаллуқро дӯст медоранд. Дар ҳар сурат аскарияти одамон ба хушомад нафрат доранд.

Баъзеҳо ба моҳияти лутф дуруст сарфаҳм намераванд ва онро таъриф мепиндоранд ва мегӯянд: «Э, биё мон ҳамон гапҳоятро. Дуруст аст, ки лутфгӯӣ ҳам мавқеи худро дорад.» Дар сурати бемавқеъ истифода бурдани лутф, он сабаби ранҷиши мусоҳиб шуданаш аз эҳтимол дур нест.

Гурӯҳи 3. Лутфу таъриф як чиз нестанд. Воқеан, таъриф баҳои мусбат аст ва одатан он аз тарафи калонсолон гуфта мешавад. Лутфро ҳам калонсолон ва ҳам дар синну сол хурдон истифода мебаранд.

Шояд беҳтарин лутф он бошад, ки ноомаду ноуҳдабароии худро зикр карда, ҳамзамон дигареро таъриф кунӣ. Масалан, ду роҳбари муассиса бо ҳам вомехӯранд. Яке ба дигарӣ мегӯяд: « Чӣ тавр ту дар як он тавонистӣ, ки калонро яъне, роҳбари аслиро ба гап дарорӣ: Ман дирӯз қариб ду соат бо ӯ суҳбат доштам, вале розӣ карда натавонистам. Агар ту мешудӣ, дар панҷ дақиқа масъаларо ҳал мекардӣ?».

Лутф ҳам асос дорад. Қабули лутф ҳам лаҳзаи мувофиқ ва вақти муайян дорад. Агар лутф бемавқею беҷо гуфта шавад, баъзан боиси ранҷиши ҳамкору мусоҳиб мегардад. Масалан, ҳамкор, дӯсти қадрдон ва ё мусоҳиби шумо тамоми шаб ба иллати дарди дандон ё ҳодисаи дигаре нахобида ва чашмҳо сурху рангу рӯ парида вомехӯраду Шумо ба афту андом, яъне ҳолати зоҳирии ӯ таваҷҷуҳе накарда мегӯед: «Имрӯз бисёр ҷавон ба назар менамоед». Худ қазоват бикунед ва худро ба ҷойи ӯ тасаввур намоед. Чӣ лутфгӯии бемавқеъ. Аслан, мақоле ҳаст, ки чунин садо медиҳад: «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад».

Гурӯҳи 4. Лутф кардан ҳам вақту лаҳзаи муносиб дорад. Агар лутф бамавқею ба ҷо гуфта шавад, басо фораму хушҳолкунанда аст. Мусоҳиб аз лутфҳои муносибу мувофиқ ва бамавқеъ курта-курта гӯшт мегирад, эҳсоси шавқу завқ ва фараҳу шодмонӣ ӯро фаро мегирад. Ва шояд чандвақтина ғаму андӯҳаш тавассути шунидани лутф аз дил ва ҷисму ҷонаш барояд. Ӯ дар ҳамин лаҳза худро хеле сабуку болидарӯҳ эҳсос мекунад. Агар ба чеҳрааш дурусттар нигаред, пай мебаред, ки шодмоние, шавқу завқи болидахотирӣ дар ҷисму ҷонаш ҳувайдост.

Лутфи ҳақиқию воқеӣ бояд чунин бошад, яъне дар он таҳқиру танз ва ҳаҷву писханд бояд роҳ наёбад. Чунон ки дар оғози матн хондед. лутфи воқеӣ ҳамеша муҳтавои мусбат дошта, мусоҳибро бояд рӯҳбаланду болидахотир созад.

Гурӯҳи 5. Ёдовар шудан лозим аст, ки лутф бештар хоси нутқи гуфтугӯист ва он бо мурури замон дар адабиёти пешину имрӯз мақоми барҷаста пайдо кардааст. Дар зер чанд лутф чун намуна меорем, ки ба масъалаҳои гуногун бахшида шудаанд.

Дугонаҳо ё ҳамкорон чанде бо ҳам вонахӯрда буданд. Тасодуфан дар кӯча ё чорабиние бо ҳам вохӯрданд. Он зани шинос дар даст тифле дошт. Баъди салому алейк ҳамкорон ба ӯ гуфтанд: «Аҷаб кӯдаки зебост. Табиист, ки аз зани зебо тифли хушрӯ ба дунё меояд.» Дар ин асно модар чунон қаноатманд мегардад, ки онро дар симои модар бараъло эҳсос мекунед. Аз хушҳолӣ чеҳраи модар сурх гашта, як шодмоние ӯро фаро мегирад.

Возеҳ аст, ки падару модар чунин лутфро ба худ қабул мекунанд ва хушҳол мегарданд.

Супориши №4: Ба хонандагон супориш диҳед, ки хулосаҳояшонро дар дафтарҳо нависанд:

• Лутф (комплимент)-ро …. (шарҳи маънӣ)….

2. Лутф аз латифаҳо бо …. фарқ мекунад.

3. Лутф тамасхур, сарзаниш ва таҳқиру танқидро фарогир ….

4. Аслан лутф (комплимент) хоси услуби ….. аст.

5.Лутф (комплимент) дар (адабиёти бадеӣ ё дар услуби гуфтугӯӣ?) мақоми бештар дорад.

6. Лутф (комплимент) таъриф ва тамаллуқу хушомадро (меписандад ё не?).

7.Лутф (комплимент) бештар мавзӯъҳои …ро фаро мегирад.

Супориши №5: Ба хонандагон фаҳмонед, ки чанд намунаи лутф (комплимент)ро нависанд.

• Баррасии натиҷаи кори хонандагон.

➢ Ҷадвали зеринро дар дафтарашон кашанд. Мавқеи худро дар кори ҳампаҳлуяшон нишон диҳанд:

| Т/р | Лутф (комплимент) | Ғалат | Талабот | Илова ба қоида | Б ахо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| Баҳои умумӣ | | | | | |

Супориши №6: Муаллим бо ёрии хонандагон таърифро ба тартиб медарорад. Хонандагон дар бораи камбудиҳои таъриф ақидаи худро иброз дошта, иловаҳои худро пешкаш мекунанд.

-Лутф ба хотири --------------------- гуфта мешавад.

-Лутф ҳаҷман --------------------------------------- мешавад.

-Ҳаҷман -------------- будани он ба хотири он аст, ки -------------------.

-Дар илтифот суханони --------------------- ба мақсад мувофиқ аст.

Савол ва супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1. Фарқи ибораро аз калима, таркиб ва ҷумла шарҳ диҳед.
2. Ибораҳо аз рӯи воситаи алоқа чанд навъ мешаванд?

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гирдоварии чанд намунаи лутф (комплимент)ро аз гуфтори мардум супориш диҳед.

## §12. КОР БО МАТНИ ЛУТФ (КОМПЛИМЕНТ) ВА МАВҚЕИ ОН (Дарси 2)

Салоҳиятҳо:

8.2.2. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри лутф (комплимент), баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни лутф (комплимент), мавриди истифодаи лутф (комплимент)ро донистан ва истифода бурдан аз он.

Хонанда:

–лутф (комплимент)ро таҳлил мекунад, шакл ва сохтори онро мегӯяд;

– суханҳои илтифотомезро тағйир медиҳад;

–бо воситаҳои тасвир ва ифодаҳои лутфомез бештар шинос мегардад;

–лутф (комплимент)ро таҳия карда, бамаврид истифода бурдани онро меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ба мазмуну моҳияти лутф (комплимент) сарфаҳм рафтан;

–Лутф (комплимент) – ро аз латифа фарқ карда тавонистан;

–Мавриди истифодаи лутф (комплимент) – ро донистан;

–Лутф (комплимент) – ро таҳия карда тавонистан.

–Равиши дарс

–I. Ташкили дарс:

–-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

–-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

–-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гирдоварии чанд намунаи лутф (комплимент)-ро аз гуфтори мардум супориш диҳед.

• Кори худро муаррифӣ намоянд ва ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

| Т/р | Лутф (комплимент) | Ғалат | Талабот | Илова ба қоида | Б аҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| Баҳои умумӣ | | | | | |

Савол ва супориш барои мавзӯъҳои гузашта:

1. Ҷумла аз рӯйи оҳанг чанд навъ мешавад? Аз рӯйи сохт чӣ?
2. Задаи мантиқиро чӣ гуна шарҳ медиҳед?
3. Лутф (комплимент) чӣ маънӣ дорад?

III Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни лутф (комплимент) ва мавқеи он

Кори инфиродӣ. Супориши №1: Ба хонандагон гӯед, ки ба саволҳо ҷавобҳои хаттӣ омода карда онҳоро баррасӣ намоянд.

Гурӯҳи 1. Дар баёни лутф (комплимент) чӣ меъёри асосӣ аст: ситоиш, мазаммат, хушомад, дилсӯзӣ, тамаллуқ, меҳрубонӣ ё чизи дигар?

Гурӯҳи 2. Лутф (комплимент) аз латифа фарқ дорад ё не? Шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3. Шумо шунидани лутф (комплимент)-ро дӯст медоред ё гуфтанашро?

Гурӯҳи 4. Дирӯз ё имрӯз беҳтарин лутфи шунидаатон аз тарафи кӣ буд ва чӣ гуна? Чаро он шуморо хушҳол кард?

Гурӯҳи 5. Лутф (комплимент)-ро кай гуфтан лозим аст? Чаро?

Кор дар гурӯҳҳо. Супориши №2: Иҷрои машқҳо. Ба хонандагон супориш диҳед, ки талаби машқҳоро иҷро намоянд.

Гурӯҳи 1: Порчаро бодиққат хонед, гӯед, ки онро лутф ҳисобидан мумкин аст? Чаро? Дар матн дар бораи чӣ сухан меравад? Ҳадафро дарк кардед? Шарҳ диҳед.

Шакурӣ. Баҳ, Баҳ! Ҳой Орифӣ, шеърбофиро бигузору ин аҷоиботро тамошо кун. Ин паланг ҳамин дам аз сафҳаи китоб ҷаста, ману туро медарад! (Ба Маҷ.) Кадом наққоши Чин!

Маҷ. Наққош нагӯед. Монии дувум гӯед.

С. Улуғзода

Гурӯҳи 2: Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки аз порчаи боло чӣ фарқ дорад. Инро чӣ мегӯянд? Латифа ё лутф? Пас муайян кунед, ки латифа аз лутф (ё лутф аз латифа чӣ фарқ дорад?).

Боре Шоҳқосим ба хиргоҳ омад. Мавлоно Муҳаммад ба иззати тамом дастор бар сар ниҳода, бар пой хост. Чун бинишастанд, Шоҳқосими Нурбахш ба сақфи хиргоҳ нигоҳе карда гуфт:

- Чӣ нагз хиргоҳе буда.

Мавлоно Муҳаммад гуфт, ки:

- Пеш аз омадани муллозимон хиргоҳ (манзил ё хайма) буд, чун шумо ташриф овардед, харгоҳ шуд.

З. Восифӣ

Гурӯҳи 3: Порчаро хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст.

Бештари лутфҳои латиф бо назардошти зоҳири инсон, махсусан занон гуфта мешаванд. (Дар ҳаққи мардон ҳам кам нестанд).

Масалан, ҳангоми вохӯрӣ баъд аз ҷудоии дуру дароз, одамон ба якдигар рӯ бар рӯ гарданд, чунин лутф (комплимент) мегӯянд: «Бовар кунед, ки дар ин муддат шумо аслан тағйир наёфтаед. Чӣ тавре ки 20 сол муқаддам дида будам, ҳамон тавред. Вақту замон ғами шуморо мехӯрад. Шумо ҷавонтар гаштаед. Боду ҳавои он ҷо бароятон мувофиқ омадааст».

Гурӯҳи 4: Порчаи зеринро хонед ва шарҳ диҳед. Шумо инро чӣ тавр мефаҳмед?

Дар ширкатҳои Жопон (Япония) амали ошкоро танқид кардани корманд вучуд надоштааст. Жопониҳо чунин меҳисобидаанд, ки танқид фаъолияти меҳнатии инсонро паст мекунад ва ин амал барои ширкат фоидаовар нахоҳад буд. Шахс ё корманд ба корхона бояд бо табъи болида (на бо гардани баста, яъне аз рӯйи маҷбурият) ворид гардад ва аз он хушҳол пас аз анҷоми рӯзи кор хориҷ шавад. Таҳдиду сиёсату рафтори дурушт ва ҷазо инсонро ноорорму асабӣ мегардонад ва натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Жопониҳо чунин меҳисобанд, ки ифтихормандонаю сарбаландона ба коргоҳ дохил шуда, аз он берун рафтан ҳавасмандию рӯҳбаландии кормандонро меафзояд.

Гурӯҳи 5: Порчае аз матни мактуби дугонаи Зайнаб навиштаро бодиққат хонед. Дарёбед, ки гап дар бораи чӣ меравад. Магар инро лутф (комплимент) гуфтан мумкин аст? Ин суханон барои зиндагии осудаҳолонаю бошарафона чӣ таконе медиҳад? Хулосаатонро мухтасар нависед.

Офарин, офарин дӯсти аҷоибам, Зайнаб. Росташро гӯям, пас аз он ки шумо Ҷӯрабекро гирифта бурдед, ман як қадар дар андеша монда будам, аз зиндагии ояндаи Шумо хавотирӣ мекашидам. Акнун фаҳмидам, ки хавотирӣ кашидани ман беҷо будааст, ман осуда шудам, шодӣ кардам.

Аз тахти дил ба ҳаёти шумо ва Ҷӯрабек рахшонӣ, ба корҳоятон муваффақият металабам.

С. Улуғзода

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

Кори мустақилона. Супориши №3: «Худамро месанҷам». Ба хонандагон фаҳмонед, ки ба аломатҳои китобат зеҳн монда, матнро нависанд. Гӯянд, ки оё инро лутф (комплимент) ҳисобидан мумкин аст?

1.Пашков. Аҳсант! Ростӣ, оғои Абдусалом Шумо хуб овоз мехонед.

Абдусалом. Намеарзад, устод. Мо имрӯз беандоза хушбахтем, ки дар кулбаи фақиронаамон ба қабули чунин меҳмони олиқадр мушарраф шудем.

2. Пашков. Баҳ, баҳ, Аҳсанат! Шуарои шумо барои ҳамаи мавридҳо басо ашъори неку гуфтаанд.

С. Улуғзода

Супориши №4: Ба хонандагон супориш диҳед, ки мустақилона лутф (комплимент) таҳия намоянд. Бо назардошти маълумоти ба дастоварда ба ҳамдигар дар ин ҷадвал баҳо диҳанд:

| Т/р | Лутф (комплимент) | Ғалат | Талабот | Илова ба қоида | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| Баҳои умумӣ | | | | | |

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон фаҳмонед, ки ба саволу супоришҳо ҷавоб нависанд.

1.Ифодаи лутф (комплимент)-ро шарҳ диҳед.

2. Лутфи латиф аз латифа чӣ фарқ дорад?

3. Лутф тамасхур, сарзаниш ва таҳқиру танқидро фарогир аст ё не?

4. Аслан лутф (комплимент) хоси кадом услуби забон аст?

5.Лутф (комплимент) дар адабиёти бадеӣ мақоми бештар дорад ё дар услуби гуфтугӯӣ.

6. Лутф (комплимент) бо таъриф ва тамаллуқу хушомад чӣ муносибат дорад?

7. Мавқеъ ва мавзӯъҳои лутф (комплимент)-ро шарҳ диҳед.

8. Чанд лутф (комплимент) таҳия кунед. Ҳангоми таҳия кардан ба он диққат диҳед, ки муҳтавои он фарогири назокати сухан бошад.

• Лутфҳои таҳиякардаро дар муҳокимаи ҳамсинфон гузоранд.

## IV.ҶУМЛАИ СОДАИ ДУТАРКИБА
## §13. САРАЪЗОҲОИ ҶУМЛА. МУБТАДО ВА ИФОДА ШУДАНИ ОН

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарк карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон фаҳмонед, ки ба саволу супоришҳо ҷавоб нависанд. Лутфҳои таҳиякардаро дар муҳокимаи ҳамсинфон гузоранд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаи содаи дутаркиба. Сараъзоҳои ҷумла. Мубтадо ва ифода шудани он

Водорнамоӣ:

1.Таркиби ҷумларо чӣ ташкил медиҳад?

2.Сараъзоҳои ҷумла кадомҳоанд?

3. Чӣ гуна ҷумларо ҷумлаи яктаркиба мегӯянд?

Супориши №1: Ҷумлаеро аз рӯзномаҳо хонед ва аз хонандагон пурсед, ки сухан асосан дар атрофи чӣ меравад. Чунончи: Барои корҳои барқарорсозӣ дар сохтмони неругоҳи барқии обии Роғун дар давраи истиқлолият зиёда аз 12,5 миллиард сомонӣ азхуд карда шудааст.

(Аз хонандагон талаб кунед, ки иҷрокунандаи амали ҷумларо муайян кунанд ва фикри худро асоснок намоянд. Дар натиҷа нуқтаи актуалии дониши хонандагонро муайян мекунед ва дар як вақт хонандагон ба дониши худ баҳо медиҳанд. Бигзор, хонанда эҳсос кунад, ки иҷрокунандаи амал нуқтаи асосӣ дар ҷумла аст, зеро сухан дар бораи он меравад. Дар сурати аз уҳдаи кор набаромадан проблемаро қабул мекунанд ва дар пайи ҳалли он мешаванд.)

Кори дунафара. Супориши №2: Иҷрои машқи 1 (саҳ.57). Матнро хонед ва ҷумлаҳои дутаркибаи онро нависед. Аз чӣ фаҳмидед, ки ҷумлаҳо дутаркибаанд. (Кӯшиш кунед, ки амал ва иҷрокунандаи амали ҷумла аз тарафи хонандагон муайян карда шавад.)

Супориши №3: Дар гурӯҳҳои чорнафара шиносномаи мубтадоро тартиб диҳед. Чунончи:

-Мубтадо аъзои ------------------------ ҷумла аст.

-Мубтадо дар шакли -------------------------------- ифода мешавад.

-Мубтадо аз он ҷиҳат аъзои асосии ҷумла аст, ки--------------------------------- .

-Аз ҳиссаҳои нутқ ------------------------------------------ ба вазифаи мубтадо меояд.

-Дигар ҳиссаҳои нутқ дар ҳолати------------------------- ба вазифаи мубтадо меояд.

Супориши №4: Иҷрои машқи 5 (саҳ.59). Шиносномаи мубтадоро дар машқи додашуда санҷед ва таъриф эҷод кунед. Чунончи:

-Мубтадо он сараъзои ҷумла аст, ки -------------------------------------------------------------.

-Мубтадо асосан бо ----------------------------------------------- ифода мешавад.

-Мубтадо ба саволҳои ------------------------------------------------ ҷавоб мешавад.

Шарҳи омӯзгор бар идомаи маълумоти назариявии китоби дарсӣ ва иҷрои машқи 2 (саҳ.57). Аз хонандагон хондани машқро хоҳиш кунед ва гӯед, ки асосҳои грамматикии ҷумла – мубтадо ва хабарро муайян намоянд. Ба ҳар як аъзои ҷумла, ки тафсил меёбад, савол гузоранд.

Кори умумӣ. Супориши №5: Иҷрои машқи 3. Матнро хонед ва ҷумлаҳои содаи дутаркибаи онро шарҳ диҳед.

• Иҷрои машқи 7 (саҳ.61). Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳои ҳарду сутунро хонда, мубтадои онҳоро аниқ созанд. Фарқи мубтадоҳоро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳанд.

| | |
|---|---|
| 1. **Киштии** нав ба бахр сар дода шуд.<br>2. Ҷумҳурии мо кишвари офтобрӯя аст.<br>3. **Баргҳои** сабзи дарахтон назаррабоянд.<br>4. **Бародарон** ба тиҷорат машғул гаштанд. | **Киштии** кабуд дар шароити имрӯза масрафи зиёдро талаб мекунад.<br>**Ҷумҳурии Тоҷикистон** забони тоҷикиро забони давлатӣ эълон кард.<br>**Барги сабзе** аз дӯстон ба ман расид.<br>**Ду бародар** бо ҳам мусобиқа карданд. |

• Шарҳи хулосаҳо ва таҳияи қоида:

-Мубтадо аз ҷиҳати сохт ___________ ва _______________ мешавад.

Кор дар қаторҳо. Супориши №6. Ба хонандагон иҷрои машқҳоро дар қаторҳо ба таври шифоҳӣ супориш диҳед.

Қатори 1: Иҷрои машқи 4 (саҳ. 59). Матнро ифоданок хонед ва муайян кунед, ки кадом исмҳо ба вазифаи мубтадо омадаанд.

Қатори 2: Иҷрои машқи 5 (саҳ. 59). Матнро бодиққат хонед, ҷумлаҳои содаи онро аниқ сохта, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтани мубтадоҳоро шарҳ диҳед.

Қатори 3: Иҷрои машқи 11 (саҳ. 63). Шеърро бодиққат хонед ва ҳар мисраи онро шарҳ диҳед. Сипас мубтадои ҷумлаҳоро ёфта, ҷойи онҳоро аниқ созед.

• Баррасии корҳо.

• Иҷрои машқҳо ба таври хаттӣ:

Қатори 1: Матнро хонед ва ҷумлаҳои дутаркибаи онро нависед. Аз чӣ фаҳмидед, ки ҷумлаҳо дутаркибаанд.

Қатори 2: Иҷрои машқи 8 (саҳ.62). Ҷумлаҳоро нависед, мубтадоҳоро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

Қатори 3: Иҷрои машқи 10 (саҳ.63). Ҷумлаҳоро бо истифода аз калимаю таркибҳои дар қавсбуда пурра гардонед ва нависед. Мубтадои ҷумлаҳоро аз ҷиҳати таркиб шарҳ диҳед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ.

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 14 (саҳ.65). Ба хонандагон гӯед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки ҳикмати он дар чист. Мухтасар мазмунашро нависанд ва ба он ном гузоранд.

## §14. ХАБАР ВА ИФОДА ШУДАНИ ОН

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:
- сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
- аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
- навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

–ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

–омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

–шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 14 (саҳ.65). Ба хонандагон гӯед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки ҳикмати он дар чист. Мухтасар мазмунашро нависанд ва ба он ном гузоранд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Истифодаи таърифи мубтадоро дар ҷумлаҳои вазифаи хонагӣ мушоҳида кунед. Оид ба қоидаи мубтадо ва ифодашавии он саволу ҷавоби умумисинфӣ ташкил кунед.

III. Баёни мавзӯи нав. Хабар ва ифода шудани он

Супориши №1: Донишҳои хонандагонро оид ба хабар маълум кунед. Барои ин аз саволҳои китоби дарсӣ саҳ.68 истифода бурда, ҷадвалро пур кунед.

| Медонам | Донистан мехоҳам |
|---|---|
| | |
| | |

Супориши №2: Бо истифода аз машқи 1. саҳ. 68 дар бораи мубтадо ва хабар маълумот ҷамъ кунед. Муносибати байни мубтадо ва хабарро маълум намоед.

Дар асоси донишҳои ҳосилшуда шиносномаи хабарро таҳия кунед:

| Аъзои ҷумла, ҳиссаи нутқ, қисми калима | Воситаи муайянкунӣ | Моҳият |
|---|---|---|
| Хабар-аъзои ҷумла | саволҳо | Ифодаи амали мубтадо |
| | чӣ кор мекунад? --------------- | |
| | | |
| | | |

• Ба ин тариқа таърифи хабарро дар гурӯҳҳои дунафара созед ва онро муаррифӣ намоед. Чунончи:

-Хабар аъзои ҷумла буда, ---------------------------------------- мефаҳмонад.

-Хабар ба саволҳои ------------------------------ ҷавоб мешавад.

-Ба вазифаи хабар ----------- ---------------- ---------- --------------------- меоянд.

• Шарҳи омӯзгор бар идомаи маълумоти назариявии китоби дарсӣ ва иҷрои машқи 1 (саҳ.68). Хонандагонро водор намоед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва савол гузошта, мубтадо ва хабари онҳоро муайян созанд. Гӯянд, ки мубтадою хабар чиро ифода мекунанд.

Супориши №1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.68). Матнро хонед, хабарҳояшро муайян кунед. Гӯед, ки дар хабари ҷумлаи якум ва чорум дар бораи амали кӣ сухан меравад

(яъне мубтадояш кадом калима).

Супориши №2: Иҷрои машқи 4 (саҳ.69). Матнро нависед, хабарҳоро муайян карда, ба зерашон хат кашед. Гӯед, ки бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.

Кори мустақилона. Супориши №3: Иҷрои машқи 5 (саҳ.69). Матнро хонда, ҷумлаҳояшро ба содаи хуллас баргардонед. Мубтадо ва хабарҳоро бо аломатҳо ишорат кунед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.70). Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҳикояро бодиққат хонанд ва хабарҳои онро муайян кунанд ва нависанд.

## §15. НАВЪҲОИ ХАБАР. ХАБАРҲОИ ФЕЪЛӢ

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.70). Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҳикояро бодиққат хонанд ва хабарҳои онро муайян кунанд ва нависанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Навъҳои хабар. Хабарҳои феълӣ

Шарҳи омӯзгор: Хабарҳо аз ҷиҳати нисбати морфологӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: хабарҳои феълӣ ва номӣ

Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 1 (саҳ.71). Хонандагонро водор намоед, ки ҷумлаҳоро хонда, хабарҳоро муайян кунанд. Гӯянд, ки онҳо ба воситаи кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.

• Пурсед, ки чӣ хулоса баровարданд. Дар замина таърифи навъҳои хабарро таҳия намоянд. Чунончи:

-Хабар аъзои ҷумла буда, ---------------------------------------- мефаҳмонад.

-Хабар ба саволҳои ------------------------------ ҷавоб мешавад.

-Ба вазифаи хабар ----------- ----------------- ---------- --------------------- меоянд.

- Хабарҳо аз ҷиҳати _________ ба __ гурӯҳ ҷудо мешаванд: хабарҳои _______ва _____.

-Хабарҳои феълӣ аз хабарҳои номӣ бо он фарқ мекунанд, ки --------------.

• Супориши №1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.71). Гӯед, ки матнро хонда, хабарҳои феълии сода ва таркибии онро ёбанд ва шарҳ диҳанд.

Кори инфиродӣ. Супориши №2: Иҷрои машқи 3 (саҳ.72). Фаҳмонед, ки матнро

бодиққат ва бо риояти оҳанг хонанд. Хабарҳои феълии онро аниқ сохта, дар сутуни якум хабарҳои сода ва дар дуюм хабарҳои таркибиро нависанд.

| Хабарҳои феълии сода | Хабарҳои феълии таркибӣ | Баҳо |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

• Ба хонандагон гӯед, ки ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №3. Иҷрои машқи 4 (саҳ.73). Гӯед, ки феълҳои рақсидан, гиристан, хандидан, бозидан-ро аз рӯйи намунаи зер ба ду шакл навишта, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳанд. Намуна: Бозидан – бозӣ кардан. Ҳакими ҳаваскор нақши професорро бисёр нағз бозӣ кард.

Гурӯҳи 1: рақсидан

Гурӯҳи 2: гиристан

Гурӯҳи 3: хандидан

Гурӯҳи 4: бозидан

•Баррасии кори хонандагон.

Супориши №3. Иҷрои машқи 5 (саҳ.73). Фаҳмонед, ки порчаи манзумро ифоданок хонанд ва хабарҳои феълии онро муайян кунанд. Гӯянд, ки чаро дар ин порча бештар хабарҳои сода истифода шудаанд.

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз матнҳои бадеӣ матнҳоеро интихоб кунанд, ки мазмуни иттилоотӣ дошта бошанд, дар зери хабарҳои феълии он ду хат кашанд.

## §16. ХАБАРҲОИ НОМӢ

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

– Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

– Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

– Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

–ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

–омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

–шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз маводди бадеӣ матнҳоеро интихоб кунанд, ки мазмуни иттилоотӣ дошта бошанд, дар зери хабарҳои феълии он ду хат кашанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Хабарҳои номӣ

Шарҳи омӯзгор бар идомаи маълумоти назариявии китоби дарсӣ ва иҷрои машқи 1 (саҳ.74). Хонандагонро ба қироати ҷумлаҳо водор намуда, гӯед, ки хабарҳоро ёфта шарҳ диҳанд.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1: Ҳалли машқҳо

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.75). Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд, хабарҳои номӣ ва мубтадои ҳар кадоми онҳоро ишора кунанд.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 3 (саҳ.75). Ҷумлаҳоро нависед ва хабарҳои таркибии номиро муайян карда шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 6 (саҳ.76). Ҷумлаҳоро нависед ва зери хабарҳои номӣ хат кашида, сохти онҳоро муайян кунед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 5 (саҳ.76). Ҷумлаҳоро хонед, хабарҳои онҳоро ёбед ва муайян кунед, ки номианд ё феълӣ.

• Ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

Супориши №2. Дар асоси ҷумлаҳо қоидаи хабарҳои номиро таҳия намоянд:

•Хабарҳои номӣ аз хабарҳои феълӣ бо он фарқ мекунанд, ки ----------------.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №3. Ҳалли машқҳо

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 7 (саҳ.76). Матнҳоро бодиққат хонед ва хулосаатонро баён кунед. Феълҳои матнро ёбед ва шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 8 (саҳ.77). Ҷумлаҳоро хонед ва чӣ гуна сурат гирифтани мувофиқати хабару мубтадоҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 9 (саҳ.78). Ҷумлаҳоро хонед ва муқоиса кунед, хабару мубтадоҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 10 (саҳ.78). Матнро хонед ва ба мувофиқати мубтадову хабар диққат диҳед.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 11 (саҳ.79). Ҷумлаҳоро хонед ва

• Ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд

•Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон аз асарҳои бадеӣ навиштани порчаи матнеро тавсия диҳед ва гӯед, ки дар зери хабарҳои номии он як хат кашанд.

## §17. АЛОМАТИ ТИРЕ ДАР БАЙНИ МУБТАДО ВА ХАБАР

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

- сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
- аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
- навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

– Аъзоҳои ҷумларо фарк карда тавонистан;

– Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

– Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон аз асарҳои бадеӣ навиштани порчаи матнеро тавсия диҳед ва гӯед, ки дар зери хабарҳои номии он як хат кашанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

Баёни мавзӯи нав. Аломати тире дар байни мубтадо ва хабар

Кори инфиродӣ. Супориши №1: Иҷрои машқи 6 (саҳ.76). Ҷумлаҳоро хонед. Гӯед, ки чаро дар байни мубтадо ва хабар аломати тире гузошта шудааст? Тире аз нимтире чӣ фарқ дорад?

•Ҷумлаҳоро нависед ва аломати тирерo дар мавқеаш гузоред.

1.Тоҳир -- муаллими забон ва адабиёт. 2. Писари хуб -- боғи падар. (зарб.) Чил – камоли ҷавонӣ (зарб.) 4. Осиёб -- ободии қишлоқ (зарб.) . 5. Рӯдакӣ -- асосгузори адабиёти классики тоҷику форс. 6. Айнӣ-- адабиётшинос.

Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф: Аломати тире дар байни мубтадо ва хабар гузошта мешавад:

1. Агар ҳарду сараъзои ҷумла ба воситаи исм ифода шуда бошанд: Тоҷикистон -- кишвари сермиллат.

2. Агар ҳарду аъзои ҷумла бо шумора ифода шуда бошанд: Панҷ карат панҷ – бисту панҷ. Ду понздаҳ -- як сӣ.

3. Агар ҳам мубтадо ва ҳам хабар ба воситаи масдари феълӣ ё яке аз сараъзоҳо бо исм ва дигарӣ бо масдар ифода шуда бошад: Вазифаи мо – хондан.

Дар байни мубтадо ва хабар тире гузошта намешавад:

• Агар мубтадо бо ҷонишини шахсӣ ифода ёфта бошад: Вай дӯсти ман.

• Агар хабар бо сифат ифода шуда бошад: Замин сахт, осмон баланд. Ҳаёт зебо ва шавқовар.

• Агар воситаи алоқа пешояндҳои мисли, чун ва пасоянди барин оянд: Лаблабу чун қанд ширин.

• Агар ба вазифаи хабар ҳиссачаи не ояд: Камбағалӣ айб не.

Кори гурӯҳӣ

Супоришии №2: Диққати хонандагонро ба сохтани ҷумлаҳое равона созед, ки дар онҳо байни мубтадову хабар тире истифода шуда бошад.

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №3: Диққати хонандагонро ба сохтани ҷумлаҳое равона созед, ки дар онҳо байни мубтадову хабар тире истифода нашуда бошад.

• Баррасии кори хонандагон.

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти мавзӯъ ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.76). Ба хонандагон гӯед, ки аломати тирерo дар ҷойҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависанд.

## §18. КОР БО МАТНИ РЕПОРТАЖ (Дарси 1)

Салоҳиятҳо:

8.2.3. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри репортаж, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни репортаж (репортаж), репортажро аз жанрҳои дигар фарқ карда тавонистан, мушоҳидаро аз чорабинӣ бо репортаж ифода карда тавонистан.

Хонанда:

–матни репортажро таҳлил мекунад, тағйир ва такмил медиҳад;

– репортажҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

–таҳияи репортаж меомӯзад.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.76). Ба хонандагон гӯед, ки аломати тиреро дар ҷойҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависанд.

•Муаррифии корҳои хонандагон;

• Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни репортаж

Кор дар гурӯҳҳо

Супориши №1: Хонандагонро таъкид кунед, ки дар гурӯҳҳо матнҳои пешниҳодшударо хонанд ва бо махсусиятҳои репортаж, ки яке аз жанрҳои маъмули рӯзномаю маҷаллаҳо ва садою симо аст, ошно шаванд.

Гурӯҳи 1: Мактабро давр зада бароед ва тамоми рӯзномаҳои девории синфҳо ва умумимактабиро мутолиа кунед. Мебинед, ки баъзе аз рӯзномаҳои синфҳо ва мактаб бисёр хуб таҳия шудаанд. Дар онҳо набзи синфҳо ва мактаб хеле равшану возеҳ ва дуруст инъикос ёфтаанд. Шумо баъди хондани он рӯзномаҳо доир ба ҳаёти кунунии мактаб тасаввуроти комил пайдо мекунед. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳайати таҳиягарон, яъне муҳаррирон хуб меҳнат кардаанд ва аз жанрҳои гуногуни рӯзномаҳо – хабар, ҳисобот, репортаж, мусоҳиба истифода бурдаанд.

Воқеан, рӯзномаи аҷоиб ва хонданбоб, ки маводи он дар асоси жанрҳои гуногун – хабар, ҳисобот, репортаж, мусоҳиба таҳия гаштаанд, диққати хонандагонро ба худ ҷалб менамояд ва онон маводи хондаашонро дар байни худ муҳокима мекунанд.

Яке аз он жанрҳои хабарии ҷолиб репортаж мебошад. Репортаж аз калимаи франсавии reportade ва англисии report гирифта шудааст, ки маънои «хабар додан» - ро дорад. Ва он дар луғатнома чунин шарҳ ёфтааст: 1) хабар додан, хабари фаврӣ оид ба ҳодисаи рӯз ё чандин рӯзҳо. Репортаж аз нуқтаҳои доғи(гарми) ҷаҳон (аз рӯзнома); 2) кори мухбир (хабарнигор), ки хабар ва ҳодисаро назорат мекунад.

Гурӯҳи 2: Репортажи дар рӯзномаи деворӣи синф ва мактаб нашршуда дар бораи ҳодисаҳое нақл мекунад, ки муаллифи он (хабарнигор, мухбир) шоҳиди бевоситаи ҳодисаю воқеаҳои рухдода мебошад.

Репортажи дар рӯзномаҳои мактаб нашршуда дар бораи ҳодисаҳое нақл мекунад, ки ба ҳаёти мактабу хонандагон тааллуқ дорад. Масалан, репортаж дар бораи мусобиқаҳои варзишӣ, озмунҳои мактабӣ, ба истифода додани толори варзиш, бинои нави мактаб, вохӯрӣ бо чеҳраҳои шинохтаи ҷумҳурӣ-адибон, олимон, сарпарастон, варзишгарони номӣ ва ғайраҳо. Муаллифи хабар метавонад шоҳиди воқеа бошад ва ё дар бораи он аз шахси дигар маълумот бигирад. Вале муаллифони репортаж вазифадоранд, ки худ воқеаро бубинанд ва ё бевосита дар он ширкат варзанд. Бояд онҳо он ҷоеро, ки ҳодисаю воқеа рух додааст, бубинанд ва бо шоҳидони воқеа вохӯранд. Дар акси ҳол онҳо наметавонанд вазъияти рухдода ва чеҳраю қиёфаи одамонро тасвир намоянд.

Гурӯҳи 3: Ба ифодаи дигар, репортаж нақли шоҳиди аслии воқеаю ҳодиса ва ё иштирокчии он аст. Агар хабар дар бораи ҳодиса маълумот баён дорад, репортаж онро нишон медиҳад, дубора манзараро эҷод мекунад. Дар репортаж муҳим он аст, ки ба саволи «Чӣ тавр сурат гирифт?» ҷавоб дода шавад. Бар иловаи репортажи матнӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳо сурат-репортажҳо чоп мешаванд. Суратҳо дар ин ҳолат нақши воситаи ёрирасонро иҷро мекунанд. Дар ҳар ҳолат суратҳо воқеию аниқ будани масъалаи дар репортаж баёнгаштаро тасдиқ менамоянд. Сурат-репортажҳо бештар дар бораи корҳои дастаҷамъии хонандагон – ҳашарҳои умумӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, корҳои саҳроӣ, лаҳзаҳо дар урдугоҳҳои (лагерҳои) фароғатӣ ва амсоли инҳо нақл мекунанд.

Гурӯҳи 4: Дар вақтҳои охир репортажҳои радиоию телевизионӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Репортажҳои радиоӣ чунон ба шунавандагон таъсир мерасонанд, ки онон худро шоҳиди воқеаҳою ҳодисаҳо мепиндоранд.

Репортаж аз рӯи махсусияти рӯйдодҳо гуногун мешавад, ки бо ду навъи он ошно мешавед. Репортаже, ки ба ҳодисаю воқеаҳо тааллуқ дорад ва он воқеаҳоро пай дар пай тасвир мекунад. Аз ин навъи репортаж бисёр кор мегиранд.

Репортажи мавзӯӣ  дигар навъ аст: мухбир дар аввал  оид ба ҳодисае мавод гирд меоварад ва баъд репортаж менависад. Ҳангоми навиштан ба ҳисоб гирифтани пайдарпайӣ муҳим набуда, балки аз анбуҳи мавод оне интихоб мешавад, ки барои шарҳу баёни мавзӯъ лозиманд ва мухбир аз руҷӯи лирикӣ низ истифода мекунад.

Репортажҳои радиоию телевизионӣ дар ҳаёти кишварамон нақши бузург доранд ва тавассути онҳо ҳодисаю воқеаҳои дар кишварамон рухдода – вохӯрии сарварони давлатҳо, намояндаҳо, мусобиқаҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва ғайраҳо ба маълумоти аҳолӣ расонида мешаванд.

Гурӯҳи 5: Ҳамин тариқ, репортаж аҳамияти маълумотдиҳӣ дошта, ба шунавандаю хонанда таъсир мерасонад. Дар репортаж нуқтаҳои наву ҷолиби ҳаёт тасвир мешавад. Ҳикоя дар бораи ҳодисаҳои нав асоси репортажро ташкил медиҳад. Хабарнигор  бояд нуқтаҳои муҳиму аҳамиятдор ва шавқовари ҳодисаю падидаҳоро  аниқ сохта, пешкаши омма созад. Репортаж на танҳо ҳодисаю воқеаҳоро нишон медиҳад, балки бо сухан ҳам тасвир мекунад.

Хусусиятҳои репортаж инҳоянд: аниқ нишон додани ҳодиса, маҳал ва замони ба вуқӯъ пайвастан; иштироки бевоситаи муаллифи репортаж; баёни рафти рух додани ҳодиса, асосан дар замони ҳозира; таассуроти муаллиф ва баҳои ӯ; махсусияти услуби репортаж.

Репортаж мухтасар ва пурмаъно буда, умумигӯӣ ба он бегона аст. Маводи репортаж  бояд содаю ҷолиб буда, ба шунавандаю бинанда ва хонанда таъсири амиқ расонад.

Таҳияи С. Аминов

Супориши №2. Гӯед, ки бо назардошти маълумоти гирифтаашон шаклу меъёрҳои навиштани репортажро дар ҷадвал қайд намоянд. Ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

| Т/р | Шакл (рӯзномавӣ, радиоӣ, телевизион) | Махсусият | Фарқ аз дигар жанрҳо | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| Баҳои умумӣ | | | | |

- Вазифаи хонагӣ.  Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар бораи «Мусобиқаи варзишии синфҳо» репортаж таҳия карда, онро аз тариқи радиои мактаб пешниҳод намоянд. Гӯянд, ки чаро маҳз ин репортажро интихоб карданд. Комёбию нуқсони мухбир (ҳамдигар)-ро дар таълифи репортаж муайян намоянд.

## §19. КОР БО МАТНИ РЕПОРТАЖ (Дарси 2)

Салоҳиятҳо:

8.2.3. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри репортаж, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни репортаж, репортажро аз жанрҳои дигар фарқ карда тавонистан, мушоҳидаро аз чорабинӣ бо репортаж ифода карда тавонистан.

Хонанда:

–матни репортажро таҳлил мекунад тағйир ва такмил медиҳад;

– репортажҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– тарзи таҳияи репортажро меомӯзад.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

III. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар бораи «Мусобиқаи варзишии синфҳо» репортаж таҳия карда, онро аз тариқи радиои мактаб пешниҳод намоянд. Гӯянд, ки чаро маҳз ин репортажро интихоб карданд. Комёбию нуқсони мухбир (ҳамдигар)-ро дар таълифи репортаж муайян намоянд.

| Т/р | Номи репортаж | Махсусият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

• Баррасии кори хонандагон.

• Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1. Чаро ҷумлаи содаи дутаркиба мегӯянд?
2. Кадом вақт байни мубтадо ва хабар аломтаи тире меояд?
3. Репортаж чӣ гуна жанр аст?

Кори инфиродӣ. Супориши №1: Маълумоти худро дар бораи репортаж ва ҷойи истифодаи он ба хотир оред.

Супориши №2: Дар гурӯҳҳои хурд фикри худро ҷамъбаст кунед ва дар хусуси як дарс репортаж тайёр кунед. Репортажи беҳтаринро муаррифӣ кунед.

Супориши №3: Кори худро бо хазинаи мавод, ки муаллим пешниҳод кардааст, муқоиса кунед. Хусусиятҳои асосии репортажро маълум карда, шиносномаи репортажро созед.

| Жанр | Ҳадаф | Намуд |
|---|---|---|
| Репортаж | барои чӣ эҷод мешавад? | Радиоӣ, барои телевизион, матбуоти рӯзномавӣ |
| | барои кӣ эҷод мешавад? | |
| | ҳаҷман чӣ қадар аст? | |
| | ба кадом воситаҳои забонӣ диққат бояд дод? | |

Супориши №1. Репортажи родиёиро бо риояи оҳанг хонед ва маънидод кунед. Байни ин репортаж ва репортажҳои дар рӯзномаю маҷаллаҳо чоп мешуда чӣ фарқҳо ҳаст?

Шунавандаҳои гиромӣ, бори дигар дуруд ба шумо!

Бо истифода аз фурсати муносиб Рӯзи забонро ба ҳар яки шумо шодбош мегӯем.

Хуб, тавре огаҳ гаштед, имрӯз барномаи «Насими субҳ» ба бузургдошти забони тоҷикӣ ихтисос дода шудааст.

Ва ин лаҳзаҳо ман дар наздикиҳои Фурӯшгоҳи марказии шаҳри Душанбе қарор дорам.

Мавзеи Фурӯшгоҳи марказӣ яке аз манотиқи серодамтарини пойтахт ба шумор меравад. Дар ин ҷо намояндагони миллатҳои зиёдро мушоҳида мекунем. Он чизе, ки маро ба таҳияи гузориши мустақим водор намуд, овозаву номгузориҳое буданд, ки ин ҷо ба чашм мехӯрданд. Кас баъзан пас аз қироати ин гуна навиштаҷот фаромӯш мекунад, ки дар маркази маъмурии Тоҷикистон-шаҳри Душанбе қарор дорад. Ҳамаи он овезаҳое, ки ба забони ғайр, аз ҷумла, инглисиву русӣ ва ӯзбекиву фаронсавӣ ифода ёфтаанд, касро хаёлан ба хориҷи Тоҷикистон мебаранд. Исботи гуфтаҳои мо ҳастанд овоза ва номгузориҳое, ба монанди « Дуайён », «Аллигатор», «Леди Лейф», «Ойдин» ва чанде дигар.

Шояд масъулин на дар ҳама маврид ба умқи маънои калимаҳо фурӯ раванд. Масалан, бевосита баробари шунидани калимаи «Аллигатор» пеши назар шоҳтимсоҳ падид меояд, чаро ки калимаи «Аллигатор» ҳамин маъниро ифода мекунад.

Гузашта аз ин, тақлиди мо ба номҳои аврупоӣ кӯр-кӯрона аст, на нишони бофарҳангӣ. Мардуми мо дарки маъноии номҳоро надоранд. Ҳамчунин гумон меравад, ки аврупоиён дар овезаву номгузориҳояшон аз номҳои зебову хушоҳанги тоҷикӣ истифода баранд. Пас, чаро мо кӯр-кӯрона ба эшон тақлид намоем?

Ҳамаи ин дар ҳолест, ки аз фаъолияти камиссияи босалоҳияти татбиқи Қонуни забон имрӯз 19 сол сипарӣ мегардад. Гумон мекунам, ки тӯли 19 сол корҳои зиёдеро ба сомон расонидан мумкин буд. Вале, мутаассифона, то ҳол татбиқи Қонуни забон бо ду по мелангад.

Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, чунин ҳолатҳо на танҳо дар як гӯшаи шаҳр, балки дар бештари мавзеот ба чашм бармехӯранд.

Хуб мешуд, масъулин камбудиҳои ҷойдоштаро рафъ кардаву бо ин роҳ дар амал Қонуни забонро татбиқ менамуданд. Ба ин васила мушкилоти ҷойдошта рафъ мегардид.

Хуб, шунавандагони гиромӣ, боқӣ қазоват худи шуморост.

Муродулло Раҳимов

Супориши №2. Гӯед, ки хулосаашонро нависанд:

1.

2.

3.

Супориши №3. Гӯед, ки тақлидан ба матни боло репортаж таҳия карда, онро муаррифӣ намоянд.

Репортажи навиштаашонро ба рафиқашон нишон диҳанд ва ба репортажи навиштаи рафиқашон мувофиқ ба шиносномаи таҳияшуда баҳо диҳанд.

Муаллим чанд нафарро пурсида фикри хонандагонро ҷамъбаст мекунад.

Супориши №4: Муаллим аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки қоида таҳия кунанд. Хонандагон бо ёрии омӯзгор дар гурӯҳҳо фикри худро ба тартиб медароранд:

-Репортаж дар соҳаи---------------------- кор фармуда мешавад.

-Репортаж аз хабар бо он фарқ мекунад, ки---------------------------- .

-Репортаж аз мусоҳиба фарқ дорад, зеро ------------------------------------- .

-Репортаж шаклҳои ------------- ва ------------------- дорад.

• Ҷамъбасти дарс ва баҳогузорӣ ба фаъолияти хонандагон.

III. Вазифаи хонагӣ. Фаҳмонед, ки аз матбуоти даврӣ репортажеро интихоб карда нависанд ва назари худро баён кунанд.

## V.АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА

## §20. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА: ПУРКУНАНДА

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарк карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;
–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.
Равиши дарс
I. Ташкили дарс:
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Фаҳмонед, ки аз матбуоти даврӣ репортажеро интихоб карда нависанд ва назари худро баён кунанд.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта:
1.Репортаж чӣ гуна жанр аст? Фарқи онро аз жанрҳои дигар фаҳмонед.
2.Шумо бо кадом намуди жанрҳо шинос шудед?
3.Шартҳои таҳия намудани репортаж кадомҳоанд?
4.Чаро ҷумлаи содаи дутаркиба мегӯянд?

III. Баёни мавзӯи нав. Аъзоҳои пайрави ҷумла. Маълумот дар бораи аъзоҳои пайрави ҷумла: пуркунанда

Водорнамоӣ. Гӯед, ки ба саволҳо ҷавоб диҳанд:
1. Оид ба аъзоҳои пайрави ҷумла чӣ медонед? Ба хотир оред ва шарҳ диҳед.
2. Кадом аъзоҳои ҷумлаи дутаркиба асоси грамматикии ҷумларо ташкил медиҳанд?
3. Чӣ гуна ҷумлаҳоро содаи дутаркиба мегӯянд?
4. Аъзоҳои пайрави ҷумла ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

Супориши №1: Ба хонандагон супориш диҳед, то аз дилхоҳ китоби дарсӣ як ҷумла навишта, мубтадо ва хабарашро муайян кунанд. Ҳатман дар таркиби ҷумла калимоте боқӣ мемонанд, ки на мубтадо асту на хабар. Муаллим диққати хонандагонро ба ин калимот ҷалб карда, маълумоти онҳоро дар бораи аъзоҳои пайрави ҷумла ҷамъ мекунад. Бештар ба пуркунанда диққат бояд дод.

Супориши №2: Иҷрои машқи 1 (саҳ. 80). Ҷумлаҳоро хонед ва муайян кунед, ки калимоти ишорашуда ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд. Шиносномаи пуркунандаро тартиб диҳед.
-Пуркунанда аъзои пайрави ҷумла буда, --------------------------------------- мефаҳмонад.
-Пуркунанда ба саволҳои ------------------------------ ҷавоб мешавад.
-Ба вазифаи пуркунанда ----------, ------------, ---------- ва --------------------- меоянд.

Супориши №3: Иҷрои машқи 2 (саҳ.80). Ба саволҳо ҷавоби пурра навишта, мубтадо, хабар ва пуркунандаҳои онро ишорат кунанд.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №4: Иҷрои машқҳоро ба хонандагон супориш диҳед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.81). Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро муқоиса кунед, ба калимаҳои ишорашуда саволҳои мувофиқ гузоред ва мулоҳизаатонро гӯед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 4 (саҳ.81). Шеърро ифоданок хонда, пуркунанда ва мубтадоҳоро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо ба шеър чӣ муассирият бахшидаанд.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 5 (саҳ.82). Гӯед, ки матнро бодиққат хонанд ва аниқ созанд, ки дар бораи кадом мактаб сухан меравад? Пуркунандаҳоро ҷудо карда нависанд.

Гурӯҳи 4: Матнро хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед. Гӯед, ки чаро дар ҷумлаи сеюм якчанд пуркунанда истифода шудааст.
• Баррасии корҳои хонандагон.
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки репортаже таҳия намоянд ва дар он аз пуркунандаҳо истифода баранд.

## §21. НАВЪҲОИ ПУРКУНАНДА: БЕВОСИТА ВА БАВОСИТА

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;
– Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;
– Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;
– Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки репортаже таҳия намоянд ва дар он аз пуркунандаҳо истифода баранд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Навъҳои пуркунанда: бевосита ва бавосита

Водорнамоӣ: Хонандагонро ба дарки мазмуни матн ҷалб намоед. Гӯед, ки ҷумлаҳои ҳар ду сутунро бодиққат хонда, ба якдигар муқоиса кунанд. Чаро пуркунандаҳои сутуни дуюм пасоянди «-ро» доранду сутуни якум не? Мулоҳизаашонро гӯянд.

| | |
|---|---|
| 1. Иброҳим аз телевизор филм тамошо кард.<br>2. Рӯзи таваллудам рафиқонам ба ман китоб туҳфа карданд.<br>3. Ошпаз пиёз реза кард. | 1. Иброҳим аз телевизор филми «Чапаев»-ро тамошо кард.<br>2. Рӯзи таваллудам рафиқонам ба ман «Тобистон»-ро туҳфа карданд.<br>3.Ошпаз пиёзро реза кард. |

Кор дар гурӯҳҳо. Супориши №1. Диққати хонандагонро ба хондани зарбулмасалҳо ва шарҳи онҳо ҷалб намоед. Гӯянд, ки бо кадом пешояндҳо пуркунандаҳо таркиб ёфтаанд, андешаашонро дар бораи вазифаи пешояндҳо баён кунанд.

Гурӯҳи 1: Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.

Гурӯҳи 2: Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад.

Гурӯҳи 3: Ба ҳикмат ҳалли ҳар мушкил тавон кард.

Гурӯҳи 4: Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №2. Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳои хаттӣ ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нависед. Сипас пуркунандаҳои бевоситаро аз матн ва навиштаи худ ёбед ва ба ҳар кадом савол гузоред.

Гурӯҳи 2: Матнро нависед, мубтадою хабар ва пуркунандаҳои бевоситаро ишорат кунед.

Гурӯҳи 3: Ҷумлаҳоро нависед ва дар зери мубтадою хабар хат кашед. Ба шакли пуркунандаҳои дар аввали ҷумлаи 4–5 омада диққат диҳед.

Гурӯҳи 4: Ҷумлаҳоро нависед ва пуркунандаҳои бавоситаро ёфта, ба зерашон хат

кашед. Пешояндҳои онро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 5: Порчаи манзумро хонед ва байтҳоро як-як маънидод кунед. Сипас пуркунандаҳои бавосита ва бевоситаи дар матн бударо нависед.

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №3: Кори инфиродӣ. Машқи 2. саҳ.83. Андешаи худро дар бораи ифодаи пуркунанда баён кунед.

Супориши №4: Кори гурӯҳӣ. Шиносномаи пуркунандаро пурра кунед ва таърифи пуркунандаро созед:

-Пуркунанда аъзои пайрави ҷумла буда, --------------------------------------- мефаҳмонад.

-Пуркунанда ба саволҳои ------------------------------ ҷавоб мешавад.

-Ба вазифаи пуркунанда -----------, ----------------, -----------, --------------------- меоянд.

-Пуркунанда ------- хел мешавад: ---------------- ва ---------------------.

-Пуркунандаи ------------- ду шакл дорад.

-Пуркунанда аз ҷиҳати сохт ------- хел мешавад: ------------------ ва--------------
-

Кори умумӣ. Супориши №5. Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳои шифоҳӣ ҷалб намоед.

• Иҷрои машқи 5 (саҳ.86). Дар гурӯҳҳо бо истифода аз калима ва ифодаҳои зерин ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки дар онҳо ба вазифаи пуркунандаи бевосита оянд. Бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шудани пуркунандаи бевоситаро шарҳ диҳед: Худ, Аҳмад, боғбон, хондан, даҳ.

• Иҷрои машқи 7 (саҳ.86). Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро бо риояи оҳанг хонед ва мубтадою пуркунандаи онҳоро ёфта, савол гузоред.

| | |
|---|---|
| 1.Хабарро Хусрав навишт.<br>2. Котиб қарорро хонд.<br>3. Талабагон вазифаро иҷро карданд.<br>4. Одамон меваҳоро ғундоштанд. | 1. Хусрав хабарро навишт.<br>2. Қарор хонда шуд.<br>3. Вазифа аз тарафи талабагон иҷро карда шуд.<br>4. Меваҳо ғундошта шуд. |

•Иҷрои машқи 9 (саҳ.87). Ҷумлаҳоро хонед ва ба ҳам муқоиса кунед. Гӯед, ки хабарҳо дар муайян сохтани аъзоҳои ишорашуда чӣ нақш доранд.

| | |
|---|---|
| 1. Ба як кас кор доштам, набудааст, ба меҳмонӣ рафтааст. (Ҷ.И.)<br>2. Вай либосҳоро, ҳар гоҳ агар ба меҳмонӣ ё ба тӯй равад, мепӯшид. (С.У.)<br>3. Коргарзанони кӯдакдор ба кори саҳро мераванд. (А.Д.) | 1. Онҳо имрӯз ба корҳои хоҷагӣ ёрӣ мерасонанд.<br>2. Деҳаи Соктаре аз деҳаи Маҳаллаи Боло беҳтар менамуд. (С.А.)<br>3. Дар сари дастархон падару духтар аз мактаб, аз ину аз он гап зада менишастанд. (Ҷ.И.) |

• Баррасии корҳои хонандагон.

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 11 (саҳ.88). Ба хонандагон навиштани ҷумлаҳоро тавсия дода гӯед, ки пуркунандаҳои ишорашударо аз ҷиҳати таркиб муайян созанд.

## §22. МУАЙЯНКУНАНДА ВА ИФОДА ШУДАНИ ОН

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

– Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

– Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

– Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 11 (саҳ.88). Ба хонандагон навиштани ҷумлаҳоро тавсия дода гӯед, ки пуркунандаҳои ишорашударо аз ҷиҳати таркиб муайян созанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Муайянкунанда ва ифода шудани он

Водорнамоӣ. Диққати хонандагонро ба дарки мазмуни матн (машқи 1, саҳ.106) ҷалб намоед: хонанд ва муқоиса кунанд. Гӯянд, ки дар кадоми ин порчаҳо тасвир аниқтар ифода шудааст.

| | |
|---|---|
| Ман аз пайраҳа мерафтам. Ду тарафро тутчаҳо зич фаро гирифта буданд. Рӯйи заминро алафҳо гилемвор пӯшида буданд. | Ман аз пайраҳаи борики печдарпеч мерафтам. Ду тарафи пайраҳаро тутчаҳои ҷавон фаро гирифта буданд. Рӯйи заминро алафҳои қадбаланд гилемвор пӯшида буданд. Пӯлод Толис |

Супориши №2: Ба саволҳои зери матн ҷавоб диҳанд ва бо ёрии омӯзгор хусусиятҳои зиёди муайнкунандаро маълум карда, бо хулосаашон матни нопурраро пурра гардонанд:

-Муайянкунанда аъзои пайрави ҷумла буда, -------------------------------------- мефаҳмонад.

-Муайякунанда ба саволҳои ------------------------------ ҷавоб мешавад.

-Муайянкунанда ба воситаи -----------, ----------------, -----------, --------------------- ифода мешавад.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №3: Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳои шифоҳӣ ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.107). Хонед ва муайян кунед, ки иборaҳои зерин аз ҷиҳати тобиши маъно чӣ фарқ доранд.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 3 (саҳ.107). Матнро хонед ва ба муайянкунандаҳои ишоратшуда саволҳо гузошта, онҳоро бо муайяншавандаашон нависед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 4 (саҳ.108). Шеърро хонед. Муайянкунандаҳои онро ёбед ва бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шудани онро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 5 (саҳ.108). Матнро бодиққат хонед ва аниқ созед, ки чӣ чиз матнро хушоҳанг сохтааст.

• Баррасии корҳои хонандагон.

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.109). Ба хонандагон навиштани ҷумлаҳоро тавсия диҳед ва гӯед, ки муайянкунандаҳои онҳоро ёфта, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтанашонро шарҳ диҳанд.

## §23. МУАЙЯНКУНАНДАИ ИЗОФӢ ВА БЕИЗОФА

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.109). Ба хонандагон навиштани ҷумлаҳоро тавсия диҳед ва гӯед, ки муайянкунандаҳои онҳоро ёфта, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтанашонро шарҳ диҳанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Муайянкунандаи изофӣ ва беизофа

Водорнамоӣ. Бо ин саволҳо диққати хонандагонро ба мавзӯъ ҷалб намоед:

1. Муайянкунанда чӣ гуна аъзои ҷумла аст?

2. Муайянкунанда дар ҷумла чиро баён мекунад?

Кор дар гурӯҳҳо. Супориши №1. Ичрои машқи 1 (саҳ.109). Гӯед, ки порчаҳоро ифоданок ва бодиққат хонанд ва муайянкунандаҳоро бо муайяншавандаҳояшон навишта шарҳ диҳанд.

Гурӯҳи 1:

Рӯйи хушу овози хуш доранд ҳар як лаззате,
Бингар, ки лаззат чун бувад маҳбуби хушовозро.

Саъдии Шерозӣ

Гурӯҳи 2:

Гули бехор муяссар нашавад дар бӯстон,
Гули бехори ҷаҳон мардуми некӯсиёранд.
Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.

Саъдии Шерозӣ

Гурӯҳи 3:

Адл дар дунё накуномат кунад,
Дар қиёмат некфарҷомат кунад.

Гурӯҳи 4:
Андар ин олам мукаррам созадат,
Чун ба он олам равӣ, бинвозадат.
Наирӣ

| Муайянкунанда | Муайяншаванда | Эзоҳ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №2. Иҷрои машқи 2 (саҳ.110). Ба хонандагон тавсия диҳед, ки байтҳоро хонанд ва маънидод кунанд. Муайянкунандаҳои изофиро аниқ сохта шарҳ диҳанд, ки сифатианд ё соҳибӣ ва бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.

Гурӯҳи 1:
Печид чу мори захмхӯрда,
Афтод чу мори ниммурда.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гурӯҳи 2:
Чу хоҳӣ, ки номат бувад ҷовидон,
Макун номи неки бузургон ниҳон.
*Саъдии Шерозӣ*

Гурӯҳи 3:
Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.
*Абулқосим Фирдавсӣ*

Гурӯҳи 4:
Кори беилм бору бар надиҳад,
Тухми бемағз бас самар надиҳад.
*Саноӣ*

Гурӯҳи 5:
Ҷавонони донандаи боҳунар
Нагиранд беозмоиш ҳунар.
*Абулқосим Фирдавсӣ*

| Муайянкунандаи изофӣ | Ифода | Эзоҳ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Кори гурӯҳӣ. Супориши №3: Ба хонандагон иҷрои машқҳоро тавсия диҳед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.111). Матнро бодиққат хонда, муайянкунандаҳои сифатӣ ва нисбиро аниқ созед ва дар сутунҳои ҷудогона нависед.

| Муайянкунандаҳои сифатӣ | Муайянкунандаҳои нисбӣ |
|---|---|
| | |
| | |

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 4 (саҳ.112). Шеърро хонед, муайянкунандаҳоро ёфта, бо муайяншавандааш нависед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 5 (саҳ.113). Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери муайянкунандаҳои беизофа хат кашед. Гӯед, ки бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 6 (саҳ.113). Ҳикояро бодиққат хонед ва гӯед, ки ҳикмати он дар чист. Сипас муайянкунандаҳои онро ёбед ва фарқи муайянкунандаи изофӣ ва беизофаро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 7 (саҳ.114). Матнро хонед ва муайянкунандаҳоро ёбед ва шарҳ диҳед, ки дар баён чӣ нақше доранд. Матнро хонед ва дар гурӯҳҳо аз рӯйи он нақле нависед, муносибати худро нисбат ба табиат баён кунед.

Гурӯҳи 6: Иҷрои машқи 8 (саҳ.115). Матнро хонед ва муайянкунандаҳоро ёбед ва шарҳ диҳед, ки дар баён чӣ нақше доранд.

• Баррасии кори хонандагон.

Супориши №4: Иҷрои машқи 10 (саҳ.116). Ҷумлаҳоро хонед, муайянкунандаҳоро ёбед ва аз ҷиҳати таркиб муайян кунед.

• Баррасии корҳои хонандагон.

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 9 (саҳ.116). Ба хонандагон навиштани тавсифномаеро дар бораи шахсе ё қаҳрамони асаре тавсия диҳед, гӯед, ки дар он муайянкунандаҳоро бамавқеъ истифода баранд.

## §24. БАЁНИЯ ВА ФАРҚИ ОН АЗ МУАЙЯНКУНАНДА

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;
– Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;
– Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;
– Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 9 (саҳ.116). Ба хонандагон навиштани тавсифномаеро дар бораи шахсе ё қаҳрамони асаре тавсия диҳед, гӯед, ки дар он муайянкунандаҳоро бамавқеъ истифода баранд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Баёния ва фарқи он аз муайянкунанда

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синфӣ ва ҳалли машқи 2 (саҳ.118)-шифоҳӣ ва 1 (хаттӣ). Ба хонандагон навиштани ҷумлаҳоро тавсия диҳед ва гӯед, ки баёнияҳоро ёфта, ба зерашон хат кашанд.

Кори инфиродӣ. Супориши №2. Иҷрои машқи 2 (саҳ.118). Ҷумлаҳоро хонед ва нависед ва ба зери баёнияҳо хат кашида, онҳоро шарҳ диҳед. Муайян кунед, ки кадоме аз онҳо изофа ва кадоме беизофа.

Супориши №3. Гӯед, ки аз машқҳои боло хулосаашонро бо таҳияи таъриф ифода кунанд:

1.Баёния як навъи ___________________ буда, ___________________-ро мефаҳмонад.

2.Баёния аз рӯйи воситаи алоқа _______________ ва ________________ мешавад.

Эзоҳи омӯзгор: Баёнияҳо ба таври зайл навишта мешаванд:

а) баёнияҳои изофӣ ва ҳамроҳиии унвон, мансаб, лақаб, нисба, ки ба маънои аслии худ корбаст шудаанд, бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: амир Исмои, шоҳ Аббос, Саидмуъминпаҳлавон, Шокири муаллим, Набии мироб ва ғ;

Эзоҳ: Агар баёнияҳо пас аз исми хос бе бандаки изофӣ омода бошанд, бо исм якҷоя навишта мешаванд. Аҳмадмахдум, Салимпаҳлавон, Қориишкамба ва ғ.

б) баёнияҳои хешутаборӣ ва эҳтиром бидуни алоқаи изофӣ бо исми хос якҷоя навишта мешаванд: Акашариф, Бибиоиша, Шарофатхола, Барноапа ва ғ.

в) баёнияҳои изофии лақаб, ки бо исмҳое омадаанд, бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

Баҳроми Гӯр, Махдуми Гов, Муҳаррами Ғарч ва ғ.

Супориши №4: Гӯед, ки доир ба баёнияҳои изофӣ ва беизофат дуҷумлаӣ нависанд.

• Баррасии корҳои хонандагон.

• Саволҳо доир ба мавзӯъ.

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон навиштани 10 ҷумлаеро аз асарҳои бадеӣ тавсия диҳед, ки дар онҳо баёния ба ҳар тариқа ифода ёфта бошад.

## §25. КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ (Дарси 1)

Салоҳиятҳо:

8.2.4. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри аннотатсия, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни аннотатсия, зарурати навиштани аннотатсияро дарк кардан.

Хонанда:

–матни аннотатсияро таҳлил мекунад, тағйиру такмил медиҳад

–аннотатсияҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

–аннотатсия таҳия мекунад.

– Мақсадҳои дидактикӣ:

– ба асарҳои адабиву илмӣ баҳо додан;

– аннотатсияро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;

– аннотатсия таҳия кардан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон навиштани 10 ҷумлаеро аз асарҳои бадеӣ тавсия диҳед, ки дар онҳо баёния ба ҳар тариқа ифода ёфта бошад.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав.

Кор дар гурӯҳҳо

Супориши №1: Диққати хонандагонро ба қироати бодиққати порчаҳо ва баёни хулоса дар охир ҷалб намоед. Сипас, ифодаҳои худ мазмуни онро мухтасар нависанд.

Гурӯҳи 1: Аннотатсия дар луғатҳо чунин шарҳ ёфтааст:

1. Аннотатсия -- баёни мухтасари мазмуни китоб, мақола ва м. инҳо(С.М.Ожегов Словарь русского языка. М. , 1953, саҳ.19)

2. Аннотатсия -- тавсифи мухтасари китоб, мақола, ки мазмуни онҳоро баён мекунад ва баъзан баҳо медиҳад. (Энсиклопедическая словарь русского языка. М. -1953, саҳ. 78)

3. Аннотатсия (калимаи лат. –annotatio ) - баёни мухтасари китоб, мақола ва монанди инҳо, бештар бо баҳои интиқодӣ (Словарь инностраных слов, М. 1954, саҳ. 56)

4. Аннотатсия (калимаи лот. –annotatio -- эзоҳ, қайд) -- баёни мухтасари мазмуни китоб, мақола, рисола, шарҳи мухтасар. (Луғати тафсирии калимаҳои русӣ интернатсионалӣ. –Душанбе, 1984,Словарь иностранных слов. М. ,1984, саҳ. 32)

Гурӯҳи 2: 5. Аннотатсия (калимаи лот-annotatio – қайд, ёддошт) яке аз навъҳои китобиёт ва тақриз аст, ки дар он мазмуни умумии ягон китоб, мақола, дастнавис, маҷмӯа ва ғайра мухтасар баён мешавад. Дар аввали китобҳо баъд аз унвони асар одатан дар 3-4 ҷумлаи мухтасар мазмуну мундариҷаи онро муайян мекунанд, ки аннотатсия ном дорад. Дар ин маврид оид ба муаллиф маълумот медиҳанд ё аз ягон тақризе, ки дар бораи он асар ба табъ расидааст, иқтибоси кӯтоҳе оварда, як дараҷа моҳияти илмию амалӣ ё бадеии китобро нишон медиҳанд. Аннотатсия ҳоло дар ҳамаи асарҳои илмию бадеӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Муқоваи охирини маҷмӯаи адибони ҷавон маълумотноме дорад, ки он низ аннотатсия аст.

(аз «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. 1, Душанбе, 1988, саҳ. 159)

Гурӯҳи 3: 6. Аннотатсия (полякӣ- annotatjo, лот-annotatio) – шарҳи кӯтоҳи мазмуни китоб, мақола ва монанди инҳо. (Школьный словарь иностранных слов». -М. 2011, саҳ.27)

7. Аннотатсия лат- annotacia як навъи тақриз ва китобиёт буда, шарҳи мухтасари асари бадеӣ, таҳқиқот, рисола, мақола, дастнависро дар бар мегирад. Дар Аннотатсия тавсифи мухтасари асар аз ҷиҳати ғоявӣ, мундариҷа, мавзӯъ дида мешавад. Аннотатсия одатан хусусияти интиқодӣ дорад. Аннотатсия навъҳои гуногунро дорад: тавсиявӣ ё тавсифӣ: умумӣ ё махсус. Аннотатсия маъмулан барои бо мазмуну мундариҷаи асари чопшуда шинос намудани хонандагон ва ё бо мақсади ба муҳокима пешниҳод намудани асари ба чоп тавсияшаванда навишта мешавад.

( аз «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ», Душанбе, 2016, саҳ.)

• Гӯед, ки шарҳи боло ба кадом навъи луғат тааллуқ дорад.

Супориши №2: Гӯед, ки хулосаи аз матни боло навиштаро бо порчаи зерин муқоиса намоянд ва онро нависанд.

Аннотатсия вожаи лотинӣ буда,тавсифи мухтасари китоб, мақола, асари бадеӣ, илмии оммавиро фаро мегирад. Дар он масъалаҳои асосии китоб зикр гашта, баъзан баҳо дода мешаванд.

Аннотатсия матнест, ки аз 3-4 ҷумла ва ҳатто аз ин ҳам камтар таркиб ёфтааст. Ҳаҷми матни аннотатсия ба ҳаҷми матни асосӣ вобаста нест. Аннотатсияро дар навбати худ як навъ «муаррифӣ» (реклама) гуфтан ҳам мумкин аст. Он барои ҳавасманд кардани хонандагони ҳамон асар хидмат мекунад ва ононро ба моҳияти асар ошно месозад. Қариб ҳамаи китобҳо аннотатсия доранд. Дар тарафи чапи саҳифаи аввал ва охири китоб ҷой дода мешавад.

Супориши №3: Гӯед, ки аннотатсияро, ки дар асари нависандаи намоёни тоҷик Ҷалол Икромӣ «Зоғҳои бадмур» ҷой дода шудааст, хонанд ва таҳлил кунанд:

Дар романи «Зоғҳои бадмур» муаллиф одамони риёкор, дудила ва мунофикро ҳадафи танқиди худ қарор дода, ба онҳо қаҳрамонони мусбати пурсубот, шуҷоъ ва қавииродаро муқобил мегузорад.Дар мубориза и шадиди неку бад, ниҳоят, лонаҳои зоғҳои бадмур вожгун гашта оташ мегиранд, баъд дар алангаи онҳо макру адоват сӯхта нобуд мегарданд.

Савол ва супориш:

1. Шумо ба мазмуни ин аннотатсия розиед?

2. Ба он чизе илова кардан мумкин аст?

3. Намунаи (варианти) худро пешниҳод кунед.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба иншои навиштаи ҳамсинфашон аннотатсия нависанд.

## §26. КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ Дарси 2

Салоҳиятҳо:

8.2.4. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри аннотатсия, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни аннотатсия, зарурати навиштани аннотатсияро дарк кардан.

Хонанда:

–матни аннотатсияро таҳлил мекунад, тағйиру такмил медиҳад;

–аннотатсияҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

–аннотатсия таҳия мекунад.

- Мақсадҳои дидактикӣ:
- ба асарҳои адабиву илмӣ баҳо додан;
- аннотатсияро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;
- аннотатсия таҳия кардан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
- шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба иншои навиштаи ҳамсинфашон аннотатсия нависанд.

| Т/р | Аннотатсия ба чӣ? | Махсусият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

- Саволу супориш доир ба мавзӯи гузашта:

1. Сараъзоҳои ҷумла кадомҳоанд?
2. Мубтадо чист? Хабар чӣ?
3. Аннотатсияро шарҳ диҳед.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни аннотатсия

Кор дар гурӯҳҳо

Супориши №1: Ба хонандагон гӯед, ки чанд намунаи аннотатсияи дар зер пешниҳодшударо хонанд. Муайян кунанд, ки кадоме аз ин тавсифи китобҳо бо унсурҳои баҳодиҳӣ муофиқат мекунад. Махсусияти забонии матни аннотатсияҳо ва сохтори забонии онҳоро таҳлил кунанд. Гӯянд, ки кадоме аз инҳо писандашон аст? Ба ҷойи кадоме аз онҳо варианти худро пешниҳод мекунанд?

Бо матнҳо шинос шавед ва хулосаи худро дар ҷадвал муаррифӣ намоед.

Гурӯҳи 1: Убайд Раҷаб. Ману ҷӯраҳои ман. Шеъру чистон ва қиссаю достон. Душанбе, «Маориф», 1981,232 саҳ.

Китоби «Ману ҷӯраҳои ман» - ро барои ту Лауреати мукофоти комсомолии ленинии Тоҷикистон шоир Убайд Раҷаб навиштааст. Дар он ҳам асарҳои нави дар солҳои охир эҷодшуда ва ҳам асарҳои дар давоми зиёда аз бисту панҷ сол навиштаи шоир гирд омадааст.Муаллиф ҳамаи онҳоро дубора аз назари таҳрир гузаронидааст. Шеъру чистон ва қиссаву достони ин китоб аз дӯстию рафоқати одамон, аз манзараҳои табиати руҳбахшу дилрабои Тоҷикистон, аз машғулияти тую рафиқонат ва меҳнати калонсолон ҳикоя мекунанд, нисбат ба зиндагӣ дар дили ту муҳаббате мепарваранд.

Гурӯҳи 2: Ҳакими Мумтоз. Нақлу ривоятҳо дар бораи Абуалӣ Сино (барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ. - Душанбе, Маориф ,1981, саҳ.72)

Ҳакими Мумтоз, Абуалӣ ибни Сино, ки дар байни омма шуҳрати бузурге пайдо кардааст, қаҳрамони бисёр нақлу ривоятҳо гардидааст ва он ривоятҳо то ҳол вирди забони мардуми тоҷик ва дигар халқҳои машриқзаминанд. Дар ин китоб ҳикояҳои дигар ҳам оварда шудаанд, ки мавзӯи онҳо ба ҳаёт ва амалу эҷоди Синои бузург алоқамандананд.

Гурӯҳи 3: Маҷмӯаи «Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода» фарогири намунаҳои фолклор ва фарҳанги суннатии мардуми закитабъи ноҳияҳои Шаҳринаву Турсунзода буда, дар он бори нахуст матнҳои гирдовардаи фолклоршиносони тоҷик дарҷ шудаанд. Махсусан намунахои рубоию суруд, зарбулмасалу мақол, нақлу ривоятҳо ва тасвири ҷашну маросимҳои ин диёр ҷолибу судманд ва пур аз панду ҳикмат буда. барои хонандагон маълумоти тозаи бадеӣ ва таърихӣ медиҳанд. Маҷмӯа ба ҷашни 100-умин солгарди фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода бахшида шудааст.

Гурӯҳи 4: Ҳадиса Қурбонов. Хатлон (достон). -Душанбе, Адиб-2015, саҳ. 272

Достони Шоири халқии Тоҷикистон Ҳадиса Қурбонова «Хатлон» аз таърихи бойи ин сарзамин ҳикоятҳои талху ширин мекунад. Хатлон, ки қаҳрамонҳояш Сабалу Хушнавозу Мизробу Сарахон ва ҷонфидоёнаш Ғатифару Тархону Авастану Катону шахсони зиёде мебошанд, ки баҳри истиқлолияти Ватан ба урдуи турку тозиву муғулу манғит набардҳои беамон намуда, марзу буми ватанро аз аҷнабиён ҳифз намудаанд. Хатлоне, ки вайронаҳои Фархори .Сайёду Ҳулбуку муъҷизаҳои кӯҳи чилдухтаронаш имрӯзҳо ҳам дӯстдорони маданияти чи тоҷик ва чи дигаронро ба ваҷд оварда ба сӯи худ мекашад. Достони «Хатлон» ягона достони калонҳаҷми мураккаби назмист, ки аз таърихи асри куҳан то ба имрӯзро дар бар гирифта,тараннумгари ин марзу бум мебошад.

Супориши №2: Хулосаашонро баён кунанд ва ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

| Т/р | Аннотатсия | Махсусият | Камбудӣ | Илова |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

Вазифаи хонагӣ. Матнро хонанд ва сипас нависанд. Доир ба китобе аннотатсияи мухтасар нависанд.

Мураттиб: Абдурауф Муродӣ

Истиқлолият – асолату саодати миллат. Душанбе, «Бебок», 2016, 168 саҳ.

Дар ин китоби дастаҷамъӣ (маҷмӯаи мақолаҳо), ки ба шарафи 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, сухан аз иқдоми бузурги созандаи халқи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишвари маҳбуб дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, бахусус, соҳаи маориф гуфта мешавад. Муаллифон батакрор таъкид мекунанд, ки истиқлолият шарафу саодати миллат ва муҳимтарин омили шукуфоиву пойдории он аст.

## §27. ҲОЛ ВА НАВЪҲОИ ОН. ҲОЛИ ЗАМОН ВА МАКОН

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯйи сохт муайян кардан;
–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;
–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;
–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.
II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Матнро хонанд ва сипас нависанд. Доир ба китобе аннотатсияи мухтасар нависанд.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.
III. Баёни мавзӯи нав. Ҳол ва навъҳои он. Ҳоли замон ва макон
•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.92). Ба калимаю ибораҳои ишорашуда саволҳои мувофиқ гузошта, чиро ифода кардани онҳоро шарҳ диҳанд.
• Ҳалли машқи 2 (саҳ.93). Ба хонандагон гӯед, ки порчаи манзумро хонанд ва ба ифодаҳои ишорашуда саволҳои мувофиқ гузошта, кадом навъи ҳол буданашонро шарҳ диҳанд.
Супориши №1: Бо якҷоягии хонандагон таърифи ҳол ва ҳолҳои макону замонро таҳия кардан:
• Ҳол ---------------------------- буда, -------------------------------------- -ро мефаҳмонад;
• Ҳол ба саволҳои -------------------------------------------------- ҷавоб мешавад;
• Ҳол аз рӯйи маъно --------- хел мешавад: --------------------------------------------------;
• Ҳоли макон ------------------- ва ҳоли замон -------------------- воқеъ шудани ----------------ро мефаҳмонанд;
• Ҳоли макон дар ҷумла ба саволҳои -------------------------------- ва ҳоли замон ба саволҳои ---------------------------------- ҷавоб мешаванд;
• Дар ҷумла ба вазифаи ҳол ------------------------------ меоянд.
Супориши №2: Иҷрои машқи 6 (саҳ.98). Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва муқоиса кунанд. Шарҳ диҳанд, ки чаро калимаю ибораҳои ишорашуда дар сутуни якум пуркунандаю дар дуюмӣ ҳол?

| | |
|---|---|
| Аз дурии роҳ парво накунед.<br>Аз хунукӣ гармӣ беҳтар аст. | Аз дурии роҳ дар вақти муайяншуда омада натавонистем.<br>Аз хунукӣ дасту пояш меларзид. |

Кори гурӯҳӣ. Супориши №3: Иҷрои машқи 1 (саҳ.94). Гӯед, ки калима ва ибораҳои зеринро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳанд.
Гурӯҳи 1: шаб, имсол, омадан замон;
Гурӯҳи 2: имрӯз, ҳанӯз, рӯзи гузашта;
Гурӯҳи 3: дар як шабонарӯз, бо як чашм задан;
Гурӯҳи 4: баробари дидани ӯ, аз пагоҳ то бегоҳ.
• Баррасии кори хонандагон.
Супориши №4: Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳои марбута ҷалб намоед.
Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.94). Матнро хонед, ҳолҳои замонро муайян созед ва шарҳ диҳед, ки бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шудаанд.
Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 1 (саҳ.96). Порчаҳои манзумро хонда гӯед, ки муассирияти онҳоро чӣ таъмин кардааст.
Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 3 (саҳ.97). Матнро хонед ва аниқ созед, ки дар бораи чӣ сухан меравад. Сипас, ҳолҳои маконро ёбед ва нависед.
Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 2 (саҳ.97). Ҷумлаҳо тартиб диҳед, ки калимаҳои зерин бо ёрии пешояндҳои **дар**, **аз**, **то** ва **ба** ба вазифаи ҳоли макон оянд.
Деҳа, дашт, саҳро, мактаб, хона, шаҳр, боғ, токзор, китобхона, гулгашт.
Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 4 (саҳ.94). Матнро бодиққат хонед ва ҷоеро мухтасар тасвир кунед. Гӯед, ки ҳолҳои замон бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шудаанд.

Гурӯҳи 6: Иҷрои машқи 5 (саҳ.98). Матнро бодиққат хонед ва ҷоеро мухтасар тасвир кунед. Гӯед, ки ҳолҳои макон бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шудаанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.97). Ба хонандагон фаҳмонед, ки матнро хонанд, хулосаашонро бо ду ҷумла навишта, онҳоро хаттӣ таҳлил кунанд.

## §28. ҲОЛИ МИҚДОРУ ДАРАҶА ВА ШАРТ

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.97). Ба хонандагон фаҳмонед, ки матнро хонанд, хулосаашонро бо ду ҷумла навишта, онҳоро хаттӣ таҳлил кунанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҳоли миқдору дараҷа ва шарт

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.98). Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва ба ифодаҳои ишорашуда диққат диҳанд. Аниқ созанд, ки онҳо кадом ҷиҳати амалу ҳолатро шарҳ медиҳанд.

Кори инфиродӣ

Супориши №1. Иҷрои машқи 2 (саҳ.99). Ба ҷойи нуқтаҳо ҳоли миқдору дараҷаи мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Ба онҳо савол гузошта, ба эзоҳи чӣ омадану бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шудани ҳоли миқдору дараҷаро шарҳ диҳед.

• Бо якҷоягии хонандагон таърифи ҳоли миқдору дараҷа ва шартро таҳия кардан:

• Ҳоли миқдору дараҷа ва шарт -------------------- воқеъ шудани ----------------ро мефаҳмонад;

• Ҳоли миқдору дараҷа ва шарт дар ҷумла ба саволҳои ---------------------------------- ҷавоб мешавад;

• Дар ҷумла ба вазифаи ҳоли миқдору дараҷа ва шарт ------------------- меояд.

Супориши №2. Иҷрои машқи 2 (саҳ.100). Ба ҳолҳои ишорашуда савол гузоред ва гӯед, ки онҳо чиро ифода мекунанд. Баъд ба ҷойи онҳо аз ҳолҳои дар қавс додашуда мувофиқашро гузошта нависед.

• Хонандагонро гӯед, ки ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

Кор дар қаторҳо. Супориши №3: Ҳалли машқҳо

Қатори 1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.100). Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки фикри

асосӣ дар кадом ҷумла баён шудааст.

Қатори 2: Иҷрои машқи 4 (саҳ.101). Порчаи манзумро ифоданок хонед ва гӯед, ки дар муассир гаштани порча кадом калимаҳо (ҳолҳо) нақш доранд.

Қатори 3: Иҷрои машқи 5 (саҳ.102). Байтҳоро хонед ва зарфҳои тарзи онро ёбед ва бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шуданашонро шарҳ диҳед.

Кори инфиродӣ. Супориши №4: Иҷрои машқи 6 (саҳ.102). Ба хонандагон гӯед, ки бо истифода аз калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳанд, ки онҳо ба вазифаи ҳоли тарз омада бошанд.

Нохост, рӯйирост, дартоз, якпаҳлу, ногаҳон, даста- даста, баландтар, ваҷаб ба ваҷаб, тозон, мавҷзанон, нигоҳ карда - нигоҳ карда.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 7 (саҳ.102). Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва ба зери ҳоли тарз хат кашанд. Ҷойи ҳоли тарзро муайян созанд.

## §29. ҲОЛИ САБАБ ВА МАҚСАД

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 7 (саҳ.102). Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва ба зери ҳоли тарз хат кашанд. Ҷойи ҳоли тарзро муайян созанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҳоли сабаб ва мақсад

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.104). Гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва ба зери ҳоли сабаб хат кашанд. Шарҳ диҳанд, ки ҳолҳои сабаб ба воситаи чӣ ифода шудаанд.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1. Иҷрои машқи 1 (саҳ.105). Фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва ба ҳоли мақсад саволҳо гузоранд.

Гурӯҳи 1: Аҳли маҷлис барои гусел кардани меҳмонон дар канори роҳ истоданд. (С.А.)

Гурӯҳи 2: Салим қасдан худро ба нодонӣ мезад.

Гурӯҳи 3: Барои хӯрокхӯрӣ ба ошхона даромад.

Гурӯҳи 4: Ман бо мақсади аловдаргиронӣ зуд як қабза хасу хошок чида овардам. (С.А.)

• Баррасии кори хонандагон;
• Бо якҷояигии хонандагон таърифи ҳоли сабабу мақсадро таҳия кардан:
• Ҳоли сабаб ва мақсад -------------------- воқеъ шудани -----------------ро мефаҳмонад;
• Ҳоли сабаб ва мақсад дар ҷумла ба саволҳои ---------------------------------- ҷавоб мешавад;
• Дар ҷумла ба вазифаи ҳоли сабаб ва мақсад ------------------- меояд.
Супориши №2: Иҷрои машқи 2 (саҳ.104). Матнро бодиққат хонед ва хулосаатонро бо ифодаи худ баён кунед. Ҳангоми нақл аз ҳоли сабаб истифода баред.
Супориши №3: Иҷрои машқи 2 (саҳ.105). Ҷумлаҳоро хонед ва шарҳ диҳед, ки ҳоли мақсад бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтааст.
• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.
Вазифаи хонагӣ. Гӯед, ки аз ҳаёти мактабиашон хабаре нависанд, ки дар он ҳоли сабабу мақсад истифода шуда бошад.

## §30. ҲОЛИ ШАРТ ВА ХИЛОФ

Салоҳиятҳо:
8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.
Хонанда:
– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.
Мақсадҳои дидактикӣ:
– Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;
– Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;
–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;
– Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.
Равиши дарс
I. Ташкили дарс:
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.
II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Гӯед, ки аз ҳаёти мактабиашон хабаре нависанд, дар он ҳоли сабабу мақсад истифода шуда бошад.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.
III. Баёни мавзӯи нав. Ҳоли шарт ва хилоф
•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.105) . Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва ба зери ҳолҳои шарт хат кашанд.
Супориши №1: Иҷрои машқи 1 (саҳ.106). Хондан, савол гузоштa, муайян кардани ҳоли хилоф дар ҷумлаҳо ва сипас таҳияи таърифи ҳоли шарт ва хилоф.
• Бо якҷояигии хонандагон таъриф ҳоли шарт ва хилофро таҳия кардан:
• Ҳоли ҳоли шарт ва хилоф ------------------ воқеъ шудани ----------------ро мефаҳмонад;
• Ҳоли ҳоли шарт ва хилоф дар ҷумла ба саволҳои ------------------------ ҷавоб мешавад;
• Дар ҷумла ба вазифаи ҳоли ҳоли шарт ва хилоф ------------------- меояд.
Кори гурӯҳӣ.Супориши №2: Дар гурӯҳҳо дуҷумлаӣ доир ба ҳоли шарт ва хилоф нависед ва кори худро муаррифӣ намоед.
• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки матни порчаеро аз асарҳои бадеӣ интихоб кунанд, ки дар он ҳоли хилофу шарт истифода шуда бошад.

## §31. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ Оби тоза

Ибни Сино ба истеъмоли оби тоза таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, чунин меҳисобад, ки бисёр бемориҳо , ба хусус бемориҳои сирояткунанда, ба воситаи оби нӯшокӣ паҳн мешаванд. Барои аз ғашҳои механикӣ тозакунӣ ӯ истифодаи полоишро бо зарфҳои гилии сӯрохдор пешниҳод мекунад. Усули бо тақтир тозакунии обро Ибни Сино усули мукаммал меҳисобид. Яке аз усулҳои тозакунии об мувофиқи ақидаи Ибни Сино чуни наст: Аз пашм ресмон тайёр карда, як нӯги онро ба зарфи аз об пур ва нӯги дигарашро ба зарфи холӣ мегузоранд. Дар натиҷа об ба зарфи холӣ мечакад. Ин яке аз намудҳои беҳтарини полоиши об ба ҳисоб меравад, ба хусус, агар он якчанд маротиба такрор карда шавад. Эҳтимол, дар ин маврид ба шарофати тарангкашии сатҳии худ об аз сӯрохиҳои ресмон гузашта, ғашҳои механикиро дар якҷоягӣ бо зарраҳои гилӣ дар ҷисми ресмон боқӣ гузорад.

аз китоби «Об –муъҷизаи табиат»

## §32.КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ Дарси 3

Салоҳиятҳо:

8.2.4. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри аннотатсия, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни аннотатсия, зарурати навиштани аннотатсияро дарк кардан.

Хонанда:

–матни аннотатсияро таҳлил мекунад, тағйиру такмил медиҳад;
–аннотатсияҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
–аннотатсия таҳия мекунад.

– Мақсадҳои дидактикӣ:
– ба асарҳои адабиву илмӣ баҳо додан;
– аннотатсияро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;
– аннотатсия таҳия кардан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки матни порчаеро аз асарҳои бадеӣ интихоб кунанд, ки дар он ҳоли хилофу шарт истифода шуда бошад.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни аннотатсия

Кор дар гурӯҳҳо

Супориши №1: Ҳалли машқҳо. Диққати хонандагонро ба мамзуни матнҳо ва талаби машқҳо ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Матнро хонед ва гӯед, ки аз кадом ҷиҳат аз аннотатсияҳои пешин фарқ мекунад. Барои аннотатсияи хуб навиштан чӣ бояд кард? Бе ошноӣ ба муҳтавои китоб оё навиштани аннотатсия имконнопазир аст?

Раҷабалӣ Қудратов. Назми ҷаҳонтоб (маҷмӯаи очерку мақолот). – Душанбе, «Адиб», 2011, 176 саҳ.

Маводе, ки ин маҷмӯа дар бар гирифтааст, то дараҷае метавон онро зиндагиномаи Қаҳрамони Тоҷикистон – устод Мирзо Турсунзода номид. Муаллиф то андозае кӯшидааст, ки аз диди назорааш ягон сафҳае аз роҳи ҳаёти шоир кам наояд. Дар баъзе лаҳзаҳо ӯ бо овардани сухани ҳакимона хонандаро водор месозад, ки

амиқтар андеша ронад ва қадру манзалати саромадони миллати хешро фаротар бишносад. Маҷмӯа барои устодону шогирдони донишгоҳҳои риштаи адабиёт ва омӯзгорону таълимгирандаҳои мактабҳои мутаввасит чун маъхази ба кифоят метавонад хизмат расонад.

Гурӯҳи 2: Матнро хонед. Оё матни зеринро ба қисмҳо ҷудо кардан мумкин аст? Онро ба ба қисмҳо ҷудо кунед ва нависед.

Маҷидов Ҳомид. Забони адабии муосири тоҷик - ҷилди 1. Луғатшиносӣ - Душанбе, 2007.-243 с.

Ҷилди аввали китоби дарсии «Забони адабии муосири тоҷик» тасвири захираи луғавии забони адабӣ, хосатан, қонуниятҳои мавҷудият ва истеъмоли калимаи тоҷикӣ, маъношиносӣ, масъалаҳои пайдоиш, сабкиёт ва луғатнигории тоҷикро дар бар мегирад. Он барои донишҷӯёни шуъбаҳои филологӣ пешбинӣ шудааст. Назарияҳои илмии ин асар ҳамчунин боиси ҳусни таваҷҷуҳи кормандони илмӣ ва аспирантони риштаҳои мухталифи илми забон ва, умуман, ҳар як ҳавасманди забони адабии муосири тоҷик шуда метавонад.

Гурӯҳи 3: Матни аннотатсияро хонед ва мавзӯи онро мушаххас созед. Доир ба ягон дастури корҳои лабораторӣ аз физика ё химия аннотатсия нависед.

Ғ. Бобизода, Ф. Абдуллоев, И. Усмонов «Озмоишҳои мустақилона ва намунаи тестҳо аз химияи органикӣ» (дастури методӣ).- Душанбе. Ирфон, 2016. - 84 с.

Дар дастури методии «Озмоишҳои мустақилона ва намунаи тестҳо аз химияи органикӣ» корҳои мустақилонаи хонандагон доир ба мавзӯъҳои аттестатсия, полиэтилин, спиртҳо, кислотаҳои карбон, карбогитратҳо, ҳалли масъалаҳои таҷрибавӣ дар машғулиятҳои амалӣ, масъалаҳои таҷрибавии хонагӣ аз химияи органикӣ, кори амалии хонандагон дар хона оид ба чанде аз мавзӯъҳо, намунаи тестҳо ва ғайраҳо мавриди шарҳу баён қарор гирифтанд.

Дастур барои омӯзгорон пешниҳод шудааст.

Гурӯҳи 4: Матнро хонед ва сипас нависед. Доир ба китобе аннотатсияи мухтасар нависед.

Мураттиб: Абдурауф Муродӣ

Истиқлолият – асолату саодати миллат. Душанбе, «Бебок», 2016, 168 саҳ.

Дар ин китоби дастаҷамъӣ (маҷмӯаи мақолаҳо), ки ба шарафи 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, сухан аз иқдоми бузурги созандаи халқи тоҷик дар даврони соҳибистиқлоли кишвари маҳбуб дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, бахусус, соҳаи маориф гуфта мешавад. Муаллифон батакрор таъкид мекунанд, ки истиқлолият шарафу саодати миллат ва муҳимтарин омили шукуфоиву пойдории он аст.

| Т/р | Аннотатсия | Махсусият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

• Хулосаҳоятонро нависед ва муаррифӣ намоед. Ба кори дар паҳлуятон нишаста баҳо гузоред;

• Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Аъзоҳои пайрави ҷумларо номбар кунед.

2.Навъҳои пуркунанда кадомҳоанд?

3.Фарқи баёнияро аз муайянкунанда шарҳ диҳед.

4.Аннотатсия чист?

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки китоберо аз адибони Тоҷикистон ёфта, ба он аннотатсия нависанд.

## §33. КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ Дарси 4

Салоҳиятҳо:

8.2.4. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри аннотатсия, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни аннотатсия, зарурати навиштани аннотатсияро дарк кардан.

Хонанда:

–матни аннотатсияро таҳлил мекунад, тағйиру такмил медиҳад;

–аннотатсияҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

–аннотатсия таҳия мекунад.

– Мақсадҳои дидактикӣ:
– ба асарҳои адабиву илмӣ баҳо додан;
– аннотатсияро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;
– аннотатсия таҳия кардан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки китоберо аз адибони Тоҷикистон ёфта, ба он аннотатсия нависанд.

• Кори худро муаррифӣ намоянд ва ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳо гузоранд:

| Т/р | Аннотатсия | Махсусият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

• Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Чиро муайянкунанда меноманд?

2.Пуркунанда чист?

3.Ҳол чиро ифода мекунад?

4.Аннотатсия кай ва чӣ тавр навишта мешавад, шарҳ диҳед.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни аннотатсия

Кори инфиродӣ

Супориши №1: Гӯед, ки матни аннотатсияи зеринро хонанд ва шарҳ диҳанд.

Наврӯз дар фарҳангҳо. Ирфон , ш. Душанбе, 2017, 99 саҳ. Мураттибон: С. Аминов, Д. Нуриддинова; Муҳаррир: Б. Қодиров

Дар китоб маълумоти доир ба Наврӯз додаи чанде аз фарҳангҳо гирд оварда шудаанд ва он имкон фароҳам меоварад, ки хонандагон бевосита маводи оид ба Наврӯз баёншударо аз сарчашмаҳои асл мутолиа намоянд.

Китоби мазкур барои омӯзгорон, донишҷӯён, муҳаққиқони ҷавон ва ашхосе, ки ба пайдоиши Наврӯз ва тартиби ҷашнгирии он таваҷҷуҳ доранд, пешниҳод мегардад.

• Супориши №2: Ба хонандагон фаҳмонед, ки матни зеринро хонанд. Гӯянд, ки ин аннотатсияи муфассал аст ё мухтасар. Дар бораи маҷмӯае, ки чандин мақоларо фаро гирифта бошад, аннотатсия нависанд.

Саида Набиева. Пайкори афкор. Гирдоварии мақолаҳо аз матбуоти даврӣ. Душанбе. «Адиб», 2016, 320 саҳ.

Дар китоби мазкур навиштаҳое гирд оварда шудаанд, ки солҳои гуногун дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд. Ҳадаф аз таълифоти мазкур кӯшиш дар роҳи ҳифзи арзишҳои маънавӣ ва ҷалби хонандагон ба масоили мубрами рӯз аст.

• Гӯед, ки хулосаҳояшонро нависанд ва муаррифӣ намоянд.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро хонанд ва маънидод кунанд. Барои «Луғати фразеологии мактабӣ» аннотатсия нависанд.

Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ. Душанбе, «Шарқи озод», соли 2013-320с.

«Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» шомили беш аз 65 ҳазор вожа ва истилоҳот буда, бар асоси «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, № 458 тасдиқ шудааст, таҳия мегардад. Фарҳанги имло он тағйиротеро, ки ба қоидаҳои имлои соли 2011 ворид гардидаанд, фаро мегирад. Дар фарҳанг асосан аз меъёрҳои таърихӣ пайгирӣ мешавад. Ба фарҳанг пас аз пешгуфтор «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» замима гардидааст».

Фарҳанг барои истифодаи умум пешбинӣ шудааст.

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди ҲҶТ, 2013

## VI.ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЯКТАРКИБА
## §34. НАВЪҲОИ ҶУМЛАИ СОДАИ ЯКТАРКИБА
## ҶУМЛАИ МУАЙЯНШАХС

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро хонанд ва маънидод кунанд. Барои «Луғати фразеологии мактабӣ» аннотатсия нависанд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба. Навъҳои ҷумлаи содаи яктаркиба. Ҷумлаи муайяншахс

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.121). Диққати хонандагонро ба мазмуни ҷумлаҳои ҳарду сутун ҷалб намоед, гӯед, ки мубтадо ва хабари ҷумлаҳои сутуни якумро муайян кунанд. Дар ҷумлаҳои сутуни дуюм кадом сараъзоҳо ҳастанд, шарҳ диҳанд.

| | |
|---|---|
| 1. Ман китоб хондам. | 1.Китоб хондам. |
| 2. Шумо пас аз хатми мактаби миёна ба Донишгоҳ дохил мешавед? | 2. Пас аз хатми мактаби миёна ба Донишгоҳ дохил мешавед? |
| 3. Салом китобро оварду барои намоиш ба раф гузошт. | 3. Китобро мехонанд, барои намоиш намегузоранд. |
| 4. Рақси Шарофат ҳамаро мутаассир кард. | 4. Ҳамаро мутаассир кард. |
| 5. Борон бошиддат меборид. | 5.Шаб. Шамоли нофорам. Боронгарӣ. |

Таҳияи таъриф:

• Ҷумлаҳои сода аз рӯйи иштироки ---------------------------------- яктаркиба ва ду

таркиба мешаванд;

-Ҷумлаҳои содаи дутаркиба барои он мегӯянд, ки -------------------------------------;

- Ҷумлаҳои содаи яктаркиба барои он мегӯянд, ки --------------------------------------.

-Ҷумлаҳои яктаркиба дар инавбати худ ---- навъ мешаванд: ------------------------------ ---------------- ва -------------------------------------------;

-Ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзояшон хабар ба ------ гурӯҳ ҷудо мешаванд: ------------ -----------------------------------------------------------------------------------;

- Танҳо ҷумлаи унвонӣ ба гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзояшон мубтадо дохил мешавад;

-Ҷумлаи яктаркибае, ки иҷрокунандаи амал----------------- аз ----------------------- -и он муайян мегардад, ҷумлаи -----------шахс ном дорад.

Супориши №1: Ҳалли машқҳо

• Иҷрои машқи 2 (саҳ.122). Фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва гӯянд, ки асоси онҳо кадом сараъзо аст: мубтадо ва ё хабар.

Иҷрои машқи 3 (саҳ.122). Нақшаро хонанд ва шарҳ диҳанд.




Кори гурӯҳӣ

Супориши №2: Ҳалли машқҳо

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 4 (саҳ.122). Матнро хонед ва баъд ҷумлаҳои содаи онро аз рӯйи иштироки сараъзоҳо муайян карда, дар сутуни якум ҷумлаҳои дутаркиба ва дар дуюм яктаркибаро нависед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 1 (саҳ.123). Порчаҳоро хонед ва ҷумлаҳои содаи яктаркибаро муайян кунед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 1 (саҳ.122). Ҷумлаҳоро хонда, муайян созед, ки кадоме дутаркибаю кадоме яктаркиба.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 3 (саҳ.124). Як мусоҳибае тартиб диҳед, ки дар он ҷумлаҳои содаи муайяншахс мавриди истифода қарор бигиранд.

Намуна: – Манучеҳр, ту имрӯз чӣ кор кардӣ? – Ман пагоҳӣ аз хоб хестам. Дасту рӯямро шустам. Баъд аз ноништа ба модарам дар корҳои хона ёрӣ расонидам. Дар вақти холӣ ба лолачинӣ рафтам.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 3 (саҳ.124). Матнро хонед ва ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахсро ёфта шарҳ диҳед.

• Баррасии кори хонандагон.

Кори мустақилона. Супориши №4: Иҷрои машқи 4 (саҳ.124). Гӯед, ки ба намуна нигоҳ карда чор шиор нависанд.

Намуна: Бачаҳо, таърихи кишвари худро омӯзед!

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 5 (саҳ.124). Матнро хонанд ва таассуроти худро мухтасар баён кунанд. Гӯед, ки ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахсро ҷудо карда нависанд ва шарҳ диҳанд.

## §35. ҶУМЛАИ НОМУАЙЯНШАХС

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯйи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

– ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
– омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
– шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 5 (саҳ.124). Матнро хонанд ва таассуроти худро мухтасар баён кунанд. Гӯед, ки ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахсро ҷудо карда нависанд ва шарҳ диҳанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаи номуайяншахс

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синфӣ ва ҳалли машқи 1 (саҳ.126). Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва аз ҷиҳати таркибу мазмун муқоиса карда шарҳ диҳанд.

| | |
|---|---|
| 1. 1.Муаллим дар мактаб имрӯз бо мо суҳбат гузаронд.<br>2. 2.Деҳқонон ба киштукор тайёрӣ дида истодаанд.<br>3. Аз деҳот ёрдамчиён меомадаанд. | 1. Имрӯз дар мактаб бо мо суҳбат гузарониданд.<br>2. Дар деҳот ба киштукор тайёрӣ дида истодаанд.<br>3. Аз деҳот барои ёрӣ меомадаанд. |

Кори инфиродӣ. Супориши №1:

• Иҷрои машқи 5 (саҳ.124). Гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва шарҳ диҳанд, ки диққати асосӣ дар ин ҷумлаҳо ба чӣ нигаронида шудааст.

Супориши №2. Иҷрои машқи 4 (саҳ.127). Фаҳмонед, ки порчаҳоро хонанд, ҷумлаҳои муайяншахс ва номуайяншахсро аниқ созанд ва шарҳ диҳанд.

Супориши №3: Таҳияи таъриф:

-Ҷумлаи яктаркибае, ки иҷрокунандаи амал----------------- муайян -------------, ҷумлаи ---------------------шахс ном дорад.

Супориши №4: Иҷрои машқи 3 (саҳ.127). Гӯед, ки ҷумлаҳоро аз рӯйи намунаи зерин ба ҷумлаи яктаркибаи номуайяншахс баргардонанд.

Намуна: Боғбонон ба ниҳолҳо об дода истодаанд - Ба ниҳолҳои боғ об дода истодаанд.

Кори мустақилона. Супориши №5: Иҷрои машқи 5 (саҳ. 127). Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва гӯянд, ки хабари онҳо дар кадом сиға ва замон ифода шудаанд.

• Иҷрои машқи 6 (саҳ. 128). Хонандагонро ба хондани ҳикоя водор намоед ва лутфи ҳикояро чӣ тавр фаҳмиданд, шарҳ диҳанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон навиштани 10 ҷумлаи номуайяншахсро тавсия диҳед ва гӯед, ки хабари онҳоро шарҳ диҳанд.

## §36. ҶУМЛАИ УМУМИШАХС

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;
–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;
–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;
–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон навиштани 10 ҷумлаи номуайяншахсро тавсия диҳед ва гӯед, ки хабари онҳоро шарҳ диҳанд.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаи умумишахс

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.128). Ба хонандагон қироати зарбулмасалҳо, шарҳи мазмун ва мавриди истеъмоли онҳоро супориш диҳед. Гӯянд, ки онҳо ба як кас ва ё ба ҳама тааллуқ доранд.

1. Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд.
2. Бародари ман бошӣ, баробари ман бош.
3. Кори имрӯзаро ба фардо магзоред.
4. Ба гетӣ ба ҷуз тухми некӣ макор (Фирдавсӣ).

Таҳияи таъриф:

-Ҷумлаи яктаркибае, ки амали он ба таври ----------------- ифода ёфтааст, ҷумлаи ---- ------------------шахс ном дорад.

Супориши №1: Иҷрои машқи 2 (саҳ. 129). Гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва мавриди истифодаи онҳоро шарҳ диҳанд. Аз куҷо фаҳмиданд, ки ҷумлаи умумишахсанд, шарҳ диҳанд.

1. Бо одами тарсончак ба шикор нарав. (Зарб.)
2. Одамонро аз худ маранҷон. (Зарб.)
3. Аз паси аспи носанҷида нагузар. (Зарб)
4. Хондаатро магӯ, фаҳмидаатро бигӯ. (Зарб.)
5. Некӣ куну дар об андоз. (Зарб.)
6. Аз суҳбати дӯстон машав гурезон.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №2: Иҷрои машқи 3 (саҳ. 129). Ба хонандагон фаҳмонед, ки байтҳоро хонанд ва маънидод кунанд. Гӯед, ки онҳо ба кадом шахс нигаронида шудаанд ва аз чӣ фаҳмиданд?

Гурӯҳи 1:
Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ.
Гурӯҳи 2:
Сар макун дар пеши дунёдор паст
В-ар кунӣ, бешак, равад динат зи даст.
Фаридуддини Аттор
Гурӯҳи 3:
Нигар, ту чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳарчи гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.
Абулқосим Фирдавсӣ
Гурӯҳи 4:
Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.
Низомии Ганҷавӣ

• Муҳокимаи андешаҳо.

Супориши №3. Иҷрои машқи 5 (саҳ. 130). Ҷумлаҳоро хонда, бо далелҳо собит кунанд, ки онҳо умумишахсанд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ. 129). Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро дар гурӯҳҳо хонанд ва муайян кунанд, ки кадоме аз онҳо умумишахс ва кадоме бешахсанд.

1. Хондаатро магӯ, фаҳмидаатро бигӯ.
2. Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб.
3. Озмударо набояд озмуд (Зарб.).
4. Дар дили дӯст ба ҳар ҳила роҳ бояд ёфт (Зарб.)..
5. Моро дар он ҷо нағз пешвоз гирифтанд.
6. Онро тавқи гардани қумрӣ мегӯянд. (Р.Ҷ.)

## §37. ҶУМЛАИ БЕШАХС

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:
– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;
– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;
– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:
–Ҷумлаи содаро аз рӯи сохт муайян кардан;
–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;
–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;
–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ. 129). Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро дар гурӯҳҳо хонанд ва муайян кунанд, ки кадоме аз онҳо умумишахс ва

кадоме бешахсанд.

1.Хондаатро магӯ, фаҳмидаатро бигӯ.

2. Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб.

3. Озмударо набояд озмуд (Зарб.).

4. Дар дили дӯст ба ҳар ҳила роҳ бояд ёфт (Зарб.)..

5. Моро дар он ҷо наѓз пешвоз гирифтанд.

6.Онро тавқи гардани қумрӣ мегӯянд. (Р.Ҷ.)

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаи бешахс

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.130). Гӯед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва муқоиса кунанд.

| | |
|---|---|
| 1. Ман ба хона бояд равам. | 1. Ба хона бояд рафт. |
| 2. Вазифаи хонагиро тайёр мекунем. | 2. Вазифаи хонагиро бояд тайёр кард. |
| 3. Мо ҳақиқатан аз сӯзанӣ чашм канда натавонистем. | 3. Ҳақиқатан аз сӯзанӣ чашм кандан мумкин набуд. |

Таҳияи таърифҷ:

-Ҷумлаи яктаркибае, ки амали он ба тарви ----------------- ифода ёфтааст, ҷумлаи ---- -----------------шахс ном дорад.

Супориши №1. Иҷрои машқи 2 (саҳ.131). Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаҳоро нависанд, хабар ва аъзоҳои пайрави онҳоро ишора кунанд.

Ҳалли машқҳо. Супориши №2: Иҷрои машқи 4 (саҳ.132). Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки онҳо кадом навъи ҷумлаи содаи яктаркибаанд. Хабарҳои феълиро аз рӯйи навъ шарҳ диҳед.

Кори мустақилона. Супориши №3: Иҷрои машқи 6 (саҳ.132). Хонед ва хабарҳоро ёфта шарҳ диҳед. Ҷумлаи охирро ба содаи дутаркиба баргардонед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 3 (саҳ.131). Ҷумлаҳои дутаркибаи зеринро ба ҷумлаи бешахс гардонда нависед. Намуна: Ман пагоҳ бояд ба китобхона равам. Пагоҳ ба китобхона бояд рафт.

## §38. ҶУМЛАИ УНВОНӢ

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯйи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарқ карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

– ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

– омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

– шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 3 (саҳ.131). Ҷумлаҳои дутаркибаи зеринро ба ҷумлаи бешахс гардонда нависед. Намуна: Ман пагоҳ бояд ба китобхона равам. Пагоҳ ба китобхона бояд рафт.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаи унвонӣ

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.132). Фаҳмонед, ки ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонанд. Пурсед, ки чаро ҷумлаҳои сутуни якум дар сутуни дуюм шакли дигар доранд? Мулоҳизаашонро гӯянд.

| | |
|---|---|
| Хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Акнун субҳ медамид. | Хомӯшӣ. Ҳама суханони нотиқро гӯш мекарданд. Субҳи барвақт. Деҳқонон ба сари заминҳои корам мераванд. |

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1: Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳо ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 2 (саҳ.133). Порчаро хонед ва гӯед, ки ҷумлаҳои унвонӣ чӣ вазифаро адо кардаанд.

Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 3 (саҳ.133). Матнро хонед, ҷумлаи унвониро муайян карда, бо ҷумлаҳои баъдина чӣ муносибат доштанашро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 4 (саҳ.134). Хонед, ҷумлаҳои унвониро ёбед ва тафсилоти онҳоро нависед.

Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 5 (саҳ.134). Ба ҷумлаҳои унвонии зерин ҷумлаҳои дутаркиба илова карда хонед, ки мазмунан алоқаманд бошанд.

Кори мустақилона. Супориши №2: Иҷрои машқи 7 (саҳ.135). Хонандагонро ба хондани ҳикоя водор намоед ва гӯед, ки хулосаи он дар кадом ҷумла баён шудааст. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи матнро муайян кунанд ва шарҳ диҳанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Таҳлили наҳвии ҷумлаҳои содаи яктаркиба;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.134). Ба хонандагон фаҳмонед, ки ба ҷойи нуқтаҳо ҷумлаҳои унвонии мувофиқ гузошта, порчаҳоро нависанд.

## VII. ҶУМЛАИ ПУРРА ВА НОПУРРА
## §39. ҶУМЛАИ ПУРРА ВА НОПУРРА

Салоҳиятҳо:

8.1.3. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан.

Хонанда:

– сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

– аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Ҷумлаи содаро аз рӯйи сохт муайян кардан;

–Аъзоҳои ҷумларо фарк карда тавонистан;

–Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан;

–Воситаҳои алоқаро дар ҷумла истифода бурда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

– ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

– омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

– шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.134). Ба хонандагон фаҳмонед, ки ба ҷойи нуқтаҳо ҷумлаҳои унвонии мувофиқ гузошта, порчаҳоро нависанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаи пурра ва нопурра

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф ва ҳалли машқи 1 (саҳ.135). Хонандагонро ба қироати порча водор намоед. Гӯянд, ки дар кадом ҷумлаҳо сараъзоҳо ва ё аъзоҳои пайрав истифода нашудаанд. Оё набудани онҳо фаҳмидани маъноро душвор сохтааст?

Супориши №1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.137). Порчаро хонда, ҷумлаҳои нопурраро муайян созанд. Сипас, шакли пурраи онҳоро нависанд ва хонда, бо матни асл муқоиса кунанд. Шарҳ диҳанд, ки чиро пай бурданд.

Таҳияи таъриф:

• Ҷумлае, ки дар он ҳамаи аъзои асосии ҷумла ------------, ҷумлаи ------------- ном дорад;

• Ҷумлае, ки дар он ҳамаи аъзои асосии ҷумла зикр наёфта, мазмуни онро аз ҷумлаҳои пешин фаҳмидан мумкин аст, ҷумлаи ----------------- ном дорад;

Супориши №2: Диққати хонандагонро дар гурӯҳҳо ба ҳалли машқҳо ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.137). Ҷумлаҳоро хонед ва муайян кунед, ки кадом аъзоҳо зикр нашудаанд. Оё пурра кардани чунин ҷумлаҳо дар доираи ҳусни баён аст?

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 5 (саҳ.137). Порчаро хонед ва мавқеи асосии истифодаи ҷумлаҳои нопурраро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 7 (саҳ.138). Ҳикояро хонед ва муайян кунед, ки ҳикмати он дар чист. Сипас, ҷумлаҳои нопурраи онро ёбед ва шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 8 (саҳ.139). Порчаҳоро бодиққат хонед ва хулосаҳоятонро баён кунед.

• Муаррифии кори хонандагон.

Супориши №3. Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳои хаттӣ дар гурӯҳҳо ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 4 (саҳ.137). Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки кадом ҷумлаи содаи таркиби онҳо нопурраанд. 4-5 мақоли ба инҳо монандро ба ёд оварда нависед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 6 (саҳ.138). Дар мавзӯи «Ошноӣ» мусоҳиба тартиб диҳед ва аз ҷумлаҳои нопурра истифода баред.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 6 (саҳ.138). Дар мавзӯи «Рӯзҳои истироҳат дар таътил» ва «Ташхиси фаъолият» мусоҳиба тартиб диҳед ва аз ҷумлаҳои нопурра истифода баред.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 10 (саҳ.140). Ҷумлаҳои нопурраро ёфта шарҳ диҳед ва онҳоро пурра намоед.

– Имрӯз кӣ омада буд?

– Хаткашон.

– Чӣ овард?

– Мактуб.

– Аз кӣ?

– Аз акаам.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 12 (саҳ.140). Матнро хонед ва ҷумлаҳои нопурраро ёбед. Шарҳ диҳед, ки дар ҷумлаи нопурра кадом аъзоҳои дар ҷумлаи пурра буда зикр нашудаанд. Ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахсро низ муайян кунед.

• Баррасии кори гурӯҳҳо.

Супориши №4. Ҳалли машқи 13 (саҳ.141). Фаҳмонед, ки саволу ҷавобро нависанд ва ҷумлаи нопурраро ёфта, ба зерашон хат кашанд. Гӯянд, ки шакли пурраи он чӣ гуна аст.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Таҳлили наҳвии ҷумлаҳои содаи яктаркиба;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 11 (саҳ.140). Ба хонандагон тавсия диҳед, ки аз рӯйи асарҳои хонда ва ё филми дидаашон мусоҳибае таҳия кунанд. Аз ҷумлаҳои нопурра истифода баранд.

## §40. КОР БО МАТНИ ЭССЕ (Дарси 1)

Салоҳиятҳо:

8.2.5. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри эссе, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни он, шинос шудан бо тартиби навиштани эссе, мавзӯъро интихоб карда, фикрро сода, ихчам ва муассир баён карда тавонистан.

Хонанда:

–матни эссеро таҳлил ва тағйиру такмил медиҳад;
–эссеҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
–дар мавзӯъҳои ҷудогона эссе навишта метавонад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Эссеро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;
–Тартиби таҳияи эссеро аз худ кардан;
–Малакаи эссенависиро такмил додан;

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 11 (саҳ.140). Ба хонандагон тавсия диҳед, ки аз рӯйи асарҳои хонда ва ё филми дидаашон мусоҳибае таҳия кунанд. Аз ҷумлаҳои нопурра истифода баранд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни эссе

Кор дар гурӯҳҳо

Супориши №1: Иттилои назариявиро дар гурӯҳҳо баррасӣ намоед.

Гурӯҳи 1: Эссе вожаи франсузӣ (essai) буда, таърихан аз калимаи лотинии txagium гирифта шудааст. Вожаи франсузии «essai»-ро метавон айнан чунин тарҷума кард: таҷриба, санҷиш, кӯшиш, қайдҳои алоҳида, очерк.

Эссе иншои насриест, ки ҳаҷман чандон калон набуда, композитсияи(сохтори) озод дорад. Муаллиф дар он андешаю таассуроти шахсиашро доир ба мавзӯи пешниҳодшуда мухтасар бо далелҳои асоснок баён месозад. Дар эссе ҷаҳонбинию андешаҳои муаллиф доир ба ягон мавзӯи фарҳангию таърихӣ ва ҷамъиятӣ инъикос меёбад.

Мавҷудияти мавзӯъ ё масъалаи аниқ яке аз махсусиятҳои эссе мебошад. Асарҳои калонҳаҷму дорои чандин мавзӯъро дар ин жанр иҷро ва таҳлил кардан номумкин аст.

Баёни таассурот ва андешаҳои шахсӣ оид ба муносибат ва масъала асоси эссеро ташкил медиҳад.

Гурӯҳи 2: Эссе метавонад шахсӣ (ё субъективӣ) ва объективӣ бошад. Дар эссеи (субъективӣ) хислату кирдор, орзую хостаҳои муаллифи он баён мегардад. Дар эссеи объективӣ муаллиф дар бораи ягон ғоя ё сухани (гуфтори) адибону олимон, шахсиятҳои намоёни сиёсӣ ва ғайраҳо андешаҳояшро баён менамояд. Муаллифи эссе дар бораи идея ё гуфторе фикрашро изҳор дошта, тарафдор ё муқобил будани худро бо далелҳо исбот менамояд. Мақсади навиштани эссе рушди малакаҳои тафаккури эҷодии мустақилона ва баёни хаттии андешаҳои шахсӣ мебошад. Навиштани эссе ба муаллифи он имконият фароҳам меоварад, ки андешаро аниқ ва босаводона мураттаб намояд. Ахборро ба низом дарорад. Мафҳумҳои асосиро истифода барад, робитаи сабабу натиҷаро муқаррар созад ва хулосаҳои худро бо далелҳо собит намояд.

Гурӯҳи 3: Эссенавис ҳангоми шарҳу маънидод бояд аз сергапӣ, истифодаи калимаҳои нофаҳмою душвор, калимаҳои шевагӣ, ки ба меъёрҳои забони адабӣ ҷавобгӯ нестанд, худдорӣ намояд. Ҳамзамон истифодаи калимаҳои иқтибосии бемавқеъ низ маҷоз нест. Истифодаи воситаҳои муассири луғавӣ ва воситаҳои тасвир, фразеологизмҳо, ифодаҳои қолибу пурмуҳтаво эссеро ҷаззобу хонданбоб мегардонад.

Сохтори эссе аз рӯи мавзӯъ ва талаботи гузошташуда чунин муайян карда мешавад: андешаҳои муаллиф оид ба масъала дар шакли тезиси мухтасар баён карда мешавад: андешаҳои муаллиф бояд бо далелҳо исбот карда шаванд. Аз ин рӯ, пас аз тезис далелҳо меоянд: далелҳо –ин воқеаҳо, падидаҳои ҳаётӣ - ҷамъиятӣ, ҳодиса, вазъиятҳои ҳаётӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ, далелҳои илмӣ, мурочиат ба гуфтори олимон ва ғайраҳо. Баъди ҳар тезис овардани ду далел кофист.

Гурӯҳи 4: Ҳамин тариқ, эссе сохтори ҳалқавӣ ба худ мегирад (миқдори тезис ва далелҳо вобаста ба мавзӯъ, нақша ва мантиқи рушди фикр аст).

Муқаддима (сарсухан). – тезис, далелҳо; тезис – далелҳо; - тезис, далелҳо; хулоса (хотима).

Дар вақти навиштани эссе ба масъалаҳои зерин диққат додан лозим аст. Ҷавоб додан ба онҳо имкон фароҳам меорад, ки чӣ навиштанро аниқ муайян кунед. Ба сифатҳои шахсӣ ё қобилияти худ дахл карда, аз худ пурсед:

Ман ба ин ё он сифати худ аз онҳое, ки медонанд, оё фарқ дорам? Ин фарқ дар чӣ зоҳир мешавад?

Оид ба фаъолияте, ки машғулед:

- Чӣ маро водор сохт, ки ба ин навъи кор машғул гардам? Чаро ман ин кори худро идома медиҳам?

Доир ба ҳар як воқеаи ҳаёти худ, ки шумо ишора кардаед:

- Чаро ман маҳз ин одамро номбар кардам? Магар кӯшиш мекунам, ки мисли ӯ бошам? Аз кадом сифатҳои ӯ ба шавқ меоям? Ва изҳор карда будед, ки як умр аз хотир намебарорам.

Оид ба ҳар як беҳтар ҳисобидани шумо ва чизҳои бароятон маъқулнашуда:

- чаро ба ман ин кор маъқул аст ё маъқул нест?

- ин ҳолат магар то як андоза ба ҳаёти ман таъсир расонид?

Гурӯҳи 5: Масъалагузорӣ (ё гузоштани савол) дар сарсухан: «Мехоҳам доир ба ин масъала андешаамро баён кунам» (агар эссеи шахсӣ ё субъективӣ) бошад. «Моҳияти масъалаи гузошташуда аз чӣ иборат аст?» «Чаро ин мавзӯъ муҳим аст?», «Ман ба ин андеша розӣ шуда наметавонам», «Ман ба ин андеша розиам» ва ғайраҳо.

- Ҳар як тезис аз сатри нав оғоз меёбад. Дар ҳар тезис масъалаи гузошташуда батартиб таҳлил ва бо далелҳо асоснок карда мешавад. Фикру мулоҳизаҳо бояд мураттаб баён гарданд.
- Таъкид дар хулоса: «Аз таҳлили мавзӯъ чунин хулоса бармеояд, ки … », «Ман ба чунин хулоса омадам, ки …»
- Аз нуқтаи назари мазмун эссе метавонад философӣ, адабӣ – танқидӣ, таърихӣ, бадеӣ, бадеию публисистӣ ва ғайраҳо шавад.

Аз ҷиҳати ҳаҷм барои эссе ягон ҳудуди қатъӣ гузошта нашудааст. Метавон ҳаҷми онро барои хонандагон аз ду- се то 4 саҳифаи чопи компютерӣ муқаррар сохт.

Мавзӯи эссе ҳамеша аниқ аст. Он дорои мавзӯъ ё идеяи бисёр буда наметавонад, дар он танҳо як вариант ва як фикр инъикос меёбад. Эссе ҷавоб ба як савол аст. Дар эссе бисёрсуханӣ ҷоиз нест, он бояд мухтасару пурмаъно ва беғалат буда, бо тезисҳо ва далелҳо ифода ёбад.

Супориши №2: Гӯед, ки хулосаҳояшонро дар ҷадвал муаррифӣ намоянд.

| Т/р | Эссе | Махсусият | Ҳаҷм | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо назардошти қоидаҳои боло дар мавзӯи «Чаро тамошои музей (шояд ягон чизи дигар) ба ман маъқул аст?» эссе нависанд.

## §41. КОР БО МАТНИ ЭССЕ (Дарси 2)

Салоҳиятҳо:

8.2.5. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри эссе, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни он, шинос шудан бо тартиби навиштани эссе, мавзӯъро интихоб карда, фикрро сода, ихчам ва муассир баён карда тавонистан.

Хонанда:

–матни эссеро таҳлил ва тағйиру такмил медиҳад;

–эссеҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

–дар мавзӯъҳои ҷудогона эссе навишта метавонад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Эссеро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;

–Тартиби таҳияи эссеро аз худ кардан;

–Малакаи эссенависиро такмил додан;

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо назардошти қоидаҳои боло дар мавзӯи «Чаро тамошои осорхона (музей) (шояд ягон чизи дигар) ба ман маъқул аст?» эссе нависанд.

• Кори худро муаррифӣ намоянд ва ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд:

| Т/р | Эссе | Муваффақият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

•Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Чӣ хел ҷумларо ҷумлаи содаи яктаркиба мегӯянд?

2.Навъҳои ҷумлаи содаи яктаркибаро номбар кунед.

3.Эссе чӣ гуна жанр аст?

Кори инфиродӣ

Супориши №1. Ба саволҳои зерин ҷавоби хаттӣ навиштанро ба хонандагон талқин намоед:

1.Эссе чӣ маънӣ дорад?

2. Он дар кадом мавзӯъҳо ва бо чӣ қадар ҳаҷм навишта мешавад?

3.Кадом махсусиятҳои эссеро номбар карда метавонед?

Супориши №2. Кори худро бо кори ҳампаҳлуятон муқоиса намуда, онро муаррифӣ намоянд.

Супориши №3. Матни зеринро хонанд ва мазмуни онро таҳлил намоянд. Дар тақлид ба он эссее нависанд, ки масъалагузорӣ дар он диққатҷалбкунанда бошад.

Ҷаро шохчаҳо ба зудӣ шикастанд?

Ваҳдат таҷассуми хирад, маърифати миллат, омили нигаҳдошт ва пойдории ворастагиву озодагист. Истиқлолият, ки беҳтарин неъмат аст, бе ваҳдат ва ҳамдилӣ умри бардавом набинад. Бе он оромиву осудагии мардум таъмин нест. Бе таъмини оромиву сулҳу субот ва осоиштагии мардум ҷомеа рӯ ба тараққӣ намеорад. Ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмии ҷомеа асоси пешравии давлат аст. Ҷомеае, ки дар он ваҳдат нест, иттиҳод нест, пояндаву устувор нест. Дар фазои орому осоишта мардум ба истеҳсолот дилгарм шуда, бозори иқтисодӣ, ки омили пешрафти ҷомеа аст, рӯ ба рушд меорад. Ваҳдат пояи зиндагии хушбахтона, рӯзгори осудаи мардум, сарчашмаи дӯстиву рафоқат, нишони фарҳанг ва маърифат, асоси ҳамдигарфаҳмиву ҳамдилии қавму миллатҳо, кафолати амнияти ҷомеа, омили рушду тараққиёт, пойдевори давлат буда, боварии мардумро ба оянда, ба фардои неку афзун месозад.

Овардаанд, марде аз муносибати хашин ва сарди миёни фарзандон ба хашм меомад. Пири бохирад ба фарзандон насиҳат мекард, ки ҳамеша якҷову якдил бошанд, то аз баду неки ҳаводиси рӯзгор газанде набинанд. Яъне, бо ҳам дӯст бошанду иттифоқ. Аммо онон гӯё гаронгӯши ин панди падар буданд, ки ба гӯши ҳеҷ яке намерасид. Рӯзе косаи сабраш лабрез гардид ва онҳоро ҷамъ кард ва якеро фармуд, ки чанд химча аз як дарахт оварад. Чун овард, яке аз он химчаҳоро ба дасти фарзанди бузург дод ва гуфт:

- Бишкан!

Писар ба осонӣ шохчаро шикаст. Падар ҳама шохчаҳоро ба дасташ дод ва боз амр кард:

- Бишкан!

Писар ин бор ҳарчанд зӯр зад, шикаста натавонист. Химчаҳо қатъ мешуданд, аммо шикастани онҳо гӯё амри муҳол гардида буд. Падар ба писари дуввум амр дод, ки химчаҳоро шиканад. Ӯ низ қуввати зиёде сарф кард, аммо ба шикастани химчаҳо ноил нашуд. Писари севум низ дар ин кор басе қувват сарф кард. Аммо ӯро низ иҷрои амри падар муяссар нагашт. Падар гуфт:

- Шумо низ мисли ин химчаҳо ҳастед. Дар алоҳидагӣ шуморо зиён овардан кори саҳлу осон бошад. Аммо агар шумо дӯсту тифоқ бошед, ҳеҷ душмане ба шумо зиёну зарар нарасонад. Пароканадгӣ ва ноиттифоқӣ миёни шумо ба манфиати хасми шумо бошад ва ин боиси он гардад, ки ба шумо бе ҳеҷ мамониат шикаст ва зиён оварад. Иттиҳоду ягонагӣ ва дӯстӣ шуморо мисли дарахти бузург, ки решаҳояш мустаҳкаманд, неруманд, тавоно, серҳосил ва ба ҳар тӯфону тундбод, борону барф тобовар хоҳад кард.

Фарзандон аз рӯи фаросат ин панди қиблагоҳро судманд дарёфтанд ва пайи он рафтанд.

Воқеан ҳам дар он замони парешониву пурошӯб фарзонафарзанде аз миёни ин миллат пайдо шуд, ки мисли падар ба қавми хеш роҳнамову сарвар гардид ва мардумро ба соҳили мурод расонд. Кишварро аз вартаи ҳалокат наҷот дод. Парчами ваҳдат ва ҳамдилиро парафшон намуд.

Ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ асоси низоми фазои осоишта ва сулҳу суботи ҷомеа аст. Ваҳдат тавлидгари сулҳу дӯстист. Оромиву осоиштагии мардум ҳамеша ба нафъи ҷомеа буда, созандагиву бунёдкориро талқин месозад. Устод Турсунзода беҳуда нагуфта буд:

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.

Ҳанифаи Муҳаммадохир

• Кори худро муаррифӣ ва дар муқоиса ба кори ҳампаҳлуятон камбудиҳои худро муайян намоянд.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар мавзӯи дӯстӣ эссе нависанд, ки масъалагузорӣ дошта бошад. Масалан, «Чаро аз дӯстӣ одамон бахт меёбанд?», «Дӯсти забонӣ кист?» ва ғ.

# VIII. ҶУМЛАИ ЧИДААЪЗО

## §42. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҶУМЛАИ ЧИДААЪЗО

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;

– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад;

– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;

– дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро хубтар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

–Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;

– нутқи мазмунан шинохтан;

– муколама тартиб дода тавонистан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар мавзӯи дӯстӣ эссе нависанд, ки масъалагузорӣ дошта бошад. Масалан, «Чаро аз дӯстӣ одамон бахт меёбанд?», «Дӯсти забонӣ кист?» ва ғ.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҷумлаи чидааъзо. Маълумот дар бораи ҷумлаи чидааъзо

Ангезиши зеҳн: Иҷрои машқи 1 (саҳ.143). Хонандагонро ба қироати ҷумлаҳо водор намоед ва пурсед, ки кадом хусусияти онҳоро пай бурданд.

Шарҳи назариявии мавзӯъ ва таҳияи таъриф ва қоидаҳо:

• Ҷумлае, ки яке аз аъзо ва ё чанд аъзои он ---------- шудааст, ------------ ном дорад;

• Аъзои чидаи ҷумла асосан ба ----- савол ҷавоб мешаванд, ------ вазифаи наҳвиро иҷро мекунанд;

• Аъзои чидаи ҷумла аз ҳамдигар бо --------- ҷудо навишта мешаванд.

Супориши №1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.144). Гӯед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва хусусиятҳои аъзоҳои чидаро шарҳ диҳанд.

Супориши №2: : Иҷрои машқи 3 (саҳ.144). Матнро хонанд ва ба оҳанги хониши ҷумлаҳои чидааъзо диққат диҳанд.

Супориши №3: Иҷрои машқи 4 (саҳ.145). Матнро хонда, ҷумлаҳои чидааъзоро муайян кунанд. Гӯянд, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Навиштани эълонеро, ки дар он ягон аъзои ҷумла чида шуда бошад, супориш диҳед.

## §43. ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА ДАР ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;

– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк ва онро аз мубтадо фарқ мекунад;

– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;

– дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро бештар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

–Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;

– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;

– Муколама тартиб дода тавонистан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Навиштани эълонеро, ки дар он ягон аъзои ҷумла чида шуда бошад, супориш диҳед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Пайвандакҳои пайвасткунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо

Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 5 (саҳ.146). Диққати хонандагонро ба қироати матн ҷалб намоед, гӯянд, ки ҷумлаҳои аъзоҳои чидадошта дар вақти хониш бо кадом хусусиятҳояшон фарқ мекунанд?

Супориши №1. Иҷрои машқи 6 (саҳ.147). Ба оҳанги хониши аъзоҳои чида диққат дода хонанд. Воситаҳои алоқаи онҳоро шарҳ диҳанд.

Супориши №2: Ҳалли машқҳо. Иҷрои машқи 8 (саҳ.148). Гӯед, ки порчаи манзумро ифоданок хонанд ва шарҳ диҳанд, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.

• Иҷрои машқи 9 (саҳ.149). Порчаро бо риояи оҳанг хонед. Кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд?

Супориши №3: Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳои шифоҳӣ дар гурӯҳҳо ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 11 (саҳ.150). Порчаро хонед ва ба воситаи чӣ алоқаманд шудани аъзоҳои чидаро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 5 (саҳ.146). Порчаҳоро хонед ва маънидод кунед. Аъзоҳои чидаро ёфта шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 18 (саҳ.153). Ҷумлаҳоро хонед, пайвандакҳои пайвасткунандаро ёфта, вазифаҳои онҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 19 (саҳ.154). Аввал порчаро хонда, ҷойи вергулҳоро муқаррар созед, сипас нависед ва воситаҳои алоқаи аъзоҳои чидаро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 20 (саҳ.155). Ҷумлаҳоро хонед ва мавқеи вергул ва пайвандакҳоро дар ҷумлаҳои чидаазо шарҳ диҳед.

• Муаррифии кори хонандагон.

Супориши №3: Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳои хаттӣ дар гурӯҳҳо ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 7 (саҳ.147). Матнро хонед, аъзоҳои чидаро ёбед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки аъзоҳои чида дар тасвир чӣ нақш доранд. Маҳалеро тасвир кунед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 10 (саҳ.149). Ҷумлаҳоро нависед, ҳолҳои чидаро ёбед ва зерашон хат кашед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 12 (саҳ.150). Матнро нависед ва пайвандакҳоеро муайян кунед ва шарҳ диҳед, ки кадом аъзоҳои чидаро ба ҳам пайвастаанд

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 14 (саҳ.152). Ҷумлаҳоро нависед ва зери аъзоҳои чида хат кашед. Гӯед, ки кадом аъзои ҷумла чида шудааст ва бар эзоҳи кадом калимаҳо омодааст.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 15 (саҳ.152). Гӯед, ки ба нақша диққат дода, мувофиқан ҷумлаҳо тартиб диҳанд.

1. ____ , ____ ва . ════ ════

2. ____ , ____ , ____ ════.

3. ____ ════ , ва ════ ════.

4. ____ ____ ,════,════.

5. ____ Ё …, ё════.

## §44. КАЛИМАҲОИ ХУЛОСАКУНАНДА ДАР ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ОНҲО

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;

– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад;

– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;

– дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро беҳтар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

–Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;

– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;

– Муколама тартиб дода тавонистан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 15 (саҳ.152). Гӯед, ки ба нақша диққат дода, мувофиқан ҷумлаҳо тартиб диҳанд.

1. ____ ====, ва ____ ====.
2. ____ , ____, ____ ==== .
3. ____ , ==== ва ==== ====
4. ____, ____, ==== ====.
5. ____ё …,ё ==== .

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

Баёни мавзӯи нав. Калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо ва аломатҳои китобат дар онҳо

Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор дар асоси машқи 1 (саҳ.154). Пурсед, ки ба калимаи додашуда чӣ номи умумӣ гузоштан мумкин аст? Он калима ва ибораҳоро, ки моҳияти ҷамъбастӣ доранд, ёбанд.

1. Баҳор, тирамоҳ, тобистон, зимистон...
2. Нависандагон, шоирон, драматургон...
3. Мӯза, туфли, калуш, масҳӣ, кафш...
4. Пиёз, сабзӣ, турб, шалғам, кашниз...

• Калима ва ибораҳои хулосакунанда пеш ва пас аз аъзои чида омада, онҳоро ба таври ------------------ ё ------------------ нишон медиҳанд;

• Калимаҳои хулосакунанда ва аъзои чида ба ---------------- ҷавоб шуда, ба --------------------------------- ҷумла тааллуқ доранд;

• Агар калимаҳои пеш аз аъзои чида оянд, аломати --------------- ва агар баъд аз он оянд, --------------------------- гузошта мешавад.

Супориши №1: Диққати хонандагонро ба ҳалли машқҳо ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.155). Ҷумлаҳоро дар гурӯҳҳо ба оҳанги хониш риоя карда хонед ва шарҳ диҳед. Калимаҳои хулосакунандаи онҳоро ёфта, ба кадом аъзои ҷумла тааллуқ доштани онҳоро гӯед.

Гурӯҳи 2: Ичрои машқи 4 (саҳ.156). Ҷумлаҳоро хонед ва оҳанги талаффузро ба мушоҳида гиред. Чиро пай бурдед?

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 5 (саҳ.156). Оҳанги ҷумлаҳоро риоя карда хонед. Ва мавқеи гузоштани аломатҳои китобатро баъд ва пеш аз калимаҳои хулосакунанда шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 6 (саҳ.157). Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Дар вақти нақл аз калимаҳои хулосакунанда истифода бурда, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Таҳлили наҳвии ҷумлаи чидааъзо

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 3 (саҳ.156). Гӯед, ки ба нақша бодиққат нигариста,ҷумлаҳо тартиб диҳанд ва ё аз асарҳои хондаашон пайдо кунанд ва нависанд. (О:-калимаи хулосакунанда; О,-аъзои чида).

1. О: О, О, О, О ва О.
2. О: О, О, О, О, О.
3. О: О ва О.
4. О ҳам, ҳам О, ҳам О.

## §45. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ

**Деҳаи Сорбоғ**

Агар кас зодгоҳи Боқӣ Раҳимзода, деҳаи Сарбоғи дараи Камаробро дида бошад, як умр шефтаи ҳусну таровати табиати ин мавзеъ мешавад. Кӯҳу камари сабзпӯш, гулу гиёҳҳои хушбӯй ва дарёи шаффофу сероби Сорбоғ, ки чун симоб аз байни кӯҳҳои осмонбӯс ҷӯшидаю кафкзанон ба пойин медавад, аҷаб тамошо дорад. Устод Боқӣ Раҳимзода шояд чунин бузургӣ ва тозагию таровати суханро аз ҳамин табиати зодгоҳашон бардошта бошанд. Агар овони наврасию ҷавониашонро ба хотир овардanӣ шаванд, албатта, табиати зебои зодгоҳашонро фаромӯш намекарданд. Меҳр ба табиат ва эҳтироми махсус ба одамони хурду бузург яке аз наҷибтарин хислатҳои устод буд.

Агар сари роҳ ҷойи дилфиреб ва чашмаеро медиданд, албатта, мошинро қарор доронда, аз оби он чанд қатра нӯш мекарданд ва мувофиқ ба он ҳолату ҷой байте ва ё шеъре мехонданд. Аз ҳозирон хоҳиш мекарданд, ки ҳусн ва таровати табиатро ҳамеша пос ва эҳтиром доранд. Зеро табиат муъҷизаи бебаҳост; тавоноӣ, саломатӣ ва шукуҳу бузургии одамон низ вобаста ба ӯст.

*М.Бахтӣ*

## §46. КОР БО МАТНИ РЕПОРТАЖ (Дарси 3)

Салоҳиятҳо:

8.2.3. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри репортаж, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни репортаж (репортаж), репортажро аз жанрҳои дигар фарқ карда тавонистан, мушоҳидаро аз чорабинӣ бо репортаж ифода карда тавонистан.

Хонанда

–матни репортажро таҳлил мекунад, тағйир ва такмил медиҳад;

– репортажҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– таҳияи репортажро меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

– Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;

– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;

– Муколама тартиб дода тавонистан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 3 (саҳ.156). Гӯед, ки ба нақша бодиққат нигариста,ҷумлаҳо тартиб диҳанд ва ё аз асарҳои хондаашон пайдо кунанд ва нависанд. (О:-калимаи хулосакунанда; О,-аъзои чида).

1. О: О, О, О, О ва О.
2. О: О, О, О, О, О.
3. О: О ва О.
4. О ҳам, ҳам О, ҳам О.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни репортаж

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1: Ба хонандагон хондани порчаро тавсия диҳед, гӯянд, ки рӯзноманигор оид ба варзиш ба мухбирони ҷавон чӣ маслиҳатҳо медиҳад.

Репортажи варзишӣ... Дӯстон аксаран ҳазломез ба ман мегӯянд: ин кор душвор аст!

Нақл кардан дар бораи он ки дар майдон чӣ воқеа рух додааст, воқеан, чандон душвор нест. Вале он воқеаҳоро, ки дар назди чашми ту рух медиҳанд, ҷудо карда тавонистан зарур аст.

Ҳар як мусобиқаи варзишӣ-санҷишу маҳорату мардонагии варзишгар, майлу хоҳиши ӯ, кӯшиш барои ба даст овардани ғалаба.

Ман худам дар варзиш ин роҳи пурмашаққату на чандон осонро тай намудаам. Медонам, ки дар машқу тамрин чӣ қадар араќи ҷабин мерезӣ ва барои ба ҳадаф расидан чӣ қадар талош мекунӣ.

Хабарнигори варзиш, пеш аз ҳама варзишро бояд донад ва дӯст дорад, ба хусус, он навъеро, ки дар бораи он сухан меронад.

Пеш аз бозие, ки маро лозим меомад оид ба он сухан ронам, кӯшиш ба харҷ медодам, ки дар машқи ҳайати даста ширкат варзам. Бо мураббиёни номдор вомехӯрдам, ки ин ба ман кумак мекард.

Ба Шумо, мухбирони ҷавон, маслиҳат медиҳам, ки барвақттар ҳама чизро дар бораи мусобиқаи навбатӣ донед, дар тамринҳо ширкат варзед, ба мураббиҳо гӯш кунед, ки чӣ мегӯянд. Шумо на танҳо комёбиҳо, балки нуқсонҳоро ҳам бубинед. Дар танқид ягон чизи даҳшатовар нест. Танҳо он бояд хайрхоҳона бошад. Бо роҳи сарзаниш ва ғинг-ғинг кардан муносибат накунед. Вақте ки ман аз майдони марказии ба номи В.И.Ленин репортаж медиҳам, дар назди худ ҳазорон шунавандаро мебинам. Вале ман дар бораи онҳо фикр намекунам. Ман медонам, ки садҳо ҳазор дар назди радио нишаста, мухбирро бодиққат гӯш мекунад. Ва ман мекӯшам, бисёр кӯшиш мекунам, ки ба онон ёрӣ диҳам, ки ҳар кори дар майдони футбол ба амаломадаро онон «бубинанд».

Ана, шумо ҳам репортажҳоятонро тавре нависед, ки ҳар як хонанда мусобиқаи шуморо «бубинанд».

Бароятон комёбӣ мехоҳам, мухбирони ҷавон!

Н. Озеров

Супориши №2. Ба саволҳо ҷавоби хаттӣ нависед:

1. Донистани соҳа ва фаъолияти он барои таҳияи репортаж чӣ аҳамият дорад?
2. Репортаж фақат комёбиро инъикос мекунад?
3. Репортажи радиоӣ ва рӯзномавиро чӣ тавр мебинанд?
4. Ҷавобҳои худро муаррифӣ намоед ва такмил диҳед.

Супориши №3. Матни репортажро хонед. Хулосаи худро дар бораи ин репортаж нависед. Ин репортаж ба талабот ҷавобгӯ ҳаст ё не?

Гурӯҳи 1:

Оғӯши гарми «Чайка»

Истироҳатгоҳи «Чайка». Сафкашону сурудхонон омадани бачаҳо чун нишони тантанаи осудагии диёр ва болидагии мардуми кишвар беихтиёр дар симои кас ҳисси қаноатмандиро пайдо мегардонд. Бачаҳо дар майдонча даврашакл ҷо гирифтанд. Ба табрики онҳо раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон Муродалӣ Солеҳов, муовини раиси федератсия Бахтиёр Абдуллоев, раиси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони илм ва маорифи ҷумҳурӣ Абдурозиқ Ризоев, устоди дабиристони Теҳрон, пажӯҳишгари илми ҷомеашиносӣ Маҳастӣ Расулӣ, кормандони телевизиони «Сафина» ва як гурӯҳ падару модарон омада буданд. Муродалӣ Солеҳов аз баланд бардоштани Парчами Миллӣ, хониши Суруди Миллӣ, нақораву карнайнавозӣ, сурудхониву сафкашии бачаҳо, ҳисоботдиҳии сардорони гурӯҳҳо назди сармураббии истироҳатгоҳ шодиву қаноатмандии бачаҳоро пай бурда, хеле ба ваҷд омада гуфт:

— Ростӣ, барои ман ин лаҳзаҳо хеле пурҳаяҷонанд. Аз он хотир, ки дар арафаи иди Ваҳдат ваҳдати миллиро дар симои бачаҳо, дар амалу гуфтори онҳо мебинам. Шунидани ҳар шиор ва суруд аз тарафи бачаҳо моро боз ҳам баояндаи дурахшон ва

ҳаёти осуда дилгарм месозад. Пас, ҳамин шодиву ифтихор ба шумо муборак бошад, фарзандони азиз! Маҳастӣ Расулӣ аз муносибати гарми мизбонон ва самимияти истироҳаткунандагон хеле хушҳол шуда, зикр кард, ки хуб мешавад, чунин фазо барои ба ҳам омадани бачаҳои эрониву тоҷикистонӣ шароити мусоиде фароҳам созад.

Дар фароварди табрикот гурӯҳи созиву овозии «Наврӯз» - и ДДМТ таҳти роҳбарии Амон Холиқназаров ва Ҷӯрахон Назаров ба бачаҳо базми хотирмоне пешкаш намуданд.

Гурӯҳи 2:

14 гурӯҳ, вале 1 маром

«Чайка» имсол ҳам дар чор баст фаъолият карданист. Ин баст он 339 нафарро ба оғӯш гирифтааст. Тавре директори истироҳатгоҳ Ш. Саъдиев зикр кард, муовини вазири маорифи кишвар Ирина Каримова зимни боздиди бачаҳо ва шинос шудан ба фаъолияти истироҳатгоҳ бо ғамхорӣ супориш дод, ки 20 нафари дигар аз ҳисоби бачагони камбизоат изофа гардад. Чӣ хубе! Бигзор, чунин меҳрубониҳо зиёдтар гарданд.

Ба бачаҳо дар 14 гурӯҳ 32 шахси масъул мутасаддист. Аллакай дар рӯзи аввал бачаҳо бо низоми истироҳат хӯ гирифтанд. Ҳар гурӯҳ шиор ва суруди худро дорад. «Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо!», «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст! », «Офтобо, бори дигар хонаро пурнур кун!», «Бигузор, доимо офтоб бошад!» дар ҳақиқат ифодагари мароми бачаҳоанд. Аслан бачаҳо такопӯ ва паропарро дӯст медоранд. Вобаста ба ин, дар истироҳатгоҳ маҳфилҳои варзишӣ, аз қабили футболу волейбол, шоҳмоту шашка, тенниси рӯимизӣ, паридану ҷаҳидан, инчунин маҳфили «Ҳозирҷавобон» фаъолият мекунад. Чун истироҳатгоҳ дар баробари солимгардонӣ ҳадафи таълимӣ ҳам дорад, дар ин маҳфил саволҳо донишҳои гирифтаро аз фанҳои забон, адабиёт, таърих, физика, математика ба ёди бачаҳо меоранд. Мусобиқа байни гурӯҳҳо сурат мегирад ва ғолибон ҳавасманд карда мешаванд. Барои бархе машғулияти оромонае, ки характери эҷодӣ дорад, шавқовар аст. Дар ин маврид маҳфили расмкашӣ ва наздик ба рӯзноманигорӣ бачаҳоро ҷалб мекунад. Чун таваҷҷуҳ ба технологияи нав хеле зиёд аст, маъмурияти лагер муваффақ гардид, дар ин самт корҳои шоёнеро ба сомон расонад. Бо дастгирии Фонди ҷамъияти ибтикори шаҳрвандии сиёсати Интернет (директораш Асомуддин Атоев) ҳанӯз се сол пеш истироҳатгоҳ сомонаи худро соҳиб шуд. Имрӯз дар ихтиёри бачаҳо 35 компютер қарор дорад. Бачаҳо метавонанд дар муддати 15 рӯз ин падидаи замонро омӯхта, соҳиби сертификат гарданд. Ҳамчунин 15 адад компютери дигар барои кормандон ҷудо шудааст.

Гурӯҳи 3:

Аҳсан бар мураббиён

Кас ба чеҳра ва муносибати мураббиён назар дӯхта, бори дигар ба бузургии онҳо сано мехонад. Шоҳин, як мураббии хеле ҷавон, ки донишҷӯ аст, аз шӯхиву беқарории бачаҳо изҳори норизоӣ намуд. Барои ӯ тарбияи як қисм «раисбача» - ҳо, ки баъзан меъёри баробариро миёни бачаҳо ба назар намегиранд, ҳайратовар менамояд. Ба андешаи ӯ, бачаҳо бояд аз чунин худбинӣ пурра озод бошанд, зеро муносибати онҳо барои ҳамаи атрофиён нохушоянд аст. Ба ҳар сурат, барои истироҳати хуб фароҳам сохтани бачаҳо директори лагер, сармураббӣ, тамоми мураббиён ва кормандони хоҷагии истироҳатгоҳ мазмуни истироҳати худро тағйир додаанд. Истироҳати онҳо имрӯз танҳо як самт дорад: ҳар чӣ карда бачаҳоро хушҳол гардондан.

Дастовард, норасоӣ, пешниҳод

Имсол истироҳатгоҳ барои 100 нафар бача ва 22 нафар мураббӣ бинои нави хобгоҳро пешкаш намуд. Дар назар аст 80 ҷойи нишаст ба ошхона илова гардад. Дар мувофиқа бо шуъбаи маорифи ноҳияи Варзоб ва наздики бачаҳо соҳиби китобхона мешаванд. Аллакай бо дастгирии мудири шуъбаи маориф Г. Сафарова як миқдор мизу курсӣ ба бачаҳо дастрас гардид.

Вақте мо бо сармураббӣ Холмаҳмад Тураев суҳбат доштем, директори лагер Шафоат Саъдиев, ки дар нигоҳи аввал хушҳолӣ ва самимияташ бепарвоиро мемонд, таъкид кард:

- Боз ҳамаашро таърифу тавсиф накунед, аз нуқсонҳо ҳам гап занед. (Бегумон, ин эътирозе буд аз «ҳақиқатнависӣ» - и баъзе рӯзноманигорон). Азбаски тараддуди ифтитоҳ ва меҳмонон зиёдтар буд, на сармураббӣ ва на директор имкони бо мо зиёд суҳбат кардан наёфтанд. Суҳбати моро раиси Кумитаи иттифоқҳои касабаи кормандони илм ва маорифи ҷумҳурӣ Абдурозиқ Ризоев мукаммал гардонд. Аз А. Ризоев бобати нуқсонҳо ҳам пурсидем. Ӯ чунин зикр кард:

—«Чайка» асосан аз ҳисоби қувваи барқ ташвиш дорад. Аввалан, ман фикр мекунам, дар пардохти ҳаққи барқ ба истироҳатгоҳҳои кӯдакона бояд имтиёз муқаррар шавад. Чунки як мушкилӣ ба ҳамин нуқта иртибот дорад. Сониян, низоми ташкили истироҳатгоҳҳои хусусии нав ба нав, ки барои интиқоли неруи барқ ба истироҳатгоҳ маҳдудият ворид месозанд, бояд ба эътидол дароянд. Бубинед, ки таъмини нони кӯдакон, ки аз ҳама муҳим аст, бо сабаби чунин мушкилот барои кормандони истироҳатгоҳ чӣ қадар душворӣ меорад. Илова бар ин, маъмурият ҳадафи таълимдиҳии худро бобати компютер аз даст медиҳад.

Фаъолияти маҳфилҳои гуногун дар ҳақиқат хуб ба назар мерасид. Вале як нуқта барои мо тавaҷҷуҳовар намуд: Дар ҳоле ки тарбияи мусиқии бачаҳо имрӯз тавaҷҷуҳи махсусро металабад, алҳол истироҳатгоҳ имкони ҷалби пурраи бачаҳоро дар ин мавридд надорад. Тавре аз суҳбат бо мутасаддиён маълум гашт, як сабаб дар норасоии васоити лозима бошад, сабаби дигар дар камбуди мутахассисон будааст. «Агар таҷрибаомӯзони Донишкадаи санъат тибқи фармони вазир мавриди сафарбаркунӣ ба истироҳатгоҳҳо ҳам вобаста шаванд, мумкин аст, ин масъала роҳи ҳалли худро то андозае ёбад, — зикр кард А. Ризоев, - Алҳол маҳорати бачаҳо бобати рақсу суруд дар маҳфили «Ҳозирҷавобон» андаке мушоҳида шавад ҳам, ин мавридд мо наметавонем гӯем, ки тарбияи мусиқии бачаҳо таъминоти кофӣ дорад». Пас, ин нигаронӣ, ки танҳо ба масъулияти роҳбарони истироҳатгоҳ вобаста нест, боз ҳам тавaҷҷуҳи ҷиддитарро аз дигарон интизор аст.

«Бигузор, доимо «Чайка» бошад!»

«Чайка» дар мавзеи хушманзараи Варзоб, миёни чашмасорон ва боғи сабзу хурраме ҷойгир аст. Оби он хеле болаззат ва нӯшиданист. Бисёр меҳмонон аз дохил ва хориҷи кишвар бештар ба хотири ҳамин обаш барои истироҳат ба ин ҷо ташриф меоранд. Таманно мекунем, ин меҳмонхонаи диёр ҳамеша ободу зебо бошад. Пас, «бигузор, доимо «Чайка» бошад!»

Саидаи ФАЗЛ

• Хулосаҳои худро ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ баён намоед.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки репортаже таҳия намоянд, ки аз ҳаёти синфашон нақл кунад.

## §47. КОР БО МАТНИ РЕПОРТАЖ (Дарси 4)

Салоҳиятҳо:

8.2.3. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри репортаж, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни репортаж (репортаж), репортажро аз жанрҳои дигар фарқ карда тавонистан, мушоҳидаро аз чорабинӣ бо репортаж ифода карда тавонистан.

Хонанда:

–матни репортажро таҳлил мекунад тағйир ва такмил медиҳад;

– репортажҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

–таҳияи репортаж меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

– Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;
– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;
– Муколама тартиб дода тавонистан;
– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки репортаже таҳия намоянд, ки аз ҳаёти синфашон нақл кунад.

| Т/р | Мавзӯъ | Муваффақият | Камбудӣ | Б аҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни репортаж

•Ҷалби диққати хонандагон: намоиши репортаж аз тариқи телевизион;
•Муҳокимаи хонандагон.

Кори инфиродӣ

Супориши №1: Гӯед, ки матни зеринро бодиққат хонанд ва мазмуни онро шарҳ диҳанд.

Чорабинии тантанавӣ ба ифтихори Рӯзи Ғалаба

9 май Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори Рӯзи Ғалаба, ки дар Боғи ғалабаи пойтахт баргузор шуд, иштирок ва суханронӣ карданд. Дар маҳали баргузории чорабинӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ истиқбол гирифт.

Оид ба омодагии ҷузъу томҳо барои гузашти низомӣ ба муносибати Рӯзи Ғалаба ба Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вазири мудофиа, генерал — лейтенант Шералӣ Мирзо гузориш дод. Баъди садо додани Суруди миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ карда, афсарону сарбозон, собиқадорони ҷангу меҳнат ва кулли ҳамватанонро ба муносибати 72 - юмин солгарди Ғалаба бар зидди фашизм табрику муборакбод намуданд.

Сарвари давлат зимни суханронӣ оид ба корнамоиҳои фарзандони ватандӯсти тоҷик, ки дар майдонҳои набард баҳри озодии диёр ва осудагии ҳамдиёрони хеш ҷонбозиҳо карданд, андеша ронданд. Таъкид гардид, ки Ҷашни Ғалаба барои халқи тоҷик санаи воқеан муҳим ва фаромӯшнашаванда мебошад, зеро фарзандони фарзонаи миллати тоҷик дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон бо корнамоиву ҷонбозиҳо ва муборизаи фидокоронаву қотеона якҷо бо халқу миллатҳои сулҳхоҳ оташи ҷанги даҳшатнокро хомӯш ва озодии мардумони сайёраро таъмин карданд. Дар охир Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳамаи иштирокчиёни ҷамъомадро бо ин санаи таърихӣ табрик намуда, таъкид доштанд, ки шуҷоату диловарии фарзандони баору номуси халқамон дар давраҳои ҳассоси таърихӣ, аз ҷумла дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон намунаи олии ватандӯстӣ ва сабақи беҳтарини мардонагиву ватандорӣ барои наслҳои имрӯзу оянда мебошад. Баъди анҷоми суханронии Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пос доштани хотираи афсарону сарбозоне, ки ҷони худро баҳри озодии кишвар нисор кардаанд, маросими гулчанбаргузорӣ дар назди оташи ҷовидон сурат гирифта, ба

хотири қурбониёни ҷанг дақиқаи хомӯшӣ эълон гардид. Дар ин рӯз баъди аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузоштани гулчанбар, ҳамчунин, аз номи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои қудратӣ, намояндагони корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хизматчиёни низомии Пойгоҳи ҳарбии 201 - уми Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири қурбониёни ҷанг гулчанбарҳо гузошта шуданд. Чорабинии тантанавӣ ба ифтихори Рӯзи Ғалаба дар Боғи Ғалабаи пойтахт бо гузашти низомии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва қисмҳои ҳарбии гарнизони Душанбе анҷом ёфт.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият»

Супориши №2. Фаҳмонед, ки матни зеринро бо матни боло муқоиса карда, хулосаашонро нависед.

Чун ноҳияи дурдастем…

(Раҳовард)

Ҳангоми сафари навбатӣ ба ноҳияи Фархори вилояти Хатлон хостам аз вазъи муассисаҳои томактабии ҳудуди он огоҳ шавам. Дар шуъбаи маорифи ноҳия бо мушовири бахши муассисаҳои томактабӣ Қаҳҳор Сатторов суҳбат кардам. Тавре аз гуфтаҳои эшон ба мо маълум гашт, тайи ду соли охир шуъбаи маорифи ноҳия ба пешрафтҳои назаррасе ноил гардидааст. То имрӯз дар ноҳия 10 кӯдакистон ( бо фарогирии 700 кӯдак) ва 87 Маркази инкишофи кӯдакон (бо теъдоди 1417 кӯдак) пурра фаъол гаштаанд. Як кӯдакистони хусусӣ ҳам мавҷуд аст.

- Мо пайваста баҳри таҳкими соҳаи маориф талош меварзем ва то имрӯз бисёр корҳоро анҷом додем. Пайваста семинарҳои судманд гузаронида мекӯшем, то омӯзгорону мураббиён аз таҷрибаҳои ҳамдигар огоҳ шаванд. 9 корманди соҳаи маорифро ба курси такмили ихтисос фиристодем ва 45 мураббии Маркази инкишофи кӯдаконро ба дарс фаро гирифтем. Мураббияҳо пайваста дар озмунҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ иштирок карда ҷойҳои намоёнро ишғол мекунанд. Ба зимистон тайёрии хуб доштем ва дар ҳама кӯдакистонҳо ба қадри зарурӣ ангишту ҳезум захира намуда будем. Хушбахтона, зимистони имсоларо бо омодагии комил пушти сар намудем,- гуфт Қ. Сатторов. – Аммо бо вуҷуди ҳама талошҳо дар кори мо камбудиҳо ҳам ҷой доранд. Мо имрӯзҳо ба кӯдакистонҳои нав ниёз дорем. Талаботи аҳолӣ зиёд аст, вале ҷойи кофӣ барои ҳама талабгорон надорем. Дар солҳои бесарусомониҳо биноҳои аксари кӯдакистонҳо аз даст рафта буданд. Имрӯз шуъбаи маорифи ноҳия бо дастгирии раиси ҳукумати ноҳия талош доранд, биноҳои аз дастрафтаро баргардонанд ва дубора кӯдакистонҳоро эҳё намоянд. Қисман бисёре аз биноҳо баргардонида шуданд, аммо ин охири кор нест,- афзуд ӯ.

«Шунидан кай бувад монанди дидан»,-гуфтаанд. Аз ин рӯ, тасмим гирифтам, яке аз кӯдакистонҳоро бо чашми худ бинам ва ба кӯдакистони №1-и ноҳияи Фархор рафтам, ки бо номи «Шарора» машҳур аст. Мудири кӯдакистон Мунира Қаноатова дар ҳуҷраи корӣ бо директорони мактабҳои №№1, 59 Меҳрубон Усмонова ва Арафамо Мирмадиева машғули суҳбат буд. Ҳангоми суҳбат фаҳмидам, ки мудири кӯдакистон ният доранд, бо ёрии муаллимаҳои ин муассисаҳои таълимӣ дарсҳои иловагии забонҳои русӣ ва англисиро ба роҳ монанд. Роҳбарони мактабҳо бо хушҳолӣ омодагии хешро иброз карданд.

- Барномаҳои давлатӣ доир ба муассисаҳои томактабӣ пурра иҷро мешаванд. Забономӯзӣ ҳам ҷузъи муҳимми ин барномаҳо ҳастанд, зеро мегӯянд: «Забон донӣ, ҷаҳон донӣ». Инчунин, нақша-чорабиниҳо дорем: «Бозича, ба боғча биё», «Дарҳои кушод», ки бо иштироки падару модар баргузор мегарданд. Дар ҳамкорӣ бо мактабҳо дар ҳама иду чорабиноҳои ноҳиявию вилоятӣ иштироки фаъолона дорем. Бачаҳоро аз хурдӣ ба муҳити мактаб ошно мекунем. Мо аз лиҳози бино, таҷҳизот ва бозичаҳо камбуд надорем.

Бо дастгирии ҳукумати ноҳия новобаста аз фасли сол кӯдакистон бо қувваи барқи доимӣ таъмин аст. Мутахассисҳо мерасанд. Бо се вақт хӯроки гарм таъмин ҳастем. Инро мегӯяму солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба ёдам мерасад, ки аз хона лӯбиё, нахӯд, биринҷ, равған … овардаву ба бачаҳо хӯрок пухта медодем. Бо тамоми қувват мекӯшидем, ки кӯдакистон аз фаъолият намонад, таҷҳизот аз даст наравад. Имрӯз Худоро шукргузорем, ки дар ҳавои сулҳу ваҳдат зиндагӣ мекунем ва бояд иқрор шуд, ки хеле пешрафт кардаем. Сабаби аслии пешрафтро ман аз таваҷҷуҳи зиёди Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи маориф медонам,- фикрашро иброз медорад мудир.

Аз кӯдакистон дидан кардам, аз боғе, ки меваҳояш бо маҳзи пухтан сари мизи тифлакон меоянд, аз машғулиятҳои пурсамари мураббияҳо, аз шароити бисёр хубашон. Ва боз аз мудир мепурсам:

- Чӣ мушкилот садди роҳатон аст?

- Кор бе мушкилӣ намешавад. Нарасидани барномаҳои «Рангинкамон», «Лафзи ширин» ва дастурҳо сифати кори моро хеле коста мегардонад. Чун ноҳияи дурдастем, аз норасоии ин мавод душворӣ мекашем. Бинобар ин, пешниҳод доштам, ба мо дастурҳои таълимӣ бештар дастрас гарданд ва хуб мебуд ки худи муаллифон бо мо ҳамкорӣ мекарданд. Мушкилии дигари мо маоши ками мураббияҳост. Ба андешаи ман, агар ин масъала ҳам роҳи ҳалли худро меёфт, нуран алонур мешуд.

Дилафрӯз Қурбонӣ

• Муаррифии корҳо;

• Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Чи хел ҷумларо ҷумлаи чидааъзо мегӯянд?

2.Пайвандакҳои пайвасткунандаро номбар кунед.

3.Кадом калимаҳои хулосакунандаро номбар карда метавонед?

Супориши №2: Ба хонандагон гӯед, ки аз рӯи ягон рӯзнома (ё маҷалла) репортажеро интихоб намоянд. Муайян кунанд, ки ҳадафи асосии репортаж чист? Гӯянд, ки чаро маҳз ин репортажро интихоб карданд. Комёбию нуқсони мухбир (ҳамдигар)-ро дар таълифи репортаж муайян кунанд.

| Муваффақият | Камбудӣ |
|---|---|
| | |

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки репортажи радиое (ё телевизион) таҳия намоянд, ки он хусусиятҳои репортаж (аниқ нишон додани ҳодиса, маҳал ва замони ба вуқӯъ пайвастан; иштироки бевоситаи муаллифи репортаж; баёни рафти рух додани ҳодиса, асосан дар замони ҳозира; таассуроти муаллиф ва баҳои ӯ; махсусияти услуби репортаж)-ро фаро гирифта бошад. Мухтасар ва пурмаъно, содаю ҷолиб буда, умумигӯӣ надошта бошад, ба шунавандаю бинанда ва хонанда таъсири амиқ расонад.

## IX. МУХОТАБ
## §48. МУХОТАБ ВА ВАЗИФАИ ОН

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;

– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад;

– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;

– дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро бештар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

–Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;

– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;

– Муколама тартиб дода тавонистан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки репортажи радиое (ё телевизион) таҳия намоянд, ки он хусусиятҳои репортаж (аниқ нишон додани ҳодиса, маҳал ва замони ба вуқӯъ пайвастан; иштироки бевоситаи муаллифи репортаж; баёни рафти рух додани ҳодиса, асосан дар замони ҳозира; таассуроти муаллиф ва баҳои ӯ; махсусияти услуби репортаж)-ро фаро гирифта бошад. Мухтасар ва пурмаъно, содаю ҷолиб буда, умумигӯӣ надошта бошад, ба шунавандаю бинанда ва хонанда таъсири амиқ расонад.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Мухотаб. Мухотаб ва вазифаи он

Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 1 (саҳ.160) Диққати хонандагонро ба қироати ҷумлаҳо ва муқоисаи онҳо дар ду сутун ҷалб намоед. Гӯянд, ки ҳангоми хондани ҷумлаҳои сутуни дуюм чиро пай бурданд.

| | |
|---|---|
| – Ту чӣ кор кардӣ? | – Карим, ту чӣ кор кардӣ? |
| – Ин шеърро Мавҷуда Ҳакимова навиштааст? | – Муаллим, ин шеърро Мавҷуда Ҳакимова навиштааст? |
| – Соли оянда мо гурӯҳи сайёҳон ташкил мекунем. | – Соли оянда, дӯстони азиз, гурӯҳи сайёҳон ташкил мекунем. |

• Шарҳи назариявии мавзӯъ бо мисолҳо. Таҳияи таърифу қоида:

• Калима ё ибораe, ки барои ------------------------------------------------------- ба кор бурда мешавад, ------------------- ном дорад;

• Мухотаб аъзои ҷумла ---------------------------- ва савол қабул ----------------------------.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1. Диққати хонандагонро ба иҷрои машқҳои марбута ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.161). Матнро хонед ва ба расму оини мактубнависӣ диққат диҳед. Гӯед, ки чӣ гуна ифодаҳо дар нома ба вазифаи мухотаб меоянд.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 3 (саҳ.162). Мактубе нависед, барои барқарор кардани робита. Ба назар бигиред, ки ба кӣ муроҷиат менамоед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 4 (саҳ.162). Агар суҳбати телефонӣ кунед, аз кадом мухотабҳо истифода мекунед. Он мухотабҳоро нависед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 5 (саҳ.162). Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва мухотабҳоро муайян кунед. Гӯед, ки бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтаанд.

• Баррасии кори гурӯҳҳо.

Кори мустақилона. Супориши №2: Иҷрои машқи 6 (саҳ.162). Фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро аввал пурра, баъд бе мухотабҳо хонда, ба оҳанги талаффузи онҳо диққат диҳанд. Гӯянд, ки илова кардани мухотаб ба ҷумлаҳо чӣ тобише дод. Ҷумлаҳои якум, чорум ва шашумро нависанд ва мухотаби онҳоро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳанд.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки ба ягон дӯсташон мактуб нависанд ва дар он аз мухотабҳо истифода баранд.

## §49. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР МУХОТАБ. ОҲАНГИ ҶУМЛАҲОИ МУХОТАБДОР

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо хубтар шинос мешавад.

Хонанда:

– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;
– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад;
– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;
– нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;
– дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;
– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро хубтар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;
–Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;
– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;
– Муколама тартиб дода тавонистан;
– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки ба ягон дӯсташон мактуб нависанд ва дар он аз мухотабҳо истифода баранд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

III. Баёни мавзӯи нав. Аломатҳои китобат дар мухотаб. Оҳанги ҷумлаҳои мухотабдор.

Ангезиши зеҳн. Иҷрои машқи 7 (саҳ.163). Ба хонандагон гӯед, ки порчаро бо риояи оҳанг хонанд. Ҷумлаҳои мухотабдорро нависанд, сараъзо ва аъзоҳои пайрави онҳоро ишора кунанд.

• Супориши №1: Иҷрои машқи 8 (саҳ.164). Гӯед, ки ҷумлаҳоро хонед. Шарҳ диҳанд, ки бо иваз шудани ҷойи мухотаб дар оҳанги хониш тағйироте рух дод ё не?

• Таҳияи қоида:

•Мухотаб аз дигар аъзои ҷумла бо аломати ---------------- ҷудо навишта мешавад;

• Мухотаб агар дар аввали ҷумла ояд, -------------------------, агар дар мобайн ояд, ------------------------- ва агар дар охир ояд, --------------------------аломати ---------------------- гузошта мешавад;

• Агар бо ҳиссиёт гуфта шаванд, баъди он аломати ------------------ гузошта мешавад.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №2: Диққати хонандагонро ба иҷрои машқҳои марбута ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 10 (саҳ.164). Порчаро хонед ва мухотабҳои онро ёфта шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо ба ҷумла чӣ тобише додаанд.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 11 (саҳ.164). Ҷумлаҳоро хонед ва муайян созед, ки мухотабҳо дар кадом ҷумлаҳо ба шахс ва дар кадом ба ғайришахс нигаронида шудаанд. Гӯед, ки мухотаб аз мубтадо чӣ фарқ дорад.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 12 (саҳ.165). Матнро хонед ва мухотабҳоро ёбед. Сипас хулосаатонро бо ду- се ҷумла нависед ва аз мухотабҳои матн истифода баред.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 13 (саҳ.166). Мухотабҳоро бодиққат хонед. Мухотабҳои зерин аз мукотибаи устод Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ интихоб шудаанд. Ҳангоми навиштани нома аз ин мухотабҳо истифода баред.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 14 (саҳ.166). Порчаи манзумро ифоданок хонед ва мухотабҳояшро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба шеър чӣ оҳанге бахшидаанд.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 9 (саҳ.164). Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар навиштани матни даъватнома аз мухотаб моҳирона истифода баранд.

## §50. КОР БО МАТНИ ЛУТФ (КОМПЛИМЕНТ) (Дарси 3)

Салоҳиятҳо:

8.2.2. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри лутф (комплимент) (комплимент), баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни лутф (комплимент), мавриди истифодаи лутф (комплимент)ро донистан ва истифода бурдан аз он.

Хонанда:

–лутф (комплимент)ро таҳлил мекунад, шакл ва сохтори онро мегӯяд;

– суханҳои илтифотомезро тағйир медиҳад;

–бо воситаҳои тасвир ва ифодаҳои лутфомез бештар шинос мегардад;

–лутф (комплимент)ро таҳия карда, бамаврид истифода бурдани онро меомӯзад.

Мақсадҳои дидакикӣ:

–Ба мазмуну моҳияти лутф (комплимент) сарфаҳм рафтан;

–Лутф (комплимент)-ро аз латифа фарқ карда тавонистан;

–Мавриди истифодаи лутф (комплимент)-ро донистан;

–Лутф (комплимент)-ро таҳия карда тавонистан.

–Равиши дарс

–I. Ташкили дарс:

–-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

–-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

–-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 9 (саҳ.164). Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар навиштани матни даъватнома аз мухотаб моҳирона истифода баранд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни лутф (комплимент)

Кори инфиродӣ. Супориши №1. Ба хонандагон хондани матнро тавсия диҳед, гӯед, ки ҳар кадом нуктаро шарҳ диҳанд ва муҳокима кунанд. Сипас хулосаашонро мухтасар нависанд.

Кор дар қаторҳо. Гӯед, ки матнро қироат намоянд ва дар робита бо он мисолҳо оранд.

Қатори 1: Лутф (комплимент) шакли махсуси эҳтиром, васфу таъриф; эътироф кардан ё ба ваҷд омадан аст. Лутф вожаи пурмуҳаббат, пурилтифот, вале шунидани он барои мусоҳиб гуворост ва он тақризи таҳсиномез маҳсуб мегардад.

Лутф як навъ суханони басо одӣ, вале воситаи пурқудратест, ки барои барқарор кардани муомилаю мусоҳиба бо одамони дигар кумак мерасонад. Лутфи бамавқею саривақтӣ метавонад, ки вазъияти пуршиддатро ба эътидол оварад ва орому муътадил созад. Лутф метавонад дар вақти суҳбату вохӯрӣ ё лаҳзаҳои кору фаъолияти ҳаррӯзаи инсон сурат бигирад.

Қатори 2: Масалан, маъмулан муассисаҳои хурд-хурди як вазорат зери як бом ё ба ифодаи дигар дар як бино муттаҳид карда мешуданд ва мешаванд. Рафиқе буд аз дигар муассиса, воқеан, донишманд, росткору ростгӯ, дур аз маризии маҳалгароӣ, дар саховатмандӣ ҳамто надошт, ҷони одам буд. Бо ҳама ин бузургӣ одате дошт, ки ҳар рӯз нафареро зери ҳадфи интиқод қарор медод ва дар натиҷа мусоҳибро сахт meранҷонд ва сипас мешуду мегашту ба утоқи кораш бармегашт. Мо, як гурӯҳ, ки хеле аз ӯ ҷавон будем ва бисёр эҳтиромаш мекардем, зуд-зуд ҳадафи ин кор қарор мегирифтем. Фикр карда воситаеро «кашф» кардем, ки бадоҳатан вазъиятро муътадил мегардонду акомон «ҳей, муредэ» мегуфту даст меафшонд ва хандон баромада мерафт. Рӯзе ҳамин акомон ба ҷаҳл меояду ба Салоҳиддин Амонӣ «ҳуҷум» – ро сар мекунад. Салоҳиддин он усулро истифода карда мегӯяд: «акоҷон, имрӯз навбати ман-мӣ?» Акои ба ғазабомада ҳамоно чун мум мулоим мешаванду вазъият басо муътадилу ором мегардад. Пас аз ин акомон ин одати хешро то охири умр тарк кард. Ёдаш ба хайр!»

Ин аст неруи лутф (комплимент).

Қатори 3: Истифодаи лутф (комплимент) кайҳост, ки дар фаъолияти соҳибкорон мавқеъ пайдо кардааст.

Вақте ки ба касе таваҷҷуҳ ва ё лутфе мекунед, дар ӯ сифатҳои беҳтаринро ҷустуҷӯ менамоед ва андешаи шумо дар бораи ӯ бештар мегардад. Ҳангоми дар ҳаққи дигар кас суханони нек гуфтан мусоҳиб мекӯшад, ки худбаҳодиҳиашро такмил диҳад.

Ҳатто вақтҳои охир ҷинояткорони соҳибтаҷриба барои ба даст овардани аҳдофи шуми худ аз лутфгӯӣ ва лутф кардан моҳирона истифода мекунанд. Чун лутф шахсро бисёр нарму эҳсоси дилсӯзиашро бамаротиб меафзояд, баъзан ҷинояткорон ба ҳадаф мерасанд.

Усули умумии муҳимтар ҳангоми оқилона истифода кардани лутф амалан имконият фароҳам меоварад, ки мусоҳибро ба худ моил намоӣ. Занонро таъриф кардан қоидаи маъмул аст, онҳо бештар таърифро дӯст медоранд. Воқеан, таърифро (хушомаду тамаллуқро не!) ҳама дӯст медорад, танҳо аксуламали мардон чандон назаррас нест. Майлу рағбат ба васфу таъриф аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он талаботи психологии инсон-талабот бо эҳсосоти мусбатро таъмин месозад. Мусоҳиб, ки ин талаботро қонеъ гардонд, ба ҳамсуҳбати воқеӣ табдил меёбад. Гап сари лутфу меҳрубонии ҳақиқӣ меравад, на танқиду ҳаҷвкунӣ.

• Муаррифиии кори гурӯҳҳо

Кори инфиродӣ. Супориши №2: Ба хонандагон гӯед, ки порчаи зеринро хонанд, ҳадафи лутфро шарҳ диҳанд, хулосаашонро мухтасар нависанд.

-Гуландом, магар ин духтари шумост? Шумо ҳанӯз ҷавонед, ҳеҷ ба ин синну сол мувофиқ не. Мисли ин ки шумо ҳарду хоҳаронед.

• Кори худро муаррифӣ намоед, дар муқоиса бо кори рафиқатон камбудиатонро ошкор намоед.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки чанд намунаи лутф таҳия намоянд, ки аз ҳаёти мардум гирифта шуда бошанд.

## §51. КОР БО МАТНИ ЛУТФ (Дарси 4)

Салоҳиятҳо:

8.2.2. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри лутф (комплимент) (комплимент), баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни лутф (комплимент), мавриди истифодаи лутф (комплимент)-ро донистан ва истифода бурдан аз он.

Хонанда

–лутф (комплимент)-ро таҳлил мекунад, шакл ва сохтори онро мегӯяд;

– суханҳои илтифотомезро тағйир медиҳад;

–бо воситаҳои тасвир ва ифодаҳои лутфомез бештар шинос мегардад;

–лутф (комплимент)-ро таҳия карда, бамаврид истифода бурдани онро меомӯзад.

Мақсадҳои дидакикӣ:

–Ба мазмуну моҳияти лутф (комплимент) сарфаҳм рафтан;

–Лутф (комплимент)-ро аз латифа фарқ карда тавонистан;

–Мавриди истифодаи лутф (комплимент)-ро донистан;

–Лутф (комплимент)-ро таҳия карда тавонистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки чанд намунаи лутф таҳия намоянд, ки аз ҳаёти мардум гирифта шуда бошанд. Кори ҳамдигарро дар ҷадвал инъикос намоянд.

| Т/р | Намуна | Муваффақият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

• Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Мухотаб чист? Бо мисолҳо шарҳ диҳед.

2.Лутф (комплимент) аз латифа чӣ фарқ дорад?

Супориши №1. Гӯед, ки ҳикояро бодиққат хонанд ва нуктаи асосии онро муайян созанд.

Султон Маҳмудро дар ҳолати гуруснагӣ бодинҷонбуронӣ пеш оварданд, хушаш омад, Гуфт:

- Бодинҷон таомест хуш.

Надиме дар мадҳи бодинҷон фасле пардохт.

Чун сер шуд, гуфт:

- Бодинҷон сахт музир чизест.

Надим боз дар мазаррати бодинҷон муболиғоте тамом кард. Султон гуфт:

-Эй, мардак! На ин замон мадҳаш мегуфтӣ?!

Гуфт:

-Ман надими туам, на надими бодинҷон. Маро чизе мебояд гуфт, ки туро хуш ояд, на бодинҷонро.

Убайди Зоконӣ

Луғат:

бодинҷонбуронӣ- хӯрокест, ки аз бодинҷон тайёр мекунанд

надим- мусоҳиб, ҳамсуҳбат

фасл пардохтан- ороиш додани сухан

музир- зарарнок, зараррасонанда

мазаррат-зарар

муболиғате тамом кард- аз ҳад зиёд гуфт

Савол ва супориш

1. Мазмуни ҳикояро шарҳ диҳед. Ҳадафу мақсад фарқ дорад?
2. Ҳикоя ба кадом услуб тааллуқ дорад?
3. Ҷумлаи охирро нависед ва гӯед, ки онро хулоса гуфтан ҷоиз аст?
4. Гӯед, ки лутф дар ин ҷо чӣ аҳамият дорад.

Кор дар гурӯҳҳо. Супориши №2: Ба хонандагон фаҳмонед, ки маълумоти назариявии худро тавассути машқҳо дар гурӯҳҳо собит намоянд.

Гурӯҳи 1: Порчаро нависед ва ба мавқеи аломатҳои китобат диққат диҳед. Гӯед, ки инро лутф ҳисобидан дуруст аст? Чаро?

-Офарин! Қандата зан, йигит! Ман космонавт мешавам гӯй!- бо ду даст Илҳомро ба ҳаво муаллақ занонда гуфт Дмитрий Степанович.

Шодон Ҳаниф

Гурӯҳи 2: Матнро хонед ва шарҳ диҳед. Мавзӯи лутфро дар ин порча муайян кунед.

-Офарин, Илҳом! Шӯрбо не, қанд пухтаӣ. Чунон болаззат, ки ин хелашро дар ресторани «Душнбе» ҳам нахӯрда будам.

Шодон Ҳаниф

Гурӯҳи 3: Порчаро хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ин лутф чӣ нуктаро таъкид месозад?

- Салоҳиддин, ба Шумо ин пироҳан шинам афтодааст. Ин қадар рангаш ба чеҳраатон монанд аст-а?

Табъи олӣ доред! Беҳтарин куртаи хушдӯхт, базеб ва шинамро интихоб кардаед.

Гурӯҳи 4: Дар мавзӯи «мутахассиси беҳтарин» будани касе лутф таҳия кунед ва лутфи тартибдодаатонро дар муҳокимаи ҳамсинфон гузоред.

Гурӯҳи 5: Ҳикояро хонед ва хулосаи онро шарҳ диҳед. Онро бо лутфҳои дар боло таҳиякардаатон муқоиса кунед. Фарқи онҳоро дар хотир нигоҳ доред.

Ҷамъе ба дуои борон берун рафтанду ҳамаи атфоли мактабҳоро бо худ бурданд.

Зарифе гуфт, ки ин тифлонро куҷо мебаред?

Гуфтанд:

-То дуо кунанд, ки эшон бегуноҳонанд ва дуои бегуноҳон мустаҷоб аст.

Гуфт:

- Агар гуноҳи эшон мустаҷоб шудӣ, як мактабдор дар ҳама олам зинда намондӣ.

Алии Сафӣ

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

III. Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо истифодаи ифодаи «Шумо математики қобилиятнок», «Шумо беҳтарин тарҷумон», «Шумо хислати аҷоиб доред», «Бо шумо дӯстӣ кардан ифтихор», « Аз суҳбати Шумо лаззат мебарам» лутфҳо таҳия кунанд.

## X. КАЛИМАЮ ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ

## §52. КАЛИМАЮ ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ ВА ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ОНҲО

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

- аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;
- мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад;
- калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;
- нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;

- дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;
- мавриди истифодаи аломатҳои китобатро бештар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

–Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;

– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;

– Муколама тартиб дода тавонистан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо истифодаи ифодаи «Шумо математики қобилиятнок», «Шумо беҳтарин тарҷумон», «Шумо хислати аҷоиб доред», «Бо шумо дӯстӣ кардан ифтихор», « Аз суҳбати Шумо лаззат мебарам» лутфҳо таҳия кунанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Калимаю ибораҳои туфайлӣ. Калимаю ибораҳои туфайлӣ ва тобишҳои маънoии онҳо

Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 1 (саҳ.166). Хонандагонро водор намоед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки калимаҳои ишорашуда чӣ тавр барои дигар шудани маънои ҷумлаҳо таъсир расонидаанд.

Супориши №1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.167). Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед. Гӯед, ки калимаҳои кадом сутун туфайлианд. Аз чӣ донистед?

| | |
|---|---|
| 1. Он вақт ба назарам аз Шумо дида одами нағзтар наменамуд. (С.Т.)<br>2. Тир агар рост равад, бар ҳадаф аст. (Ҷомӣ)<br>3. Орзуи аҳли башар хушбахтона зиндагӣ кардан аст. | 1. Имрӯз Устозокир, ба назарам, хеле парешонхотир менамояд. (Ю.А.)<br>2. – Рост, – гуфт бо оҳанги тааccуф. (С.Т.)<br>3. Хушбахтона, дилаш аз андеша фориғ шуд. (С.А.) |

Супориши №1: Ичрои машқи 4 (саҳ.167). Ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро хонанд, калимаҳои туфайлиро ёфта шарҳ диҳанд. Гӯянд, ки онҳо чӣ вазифаро ичро кардаанд.

Кори мустақилона. Супориши №2: Ичрои машқи 5 (саҳ.168). Гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва ба зери калимаҳои туфайлӣ хат кашанд. Тобиши маъно ва таркиби онҳоро шарҳ диҳанд.

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон навиштани ҷумлаҳоеро аз асарҳои нависандагон тавсия диҳед, ки дар онҳо калимаву ибораҳои туфайлӣ истифода шуда бошанд.

## §53. НАВЪҲОИ КАЛИМА Ё ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ АЗ РӮЙИ МАЪНО

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва иборaҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;

– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад;

– калима ва иборaҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;

– дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро беҳтар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва иборaҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

–Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;

– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;

– Муколама тартиб дода тавонистан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон навиштани ҷумлаҳоеро аз асарҳои нависандагон тавсия диҳед, ки дар онҳо калимаву иборaҳои туфайлӣ истифода шуда бошанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Навъҳои калима ё иборaҳои туфайлӣ аз рӯйи маъно

Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 6 (саҳ.168). Диққати хонандагонро ба моҳияти нақша ҷалб намоед. Гӯед, ки дар хусуси тобишҳои гуногуни маъноиро ифода кардани калимаҳои туфайлӣ мулоҳизаҳояшонро баён кунанд. Бо истифода аз калимаҳои туфайлӣ ҳар гурӯҳ дуҷумлаӣ тартиб диҳанд.

•Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор ва таҳияи таърифу қоида.

Супориши №1: Диққати хонандагонро ба иҷрои машқҳои марбута ҷалб намоед.

• Иҷрои машқи 7 (саҳ.169). Ҷумлаҳоро хонда, калимаҳои туфайлиро ёбед ва тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед!

• Иҷрои машқи 8 (саҳ.169). Нақшаро хонед ва бубинед, ки калимаҳои туфайлӣ нисбат ба фикр чӣ ҳаяҷону ҳиссиёти гуногунро ифода мекунанд.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1: Ҳалли машқҳо бо супоришҳои гуногун

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 10 (саҳ.170). Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои туфайлии мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро хонед ва чӣ тобиш доштани онҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 2: Ичрои машқи 11 (саҳ.170). Ҷумлаҳоро нависед, калимаҳои туфайлии онҳоро ёбед ва аломатҳои китобатро дар мавқеаш гузоред.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 12 (саҳ.170). Аз калимаҳои туфайлӣ истифода бурда, ҷумлаи «Ман имтиҳонҳоро бо баҳои панҷ месупорам»-ро чор маротиба нависед, ки тобишҳои гуногунро ифода кунанд.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 13 (саҳ.171). Ҷумлаҳоро нависед, аъзоҳои туфайлиашонро муайян карда, ба кадом маъно омадани онҳоро шарҳ диҳед.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон навиштани шаш ҷумла бо истифода аз калимаҳои туфайлие, ки тобишҳои гуногуни маъноӣ дошта бошанд, тавсия диҳед.

## §54. ИСТИФОДАИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ВОБАСТА БА КАЛИМАҲОЮ ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда
– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;
– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад;
– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;
– нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;
– дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;
– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро беҳтар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:
–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;
–Нутқи айнан нақлшударо муайян карда тавонистан;
– Нутқи мазмунан нақлшударо шинохтан;
– Муколама тартиб дода тавонистан;
– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон навиштани шаш ҷумла бо истифода аз калимаҳои туфайлие, ки тобишҳои гуногуни маъноӣ дошта бошанд, тавсия диҳед.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Истифодаи аломатҳои китобат вобаста ба калимаҳою ибораҳои туфайлӣ

Шарҳи омӯзгор тавассути машқҳо. Иҷрои машқи 14 (саҳ.171). Хонандагонро водор намоед, ки матнро хонанд ва калимаҳои туфайлиро муайян сохта, ҷой ва аломатҳои китобати онро шарҳ диҳанд. Гӯянд, ки аз нигоҳи имрӯз кадом калимаҳои матнро иваз кардан мумкин аст?

• Ҳалли машқҳо бо супоришҳои гуногун

Супориши №1: Иҷрои машқи 16 (саҳ.172). Ҷумлаҳоро нависед ва ба ҷойҳои лозима аломатҳои китобат гузоред.

Супориши №2: Иҷрои машқи 17 (саҳ.172). Матнро ифоданок хонед ва калимаҳои туфайлиро ёбед ва шарҳ диҳед.

Кори дунафара. Супориши №3: Иҷрои машқи 18 (саҳ.173). Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Дар нақлатон аз ифодаҳои ба **фаҳми ман**, **аввал ин ки**, **хусусан**, **албатта**, **дуюм ин ки** истифода баред.

Супориши №4: Иҷрои машқи 20 (саҳ.174). Муайян кунед, ки кадоме аз ифодаҳои зер калимаҳои туфайлианд ва кадоме не.

Ба андешаи ман, маълум, ногаҳон, хушбахтона, хушбахт, баъзан, ҳақиқатан, албатта, табиӣ, ҳатман.

Супориши №5: Иҷрои машқи 21 (саҳ.175). Ба хонандагон гӯед, ки аз ифодаҳои додашуда кадомашон калимаҳои туфайлӣ нестанд, муайян созанд.

• Калимаю ибораҳои туфайлии мувофиқ гузошта ҷумларо хонед.

• Баррасии корҳо.

• Кори мукстақилона. Иҷрои машқи 19 (саҳ.174). Хонандагонро ба навиштани ҷумлаҳо ҷалб карда, гӯед, ки калимаҳо- ҷумлаҳои туфайлиро муайян сохта, тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳанд.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 15 (саҳ.172). Ба хонандагон гӯед, ки дар бораи манзарае нақли мухтасар тартиб диҳанд ва дар он аз калимаҳои туфайлӣ истифода баранд.

## §55. КОР БО МАТНИ ТАҚРИЗ – 2 СОАТ Дарси 1

Салоҳиятҳо:

8.2.6. Дарк, баҳодиҳӣ ба матни тақриз, зарурат ва мавриди истифодаи тақризро донистан, ба ягон асар тақриз навиштанро омӯхтан.

Хонанда:

– матни тақризро таҳлил мекунад, сохтори онро мегӯяд;

– тақризҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– ба корҳои эҷодии ҳамсинфон ва асарҳои бадеӣ тақриз навиштанро меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Тақризро аз дигар жанрҳои адабӣ фарқ карда тавонистан;

– Тақриз навиштан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 15 (саҳ.172). Ба хонандагон гӯед, ки дар бораи манзарае нақли мухтасар тартиб диҳанд ва дар он аз калимаҳои туфайлӣ истифода баранд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни тақриз

• Шарҳи омӯзгор дар асоси маълумоти назариявии китоби дарсӣ.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №2. Ба хонандагон гӯед, ки порчаҳоро бодиққат дар қаторҳо хонанд. Онҳоро бо якдигар муқоиса кунанд ва гӯянд, ки шарҳи кадоме аз фарҳангҳо муфассалтар аст. Хулосаашонро дар бораи тақриз бо такя ба шарҳи фарҳангҳо бо ду-се ҷумла нависанд.

Қатори 1:

Тақриз а. – сутудан, мадҳ кардан; тамҷид кардан аз китобе ё рисолае; ситоиш,ҷ. тақризот (Фарҳанги форсии Муин, Теҳрон, 2375, ҷилди 2, саҳ.119).

Тақриз а.- мадҳ кардан, дар мадҳи китоб ё шеър ё навиштаи касе чизе навиштан (Фарҳанги форсии Амид, Теҳрон, 2535, саҳ. 331).

Тақриз (ар. – таъриф кардан) – яке аз намудҳои танқиди адабӣ, мақолаи адабии танқидиест, ки ба таҳлили асар, песа, филм ва монанди ҳамин осори санъату адабиёт бахшида шудааст. Тақриз бештар дар гармогармии воқеа, яъне баробари ба майдон омадани асар навишта мешавад (Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. Душанбе, Ирфон, 1966, саҳ.124).

Тақриз а.- баҳо додан бо роҳи катбӣ ба навиштаи касе; баҳое навиштан ба навиштаи касе, баҳои мусбат додан ба навиштаи касе (Фарҳанги забони тоҷикӣ, М., 1969, ҷ.2,саҳ.353).

Тақриз а.- баёни фикр дар бораи асаре, баҳо додан ба асаре; мақолае, ки дар он дар бораи асаре фикр баён ёфтааст, тақриз навиштан дар бораи асаре, изҳори ақида кардан (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, Душанбе,ҷ.2, саҳ.306).

Тақриз а.- навиштае дар ситоиши як асари ҳунарӣ, ба вижа китоб (Фарҳанги форсии имрӯз, Теҳрон,1375, саҳ.353).

Қатори 2: Порчаро хонед мазмунашро мухтасар нависед.

Тақриз (ар.- мадҳ кардан, танқиди мадҳомез) як жанри танқиди адабӣ ва журналистика буда, асосан асарҳои адабӣ, бадеӣ ва илмиро таҳлил мекунад ва ба онҳо баҳо медиҳад. Тақриз жанри хурди танқиди адабӣ буда, дар оғози асри XIX пайдо шудааст. Танқид дар бораи китоб ва асари нав маълумоти аввалин медиҳад. Шаклҳои танқид гуногунанд. Машҳуртаринашон танқидҳои мусбат, мубоҳисавӣ ва танқидӣ мебошанд. Танқид жанри душвор буда, мухтасарбаёнӣ, равшании фикр, ғоянокӣ, далели қавии илмӣ, бадеият ва маҳорат талаб мекунад. Он ҳаҷм ва композитсияи (сохтори) хос дошта, ба саҳеҳии мавзӯъ, миқдори муайяни ахбор, шакли рехтаву мазмуни баланд ва илҳомбахшу шоирона буданаш аз дигар жанрҳои танқиди адабӣ имтиёз дорад.

Танқид ба навъҳои танқиди чопӣ, танқиди пӯшида, танқиди редаксионӣ (таҳририӣ), тақризи мактуб, тақризи муаллиф, танқиди эссе ва ғ. ҷудо мешавад.

аз “Энсиклопедияи советии тоҷик”, Душанбе,1967,ҷ.7, саҳ.306

Қатори 3: Баҳо додан ба китоб, асари бадеӣ, мақола, реферат ва ғайра ин баёни муносибати хонанда ба маводи баррасишаванда мебошад. Муқарриз бояд маводро вобаста ба мавқею мақсад ва вазифааш арзёбӣ намояд. Ӯ бо муаллиф розӣ будан ё набудани худро изҳор карда, аниқ месозад, ки муаллиф ба ҳадаф расидааст ё не, кадом нуктаҳо ҳалли худро наёфтаанд, чӣ чиз дар он ба назар зиёдатӣ менамояд ё нодаркор аст, ки бояд ихтисор гардад ва ғайраҳо.

Барои баҳо додан танҳо донистани талаботи асосие, ки ба қоидаи сохтори маводи баррасишаванда гузошта шудааст, кофӣ набуда, балки проблемаҳо ва масъалаҳоеро, ки дар бораи онҳо сухан меравад, бояд донад. Одатан тавассути тақриз ба ин ё он мавод баҳо дода мешавад.

Қатори 4: Тақризро чӣ тавр менависанд? Тартиби тахминии баҳодиҳиро чун намуна дар зер нишон медиҳем. Таъкид менамоем, ки ин нақша намунавӣ буда, ҳатмӣ нест.

1. Китоб ва маводеро, ки ба он тақриз менависед, бодиққат хонед.
2. Кай ва дар куҷо нашр шудани китоб ва нишонии онро ҳатман зикр кунед.
3. Китоб ё маводи тақризшаванда аз тарафи шумо чӣ тарз хонда шуд?
4. Мавзӯи китоб, мазмуни аслӣ ва чӣ тавр маънидод шудани мавзӯъро нишон диҳед.
5. Қаҳрамонҳои амалкунанда киҳоанд ва муносибати муаллиф бо онҳо чӣ тавр зоҳир шудааст? Аз хонандаи мавод чӣ гуна муносибатро талаб менамояд?
6. Гуногуннавъии бадеии китоб, забони асар дар чӣ зоҳир мегардад? Муаллиф ба кадом воситаҳо пурмаъноӣ ва муассирии асарро ба даст меорад?
7. Баҳои умумии шумо ба маводи хондашуда.
8. Ба андешаи шумо чӣ хуб тасвир шудааст ва кадом нукта боварибахш нест; чӣ чиз зиёдатист ва кадом нуқта ба шарҳу тафсир ниёз дорад!
9. Нуктаи асосӣ: андешаи худро баён созед ва муҳокимаю таҳлил кунед.
10. Мазмуни китобро дар шакли басо мухтасар инъикос намоед ва зикр кунед, ки оид ба чӣ сухан меравад. Агар ин кор анҷом дода нашавад, муҳокимаронииҳои шумо нофаҳмо хоҳад буд.

• Хулосаҳои худро баррасӣ намоед.

Супориши №2. Диққати хонандагонро ба қироати матни тақризи С.Набиева ба китоби “Хандадаро”-и Абдурауф Муродӣ (қироати бонавбат), мухтасарбаёнии он ҷалб намоед. Гӯед, ки ба тарзи баёни муқарриз диққат диҳанд. Гӯед, ки тақриз бисёр муаддибона буда, он аз ҳарфу оҳанги дурушт орӣ мебошад.

ХАНДА ДАР ЛАБ

Ҳаҷву мутоиба аз муҳимтарин паҳлуҳои зиндагии моро дар адабиёт ба таври хеле нозук ва айни замон ҳадафгир дар либоси танзу киноя ва лутф (комплимент) инъикос месозанд. Ҳаҷве, ки нишонрас ва самарманд бошад, моломоли дарду ҳасрати ҷомеа аст. Имрӯз санъаткорони саҳнаи тоҷик аз адибон хеле гиламанданд, аз он ҷиҳат ки дар мавриди дастрасӣ ба маводи дилхоҳ кумак ва ҳамкорӣ намебинанд. Вале аз назари мо чанд соли охир дар ин самт бедорие эҳсос мешавад. Яке аз нависандагони масъулиятшинос, боҷасорат, соҳибистеъдод ва умедбахши адабиёти имрӯза, ки чунин масъулиятро бар дӯш гирифтааст, Абдурауф Муродист. Дарвоқеъ, эҷодиёти А.Муродӣ хеле доманадор аст. Ӯ аз байт то ғазалу достон, аз ҳикоя то қисса, аз тақриз то китобиёт асарҳое дорад, ки ҳар кадом паҳлуҳои баланди эҷодии ин адибро бозгӯ мекунанд. Эҷодиёти ин адибро ҳам мазмунҳои адабию бадеӣ ва ҳам мазмунҳои илмию таҳлилӣ фаро гирифтаанд. Китобҳои ӯ «Ҷашнномаи мактаб», «Лутфи Худованд», «Дили гарм», «Паёми мушовир», «Ҷасорат», «Аз нешханд то нӯшханд», «Ҷилои вожаҳо», «Дилнавоз», «Чошнӣ», «Анори дона-дона», «Шукуфти ғунчаи лабҳо» барои ҳар хонанда метавонанд манбаи омӯзиш ва илҳом гарданд. Беҳтарин нуктаву байтҳои А.Муродӣ имрӯз зебдеҳи маҳфилҳо гардидаанд. Дақиқан назар кунем, тамоми мақсадҳои адиб мантиқан ба як нукта нигаронида шудаанд: боло бардоштани фарҳанги мардум.

Китоби ба тозагӣ чопшудаи ӯ «Хандадара» ном дошта, аз ибтидо то интиҳо бори мазмунро бар дӯш дорад. Адиб тавонистааст, аз аввал то охир табассуму хандаро дар лабу даҳони хонанда нигаҳ дошта, ба ин восита, ҳунари хуби номгузории хешро собит намояд. Китоб аз қисматҳои алоҳида иборат аст. Дар қисмати нахустин, ки «Занбӯр» ном дорад, ҳикояҳои ҳаҷвӣ гирдоварӣ ва дар онҳо нуқсонҳои ҷомеа ошкор гаштаанд. Дар як қатор ҳикояҳо порахӯрӣ, дурӯягӣ, беадолатӣ, бевиҷдонӣ, бесаводиву бефарҳангии ашхоси алоҳида зери ҳаҷву тамасхури нависанда қарор гирифтаанд. Барои нависанда дарднок аст, ки бо вуҷуди мақоми давлатӣ доштан то ҳанӯз забони мо мавқеи асосии худро касб карда натавонистааст. Далели ин маънӣ ҳикояи «Сафари бебарор»-и ӯст. Дар ин ҷо кас агар ба фалсафаи нависанда ба дурустӣ диққат диҳад, байти Бедили бузургвор пеши рӯ меояд:

Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,  
Ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард.

Дар ин ҳикоя адиб нодонӣ, бесалоҳиятӣ, бепарвоӣ ва бесаводиии соҳибзабононро дар мисоли ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи сокинони сайёраи дигар ба риштаи тасвир кашидааст. Ба ин тариқ, бояд гуфт, ки дар ҳикояи «Қонуни забон» бемасъулиятиву бесаводии роҳбарони муассисаҳои таълимиро зери танқид гирифта, ин маъниро тариқи ҳаҷви тунд инъикос кардааст.

Тавре маълум аст, солҳои қабл узви Иттифоқи нависандагон шудан кори саҳл набуд. Бо таассуф, бояд гуфт, ки бенизомиҳои замон ба ин самти зиндагии ҷомеа низ бе таъсир намонд. Ҳар касе хост, нависанда ва ё шоир шуд (рӯзноманигор ҳам). Барои ин тоифа муҳим на истеъдод, балки ном буд. Дар «Нома» ном ҳикояи Муродӣ ин мазмун чунон тамасхуромез ифода ёфтааст, ки гумон меравад, «қаҳрамон»-ҳо дар ҳақиқат, аз узвият ба иттифоқ ғайриихтиёр даст мекашанд. Пургӯйбеки Ваққосӣ симои ҳамин гурӯҳ буда, беҳунарияш дар адабиёт аз тарафи ҳаҷвнигор сахт масхара шудааст.

Дар робита бо «фаъолият»-и ин гурӯҳ насли ҷавони аз олами маънии сухан комилан ғофил тарбия ёфта, бо ҷурми бесаводӣ сарфаҳм намераванд, ки бузургон фармудаанд: «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад». Барои мисол, дар ҳикояи «Номаи ошиқон» дар ифодаи номаи як нафар ба маъшуқа омадааст: «Салом, дилбари

ширину нозанини ман! Чун даъвати самимии маро напазируфтаву наздам наомадӣ, худ хостам, назди ту равам, зеро «ё хара пеши бор ё бора пеши хар» гуфтаанд…»

Абдурауф Муродӣ, ки худ аслан омӯзгор аст, тавонистааст тарбияро дар заминаи адабиёт роҳандозӣ намояд. Шояд маҳз ба ҳамин сабаб дар навиштаҳои ӯ таваҷҷуҳ ба мактаб ва мактабиён дар алоҳидагист. Фаразан, дар ҳикояи «Такмили ихтисос» дар баробари маҳкум кардани омӯзгор аз лиҳози беҳунарӣ ҳадафаш ҳушдор сохтани масъулини соҳа аз муҳайё сохтани шароити омӯзиш аст. Яъне, танҳо худомӯзӣ дар баланд бардоштани такмили ихтисоси муаллимон кифоя нест, ташкили курсу семинарҳо дар ин маврид омили муҳим аст. Аз дигар тараф, эроди адиб ба дарсҳои ба истилоҳи имрӯза «интерактивист». Усули навро ба таври сохтакорӣ пешниҳод кардан ва ё талаб кардан аз муаллимон бар манфиати кор нест. Ҳол он ки ҳар дарси одие ҳам, ки дар инкишофи тафаккур, нутқ ва эҷодкории бача таъсир расонида метавонад, интерактив (фаъол) аст.

Аз назари ҳаҷвнигори нозукбин фаъолияти олимону пажӯҳишгарони илм низ дур намондааст. Чунончи, дар ҳикояи «Рисолаи пурарзиш» «эҷодкориву навовариҳо»-и олимони «тозаистеъдод» мавриди тамасхур қарор гирифтааст. Воқеан, баъзе олимони мо рисолае навиштанӣ бошанд, қисмати зиёди онро бо иқтибосу истинодҳо “зеб» медиҳанд, ки ин тартиб наметавонад дар илм кашфи тозае ворид созад. Рисолаи илмии қаҳрамон доир ба чистонҳо буда, кашфи «олим» ҳамин аст, ки ҷавоби чистонҳоро мутобиқи замон гардондааст. Чунончи: Сандуқчаи зулфиё, худбандаку худкушо (Қошу қавоқи сардор), «Аз асп баланд, аз саг паст» (Нарх ва сифати молҳои худӣ), «Як суфача, панҷ бибича» (Бисёрҳизбӣ), «Худаш намебинад, ба дигарон роҳ нишон медиҳад» (Сардори бесавод).

Дар ин қисмат инчунин нависанда бо маҳорати сухандониву одамшиносиаш барои омӯзгор, адиб, милиса ва донишҷӯ толеъномаҳо навиштааст, ки дар онҳо зиндагии ҳар кадом моҳиятан дар иртибот бо фаъолияти кориашон «пешгӯӣ» карда мешавад, тавре ки ҳар фард метавонад бо мутолиа аз он дар ислоҳи нуқсонҳои худ кӯшише зоҳир намояд.

Қисмати дигари китоб «Ҳарзамараз» номгузорӣ шуда, он силсилашеърҳоро, аз қабили «Мактабнома», «Келиннома», «Депутатнома» фаро мегирад. Дар ин ашъор дар бораи камбудиҳои соҳа ва самтҳои фаъолияти масъулин сухан меравад. Таваҷҷуҳовар аст, ки мазмуни бештари эҷодиёти адибро ҳаёти занону бонувон ифода мекунад, ки гумон меравад, ин муносибат бозгӯи таваҷҷуҳи худи соҳибқалам ба бонувон аст. Чунончи, дар шеърҳои «Гуфтугӯ бо занам», «Зани ман» «Рӯзи маош», «Булҳавас» ва қисмати «Шаҳрошӯб» адиб гоҳе аз занҳо гила мекунад, гоҳи дигар онҳоро ба само мебардорад, гоҳе онҳоро бо тамоми ҳунарҳояшон васф кунад, гоҳи дигар аз булҳавасии мардон дилтангӣ мекунад. Масалан, дар «Шаҳрошӯб» ягон бону аз назари адиб дур намондааст. Муродӣ бо ҳимматбаландӣ ба дилбароне, ки ба фурӯши коса, калла, либос, шир, китоб, дору, гул, гӯшт, соат, рӯған, соат, тухм, писта, манту, мавиз, қулф, мушк, ҷигар, моҳӣ, ҳасиб, тоқӣ, сандуқ, ҳезум, намак, орд, шиша, чой, сақич, шароб, биринҷ, тарбуз, донак, ранг, қурут, чакка, ришта, асал, шона, харбуза, об, сурат, самбӯса машғуланд, ба тариқи ҳазл алфози «ширин» - е ирсол намуда, дар як вақт мардумро аз меҳнатдӯстӣ ва фаъолияти васеи занон дар зиндагӣ ҳушдор месозад.

Ҷасорати Муродӣ дар мавриди фошофош ба забон овардани бевиҷдониҳои баъзе роҳбарони ҷоҳталаб шоистаи таҳсин аст. Аз ҷумла шеъри «Илтиҷо» ҳам аз рӯи оҳанг ва ҳам аз лиҳози мазмун ба зудӣ дар дили хонанда ҷо мегирад. Дар ин шеър адиб аз забони хонанда даъво мекунад, вазъи ногувори зиндагиро дар ҳолати бебарқӣ иброз медорад ва вобаста ба ин аз мансабдорон илтиҷо мекунад. Дар шеъри «Аё мурғак» бошад, аз мурғ тухм «талабиданаш»-ро ба забон оварда, норасоиҳои рӯзгори мардумро ошкор месозад.

Абдурауф Муродӣ табиатан меҳнатдӯст аст ва ин ҷиҳатро дар ҳама дидан мехоҳад. Ба ин маънӣ ӯ дар шеъри «Дидам ҷавоне» аз ҷавонони кӯҳпайкар гиламанд аст, ки қувваи бозуи худро дар «сақичфурӯшӣ» барин пеша “сарф мекунанд». Аз нигоҳи

нависанда дардовар аст, ки то ҳанӯз мо дар интихоби кадр саҳлангориро гум накардаем. Ин маъниро ӯ дар шеъри «Роҳбари нав» таъкид карда, бенизомиҳои ин амалро ба гӯши мардум мерасонад. Бо ин ҳама эрод ба онҳое мегирад, ки умри худро сарфи хушомадгӯӣ ва лагандбарорӣ ба сардор месозанд. Ин маъниро адиб дар шеъри "Замонасоз» хеле устокорона ба риштаи назм кашида, ибтидо "бечорагӣ»-и хушомадгӯро "васф» мекунад, вале дар охир ба хулосае меояд, ки сабабгори асосии зиндагии пасташон тарсончакиву буздилии худи онҳост. Ӯ мегӯяд:

Бо тақозои замона рӯсиёҳӣ мекунам,
Сарв гӯям қоматамро, лек фардо, ки хам аст.
Бо чунин тарсудиливу пастиҳоям, эй фалак,
Ин ҳама ҷабре, ки бо ман мекунӣ, хеле кам аст!

Дар қисмати охири китоб, ки «Дар барги гулҳо» ном дорад, адиб лутфу ҳазлиёти шогирдонаи худро ба устодони илму адаб тариқи назм ифода кардааст. Баёни ӯ дар ин маврид ҳушдор аз мавқеи иҷтимоии шахсиятҳои шинохта ва ба ҳар тариқа арзёбӣ кардани вазъи адабиёт, инчунин кушодани дарди дили хеш аст. Фаразан, дар шеъри ба устод Муҳаммадҷон Шакурӣ бахшидааш мегӯяд:

Агар имрӯз дар айни нумӯем,
Расад, эй кош, он рӯзе бигӯем:
-Азизи ман, Хуросон аст ин ҷо,
Муҳаммадҷон фаровон аст ин ҷо.

Афсӯси адиб на бозгашт ба қафо, балки ёдоварӣ аз айёми давлатдории ниёгон ва мавҷудияти бузургони илму адаб дар он айём аст. Яъне, «фаровонӣ»-и Муҳаммадҷон ишора ба теъдоди зиёди донишмандон аст, ҳасрат аз он айёми бузургпарвар ва бузургони даҳр.

Боиси таассуф аст, ки ба ҷурми фаромӯшӣ як иддаи дигари адибону мунаққидон аз назари эҷодкор дар канор монданд. Ба таври мисол, дар қатори мунаққидони дигар ба забон овардани номи устод Соҳиб Табаров, шоирон Ҳақназар Ғоиб ва Салими Хатлонӣ ҳеҷ ҷои аҷобат надошт. Дар ҳар сурат «Хандадара» бо забони содаву омафаҳм ва ҳазлҳои намакинаш тавонистааст, ба хонандагони имрӯз дараи хандаву табассум ва омӯзиши фарҳанги бойи ниёгон гардад.

Супориши №3. Гӯед, ки он бо талаботи дар боло ифодаёфта мувофиқ аст ё не.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо;
• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз корҳои хаттии ҳамдигар намунаҳо ба даст оварда, ба онҳо тақриз нависанд. Кӯшиш кунанд, ки талаботи навиштани тақриз дар он риоя гардад.

## §56. КОР БО МАТНИ ТАҚРИЗ – 2 СОАТ (Дарси 2)

Салоҳиятҳо:

8.2.6. Дарк, баҳодиҳӣ ба матни тақриз, зарурат ва мавриди истифодаи тақризро донистан, ба ягон асар тақриз навиштанро омӯхтан.

Хонанда

–матни тақризро таҳлил мекунад, сохтори онро мегӯяд;
–тақризҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
–ба корҳои эҷодии ҳамсинфон ва асарҳои бадеӣ тақриз навиштанро меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Тақризро аз дигар жанрҳои адабӣ фарқ карда тавонистан;
– Тақриз навиштан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиш вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз корҳои хаттии ҳамдигар намунаҳо ба даст оварда, ба онҳо тақриз нависанд. Кӯшиш кунанд, ки талаботи навиштани тақриз дар он риоя гардад.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳо гузоред:

| Т/р | Намуна | Муваффақият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

• Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Аъзоҳои пайрави ҷумларо номбар кунед.

2.Тақриз чӣ гуна жанр аст?

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни тақриз

Кори инфиродӣ. Супориши №2. Ба хонандагон супориш диҳед, ки тақризи Қутбиддин Мухториро ба китоби Бахтиёри Қутбиддин «Роҳ ба сӯйи эҷод» (Душанбе: Ирфон, 2015.-107 саҳ.) хонанд. Нақшаеро, ки ин тақриз бар асоси он навишта шудааст, тартиб диҳанд. Мулоҳизаҳои худро дар бораи ин тақриз баён кунанд. Гӯянд, ки ин тақриз онҳоро то чӣ андоза ба мутолиаи асари мазкур шавқманд сохт. Кадом ифодаҳои тақриз дар таърифи луғати зикршуда нақш доранд?

Ман муаллифи ин китобро дар муҳокимаҳои рисолаҳои унвонҷӯён шинохтаам. Бовар дорам, агар ин китобро нахонда тақриз менавиштам, аз афташ айнан ҳамин чизеро менавиштам, ки ҳоло рӯйи коғаз аст. Дар нигоштаҳои Бахтиёри Қутбиддин идомаи мактаби профессор Асадулло Саъдуллоев бараъло мушоҳида мешавад. Ин хурсандибахш аст, зеро мактаб собиқа пайдо мекунад, идома меёбад, устувор мегардад, манбаъ ва маншаи таълими наслҳои оянда мешавад, ин сатрҳоро навишта гоҳо ба назари ман чунин мерасад, ки худам гӯё ба ҳамин услуби нигориш пайравӣ мекарда бошам, аммо аз ин боке нест, зеро ҳар чӣ рӯйи коғаз меояд, аз рӯйи самимият ва эҳтиром ба истеъдоди муаллифи китоб меояд.

«Роҳ ба суйи эҷод», воқеан, ҳам қутбнамоест барои онҳое, ки навиштан мехоҳанд, дар ин роҳ қадам мезананд ва ё воқеан орзуи журналистшавӣ доранд.

Китобро хонда, аввали ҳар сархат андешае касро фаро мегирад, ки гӯё муаллиф як чизи ба ҳама маълум ва одиро такрор мекарда бошад, аммо дар идома аз «андешаи нодурусте», ки дар аввал нописандиро нисбат ба муаллиф ба вуҷуд оварда буд, бармегардед ва ба маҳорати нигорандагии ин роҳнамои заҳматкаш таҳсин мехонед. Воқеан, муаллиф ҳар як масъалаи мавриди баҳсро, ки дар китоб, бемуболиға, шумораашон ниҳоят зиёд аст, бо як мисоли назарногир, аммо пойбанди ҳаёти ҳаррӯзаи мову шумо оғоз намуда, онро ҳамчун нардбон ё роҳбалади андешаи хонанда ба ҷониби мақсад гирифта мебарад. Агар муаллиф суханҳояшро танҳо бо гуфтаҳои адибон «навиштан кори осон нест ва дар ин роҳ ба ягон кумак чашмдор набояд буд» (саҳ. 7) ба анҷом мерасонид, мову шумо мегуфтем, ки «хуб, домулло, инро ҳама медонанд, боз чӣ?». Аммо муаллиф бо чанд саволи пай дар пай ана ҳамин умедвор набудан ва дар ҷавҳар ҳунари навиштан надоштану орзуи навиштан дар хаёл доштанро хеле моҳирона ва воқеъбинона дар такя ба рӯзгори имрӯза баён мекунад: «Як нафар ба ҷойи дигар кас менависад?, Тариқи ҳашар навишта мешавад?, Дар навиштан меҳнати кироя ба кор меравад?» (саҳ. 7). Ҳама ин гуфтаҳо дар таъкиди он назар меоянд, ки оё воқеан ҳам рӯзноманигор шудан мехоҳед ё хайр?

Китоб аз фаслҳои хурд-хурди роҳнамо иборат аст, ки, воқеан, ҳар кадомашон андешаҳои файласуфонаро дар бар мегиранд ва муҳим ин аст, ки ҳеҷ фаслеро дилгиркунанда намеёбед. Аслан дар зиндагӣ ба ҳар як савол посухи кӯтоҳе ҳаст. Фаслҳои китоб ҳам ҳамин гуна хусусият доранд. Ба фасли «Чӣ кор кунам, ки навишта тавонам?» таваҷҷуҳ намуда, ба ҳамин чиз бовар кардан мехоҳем. Худи саволгузорӣ – сарлавҳагузорӣ ҷолиб аст. Хонанда тамоми фаслро мехонад, ба саволи гузоштаи

муаллиф ҷавоб меҷӯяд, аммо дар охир ҷавоб аз ҳадиси ҳазрати Муҳаммад (с) оварда мешавад: «Кӯшиш зояндаи истеъдод аст». О ҳамин қадар сухан будаасту ман як фасли китобро ҷустуҷӯ кардам. Аммо боз меандешед, ки, воқеан, ба моҳияти ҳамин ҳадис пас аз хондани фасли мазкур амиқтар сарфаҳм рафтаед, яъне муаллиф беҳуда коғаз сиёҳ накардааст, заҳмати ӯ ба таҳсин меарзад.

Шояд баъзе биандешанд, гумон кунанд, ки муқарризи китоб муболиға месозад, агар ин суханон мублиға бошанд, пас илҳоме ҳастанд, ки аз мутолиаи китоб ба бор омадаанд ва онҳоро «Омилҳои мусоидатсоз» (номи як фасли китоб чунин аст – Қ.М.) гуфтан бемуболиға аст. Меандешам, ки агар суханони муаллифи китобро ин ҷо орам, хонандаи гиромӣ фикр накунад, ки ин иқтибосро ба хотири чӣ оварда бошам: «Шахсе, ки маҳорату истеъдоди навиштан дорад, роҳравон ҳам гӯё эҷод мекунад» (саҳ.17). Акнун ба хотир овардам, ки Бахтиёри Қутбиддин, гоҳо аз ҳамкорон «муаллим, ҳамон мақолае буд-ку дар бораи сарлавҳа, аз куҷо пайдо кардан мумкин аст» мегуфт, раҳораҳ дар пайи эҷод будааст. Ҳам худ раҳораҳ эҷод карда ва ҳам маслиҳат дода ниҳоят то он фасли китоб моро меорад, ки «Нахустқадамҳо дар навиштан» ном дорад. Ҳикояти ибратбахше, ки муаллиф дар оғози ин фасл меорад, хонандаро ҳушдор медиҳад, ки объекти навиштанро мушаххас донад, чӣ навиштанро донад ва ниҳоят муъҷазбаён бошад. Воқеан ҳам ҳама фаслҳои китоб ҳамин хусусиятро доранд: пурмағз, аммо кӯтоҳ-кӯтоҳ, кас аз хонданашон дилгир намешавад. Фасл аз ҷойи даркорӣ оғоз шуда, дар ҷойи даркорӣ ба охир мерасад.

Ростӣ, гоҳо ҳар фаслро хонда, аввалин таассуротро «навиштан» фикр мекунам, ки маро ба иштибоҳ намебарад. Фасли «Иштибоҳу ихтисор фоҷеа нест» маҳз ҳамин таассуротро дар шахс бештар ба вуҷуд меорад, ки гӯё донишҷӯ ҳастиву дар дарси муаллим нишаста аз забони ӯ дарси эҷод меомӯзӣ ё мешунавӣ, ки муаллим ба донишҷӯён чӣ гуна навиштанро меомӯзад.

Китобро фасл ба фасл варақ зада, кӯшиш мекунед дарёбед, ки муаллиф чиро фаромӯш карда бошад, дар бораи чӣ нагуфта бошад, аммо шаммае дар бораи масъалаҳои асосии эҷод – навиштан мехоҳам, нависам ё не?, Чӣ гуна нависам?, Дар кадом бора нависам?, Чӣ сарлавҳа гузорам? Оё дуруст навиштам? Ба кӣ пайравӣ кунам?, Ҳангома насозам?, Аз навиштани ман чӣ суд? ва ғ. чизи судманд меёбед.

Албатта, коре бе камбудӣ нест. Гоҳо мегӯянд: «рақибе, ки камбудии туро мекобад, беҳ аз дӯстест, ки камбудии туро рӯпӯш мекунад». Ҳоло намедонам, ки кадом мавқеъро интихоб кунам, аммо, ба назарам, мавқеи камбудикобиву танқид ҳам фаро расид ва ин ҷо аз фасли «Иштибоҳу ихтисор фоҷеа нест» як иқтибоси аз Александр Дюма овардаи муаллифи китобро мохоҳам оварам: «Аз А. Дюма хоҳиш мекунанд, ки барои ба хок супоридани мунаққид пул ҷамъ карда истодаанду ӯ ҳам панҷ франк диҳад.

- Ана, даҳ франк, - мегӯяд Дюма, - гиреду ду мунаққидро гӯронед» (саҳ. 51)…

Китоб воқеан бе саросемагӣ навишта шудааст, муаллифи он соҳиби андешаи амиқ, пайрави мактаби бузург аст. Ӯ дар аввал, гоҳо мобайн, охири ҳар фасл андешаҳои бузургон, ҳикматҳои халқ, гоҳо суханони аз таҷрибаи рӯзгор рӯбарӯшудаашро барои тақвияти як андеша зикр мекунад. Гоҳо ҳамин андешаҳо бемавқеъ менамоянд, масалан, дар охири фасли «Чӣ кор кунам, ки навишта тавонам» овардани ин иқтибос бемаврид аст: «Ман шеър навишта истодам, - хайр, чӣ хел аст, ягон чиз шуда истодааст? – 50 фоиз. Навиштан ҳасту шеър нест» (саҳ. 15). Ин ҳикояти хеле аҷиб, аммо муҳтавои фасл чунин анҷомро намехоҳад.

Дар фасли «Нақши сарлавҳа» принсипҳое, ки мувофиқи онҳо муаллиф сарлавҳаҳоро гурӯҳбандӣ мекунад, ба гурӯҳҳои беохир бурда мерасонанд: Сарлавҳа-хабар, сарлавҳаи нақлкунанда…, сарлавҳа-ҳукм, сарлавҳа-имдод ва ғ.

Боқӣ ба муаллиф дар соҳаи эҷод илҳоми баландпарвоз ва дар таълиму тадрис садоқатмандӣ ба касб таманно намуда, умедвори рӯйи чоп омадани маҳсули андешаҳои нав ба нави ӯ ҳастем.

Қутбиддин Мухторӣ

Супориши №2. Гӯед, ки хулосаҳои худро аввал ба таври хаттӣ, баъд шифоҳӣ баён кунанд, ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо;

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки китоберо хонда, ба он тақриз нависанд.

## XI.АЪЗОҲОИ ИСТИСНОӢ (ИЛОВАГӢ)-И ҶУМЛА
## §57. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ АЪЗОИ ИСТИСНОИИ ҶУМЛА

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– аъзои истсиноии ҷумларо аз аъзои чидаи ҷумла фарқ мекунад;

– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– мавриди истифода аъзои истисноиро дарк мекунад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро бештар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки китоберо хонда, ба он тақриз нависанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Аъзоҳои истисноӣ (иловагӣ)-и ҷумла. Маълумот дар бораи аъзои истисноии ҷумла

Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 1 (саҳ.175). Хонандагонро водор намоед, ки ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонда муқоиса кунанд ва гӯянд, ки аъзоҳои ба сутуни дуюм иловашуда чӣ зарурат ва вазифа доранд.

Ҳалли машқҳои шифоҳӣ. Супориши №1:

Иҷрои машқи 2 (саҳ.176).Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанги талаффузи истисноӣ хонед ва шарҳ диҳед.

Иҷрои машқи 6 (саҳ.178). Ҷумлаҳоро ифоданок хонед ва аломатҳои китобати аъзоҳои истисноии ба исмҳои хос алоқамандро шарҳ диҳед.

Иҷрои машқи 8 (саҳ.178). Ҷумлаҳоро ифоданок ва бо риояи оҳанг хонед. Гӯед, ки кадом аъзои ҷумларо аъзоҳои истисноӣ аниқ мекунад. Дар онҳо чиро мушоҳида кардед.

Кор дар гурӯҳҳо. Супориши №2: Диққати хонандагонро ба иҷрои машқҳои марбута ҷалб намоед.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 3 (саҳ.177). Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери аъзоҳои истисноӣ хат кашида, бар шарҳи кадом аъзои ҷумла омадани онҳоро маънидод кунед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 16 (саҳ.177). Ҷумлаҳоро нависед ва аломатҳои китобатро дар ҷояшон гузоред.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 5 (саҳ.177). Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро ифоданок хонед ва гӯед, ки ифодаҳои ишорашудаи сутуни дуюм аз якум чӣ фарқ доранд.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 7 (саҳ.178). Ҷумлаҳои зерро дуруст хонед ва баъд нависед.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки бо истифода аз аъзои истисноӣ 6 ҷумла нависанд.

## §58. БАЁНИЯИ ИСТИСНОӢ ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ОН

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда

– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро хубтар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Доир ба аъзои истисноии ҷумла, бахусус баёнияи истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

– Бо истифода аз баёнияҳои истисноӣ ҷумлаҳо тартиб додан;

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки бо истифода аз аъзои истисноӣ 6 ҷумла нависанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Баёнияи истисноӣ ва аломатҳои китобат дар он

•Саволҳо барои дарки мавзӯъ.

Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 9 (саҳ.179). Диққати хонандагонро ба қироати ҷумлаҳо ҷалб намоед, гӯед, ки баёнияҳои истисноиро муайян кунанд ва вазифаю аломатҳои исти онҳоро шарҳ диҳанд.

Супориши №1: Иҷрои машқи 12 (саҳ.180). Ҷумлаҳоро нависанд, ба онҳо аз дохили қавс баёнияҳои истисноии мувофиқ ёфта илова кунанд. Бо назардошти ҷойи баёнияҳои истисноӣ аломатҳои китобати мувофиқро гузоранд.

Супориши №2: Ҳалли машқҳои шифоҳӣ.

Иҷрои машқи 11 (саҳ.180). Порчаҳои шеъриро хонед ва баёнияҳои истисноиро муайян созед. Тарзи хониши онҳо дар назм аз наср фарқ дорад ё не?

Иҷрои машқи 12 (саҳ.180). Ҷумлаҳоро хонед ва аъзоҳои истисноиро, ки вазифаи эзоҳдиҳиро доранд, муайян созед.

Кори мустақилона. Супориши №3. Иҷрои машқи 13 (саҳ.181). Ҷумлаҳоро нависед ва зери аъзоҳои истисноӣ хат кашида, вазифаашонро маънидод кунед.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

• Саволҳо доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 14 (саҳ.181). Ба хонандагон гӯед, ки матнро хонанд ва тақлидан шарҳи ҳоли худро нависанд. Аз аъзоҳои истисноӣ огоҳона истифода баранд.

## §59. ҲОЛҲОИ ИСТИСНОӢ

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро бештар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Доир ба аъзои истисноии ҷумла, бахусус баёнияи истисноӣ маълумоти бештар гирифтан;

– Бо истифода аз баёнияҳои истисноӣ ҷумлаҳо тартиб додан;

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 14 (саҳ.181). Ба хонандагон гӯед, ки матнро хонанд ва тақлидан шарҳи ҳоли худро нависанд. Аз аъзоҳои истисноӣ огоҳона истифода баранд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Ҳолҳои истисноӣ ва аломатҳои китобат дар онҳо

Водорнамоӣ. Хонандагонро водор намоед, ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонанд ва муқоиса кунанд. Аз якдигар чӣ фарқ доштани онҳоро шарҳ диҳанд.

| | |
|---|---|
| 1. Рӯзона аз ҷой хестам, баъд аз чой нӯшидан ба раста баромадам. | 1. Рӯзона , соати нуҳ, аз ҷой хестам, баъд аз чой нӯшидан ба раста баромадам.(С.А. |
| 2. Вай дина ба назди гилкорон рафт. | 2.Вай дина, баъди пешин, ба назди гилкорон рафт.(Ф.М.) |
| 3. Деҳаи Суғд дар ҳамин гардишгоҳи рӯд воқеъ шудааст. | 3. Деҳаи Суғд дар ҳамин гардишгоҳи рӯд, дар тарафи рости он, воқеъ шудааст.(С.А.) |
| 4. Ин ҳол бештарин дар рӯзҳои таътил воқеъ мешуд. | 4. Ин ҳол бештарин дар рӯзҳои таътил(чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа) воқеъ мешуд.(С.А.) |

Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор: Ба вазифаи аъзои истисноӣ ҳамаи навъҳои ҳол меоянд. Баъзе аз онҳо ҳоли пеш аз худ омадаро шарҳ медиҳанд ва аниқтар месозанд ва бо ҳамон воситаи грамматикӣ ба калимаи асосӣ тобеъ мешаванд: 1.Дар беруни боғ, дар канори рӯди Деших, дар зери қаторбедҳои соядор, суфае дуруст кард.(С.А.) 2.Ман ӯро ду сол пеш аз мулоқот дар деҳаи Регзор, дар шиннипазхона, дида будам.(С.А.)

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1: Ҷумлаҳои зеринро нависед, аломатҳои китобатро дар мавқеаш гузоред ва дар гурӯҳҳо шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 1: Бинобар ин маро лозим аст, ки ҳар шаб баъд аз хуфтан пеши ӯ рафта дар стайёр кунам.(С.А.) Ҳозир соати яки рӯз омадам.(С.А.)

Гурӯҳи 2: Як шаб камин гирифта дар пинҳонӣ нишаста аз он дарича баромадани ӯро нигарон шудааст.(С.А.) Мошин оҳиста-оҳиста гӯё хазида ба фарози Шерон мебаромад.(С.Т.)

Гурӯҳи 3: Падари Ҳотам ҳамчун коргари пешқадами корхона ба осоишгоҳ фиристода шуд.(С.А.)

Гурӯҳи 4: Ман дар хурдсолиам Қуръон барин як китоби калонро бо вуҷуди маъниашро нафаҳмиданам дар ду сол ёд карда будам.(С.А.)

Эзоҳ: Ҳолҳои истисноӣ дар навишт ҳамеша бо вергул ҷудо карда мешаванд. Ҳангоми хондан оҳанги ҷудокунӣ ва таъкиди махсус ба худ мегиранд.

Супориши №2: Ҷумлаҳоро нависед. Ҳолҳои истисноиро муайян кунед ва ба кадом навъи ҳол тааллуқ доштани онҳоро шарҳ диҳед.

1. Шумо, ҳамчун раиси хоҷагии деҳқонӣ, дар ин маҷлис бояд иштирок кунед.(С.А.) 2. Ҳайрат, бо вуҷуди аҳамият надоданаш, ҳама вақт аз шарикдарсонаш пеш буда, ҳар дарсро бо як дидан ва ё шунидан аз худ мекард.(С.А.) 3.Падарам, ба шарти баргашта омадани мо, розигии худро изҳор кардааст.(С.Т.) 4. Вай, бинобар хоҳиши аҳли гузар, ба сабаби қадрдонии падараш, муаззини гузари худашон таъин шуда буд.(С.А.)

Супориши 3: Ҷумлаҳоро бо истифода аз ифодаҳои мувофиқи дар қавс буда пурра кунед ва нависед. Шарҳ диҳед, ки кадом навъи ҳолҳои истисноӣ истифода шудаанд ва чӣ вазифаро иҷро кардаанд.

1.Мирзо ҳар рӯз , … , ҳамроҳи бой ба тиҷоратхонаи ӯ мерафт.(С.А.) 2. Дишаб, … , падарам маро аз меҳмонхона баровард.(С.А.) 3. Вай дарҳол, … , ба касалхонаи ноҳия ба дидани писараш рафт.(Ҷ.И.) 4.Баъд аз инқилоби Бухоро, … , ман дар Бухоро будам (С.А.) 5. Бо рухсати мудири интернат дар яке аз рӯзҳои хушки декабр,… , пиёда ба Қизилтеппа равон гардидам.(С.У.)

• Баррасии кори хонандагон.

(баъди ношто, пас аз маҷлис, баъд аз ош, дар яке аз моҳҳои рамазон, пагоҳон.

Супориши №4: Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки ҷумлаҳои истисноӣ кадом навъи ҳолҳоро шарҳ додаанд. Мавқеъ ва вазифаи аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.

1.Саҳарӣ, вақте ки мо дар хоб будем, нахустин борони оғози тирамоҳ боридааст.(Ф.М.) 2. Шаб, дар вақте ки мардум дар хоб буданд, садои пайдарпайи холӣ шудани чанд милтиқ шунида шуд.(С.А.) 3. Сониҳо, вақте ки ин гуна тасаввури содалавҳонааш ба ёдаш мерасид, ӯ беихтиёр худ ба худ механдид.(Р.Ҷ.) 4. Ӯ дар вақти аз саҳро ба шаҳр омаданаш, ҳангоме ки аз дарёи Зарафшон мегузаштааст, ғарқ шуда талаф гардид.(С.А.)

• Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ;

• Ҷамъбасти мавзӯъ ва арзёбии фаъолияти хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Матне нависед ва дар он ҷойи зистатонро тасвир кунед. Дар матн аз рӯйи имкон аз ҳолҳои истисноӣ истифода баред. Гӯед, ки кадом навъи ҳолҳои истисноиро истифода бурдед. Чаро?

## §60. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ

Боғҳои Исфара

Тамошои боғҳои Исфара ҳамеша ба ман шодию фараҳ мебахшад. Баҳорон онҳо бо рангҳои сафеду гулобӣ ҷилвагарӣ мекунанд ва касро мафтун мегардонанд. Дере намегузараду гулбаргҳо меафтанд ва бо рангҳои мухталиф рӯйи заминро мепӯшанд. Дар шохаҳо ба ҷойи гулҳо ғӯраҳои норасида пайдо мешаванд, онҳо торафт калонтар шуда, навдаю шоххоро сӯи замин хам мекунанд…

Мутахассисон исбот кардаанд, ки дар боғҳои Исфара зардолуе мерӯяд, ки дар ягон гӯшаи ҷаҳон нест. Меваи он аз зардолуи итолиёӣ се баробар зиёд қанд дорад. Дар ин ҷо дарахтони хушнавъ ба шарофати меҳнати чандинасраи селексионерони боистеъдоди халқӣ ба вуҷуд омадаанд. Онҳо хурмоӣ, арзами катта, мирсанҷалӣ, дарвешак, исфарак, бинигорӣ, тошбой, субҳонӣ, тоҷибойи, ғӯлингӣ, луччак ва дигар зардолуҳои машҳури хушнавъро офаридаанд. Дар ин байн навъҳое ҳастанд, ки яке моҳи май, дигаре июл ё охирҳои тирамоҳ мепазанд. Онҳо чун қанд ширин ва ғизои бебаҳоянд.

Хушбахтона, дар Исфара одамоне зиндагию меҳант мекунанд, ки онҳо ёдгори бебаҳои аҷдодонашонро ҳифз ва афзунтар менамоянд.

Я.Налский

## §61. КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ (Дарси 5)

Салоҳиятҳо:

8.2.4. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри аннотатсия, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни аннотатсия, зарурати навиштани аннотатсияро дарк кардан.

Хонанда:

–матни аннотатсияро таҳлил мекунад, тағйиру такмил медиҳад

–аннотатсияҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

–аннотатсия таҳия мекунад.

– Мақсадҳои дидактикӣ:
– ба асарҳои адабиву илмӣ баҳо додан;
– аннотатсияро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;
– аннотатсия таҳия кардан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.185).Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери нутқи айнан нақлшуда хат кашида, ҷой ва аломатҳои китобати онро шарҳ диҳед.

• Ба хонандагон гӯед, ки ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд…………

Кори инфиродӣ. Супориши №1. Диққати хонандагонро ба қироати матни аннотатсияи зерин ҷалб намоед ва гӯед, ки он аз матнҳои дигар бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад. Гӯед, ки метавонанд онро мухтасар карда нависанд?

Гурӯҳи 5: Рустами Ваҳҳоб. Салом.(Маҷмӯаи ашъор) Душанбе, Адиб, 2015, саҳ. 256.

Ин китоб иборат аз ашъоре мебошад, ки дар жанру қолабҳо ва мавзӯъҳои гуногун иншо шудааст. Таърихи таълифи ин ашъор низ аз ибтидои фаолияти адабии муаллиф то имрӯзро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, маҷмӯаи мавриди назар мунтахаботе нисбатан мукаммал аз осори манзуми шоир мебошад.

Васфи арзишҳои муқаддаси башарӣ, миллӣ ва ватанӣ, худшиносии таърихӣ ва фарҳангӣ, пайванди самимона ва меҳрсиришт бо ин арзишҳо ва ин марзу бум мавзӯи аслӣ ва меҳварии ин маҷмӯаро ташкил медиҳад.

Дар баробари тасвирҳо ва тавсифҳои шоирона, ба бархе аз масъалаҳои мубрами дунёи муосир аз зовияи диди шоирона назари таҳлилӣ ва таҳқиқӣ шудааст. Умед аст, ки ин китоб мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва писанди хонандагон гардад.

Супориши №2. Навиштаи худро бо навиштаи ҳамнишастаашон муқоиса намоянд ва ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд:

| Т/р | Намуна | Муваффақият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

Супориши №3. Гӯед, ки доир ба китоби дӯстдоштаашон аннотатсия нависанд. Онро чунон нависанд, ки ҳамсинфонашонро барои хондани ин китоб ҳавасманд гардонанд. Кори ҳамдигарро дар ҷадвал баррасӣ намоянд.

| Т/р | Намуна | Муваффақият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки намунаи аннотатсияе нависанд, ки ҳавасмандиро барои қироати китоб зиёд гардонда тавонад.

## §62. КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ (Дарси 6)

Салоҳиятҳо:

8.2.4. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри аннотатсия, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни аннотатсия, зарурати навиштани аннотатсияро дарк кардан.

Хонанда:

–матни аннотатсияро таҳлил мекунад, тағйиру такмил медиҳад

–аннотатсияҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

–аннотатсия таҳия мекунад.

– Мақсадҳои дидактикӣ:

– ба асарҳои адабиву илмӣ баҳо додан;

– аннотатсияро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;

– аннотатсия таҳия кардан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки намунаи аннотатсияе нависанд, ки ҳавасмандиро барои қироати китоб зиёд гардонда тавонад.

Барои муайян кардани сатҳи кори худ ба кори ҳампартаашон назар кунанд. Хулосаи худро дар ҷадвал баррасӣ намоянд ва баҳои сазоворро аз тарафи омӯзгор соҳиб шаванд.

| Т/р | Намуна | Муваффақият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

• Муаррифии корҳо;

• Саволу супориш доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1.Аъзои истисноии ҷумла гуфта, чиро мефаҳмед?

2.Баёнияи истисноӣ чист?

3.Доир ба ҳолҳои истисноӣ ҷумла оред ва мавқеи аломатҳои китобатро дар он шарҳ диҳед.

Супориши №1. Гӯед, ки матнро хонанд ва ба сохтори он диққат диҳанд. Доир ба ягон асари илмӣ – оммавии дар дастдошта аннотатсия нависанд.

Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 2 ҷилд (Тарт: В.П. Осмакова, Р. Ғаффоров. Ҳайати таҳр.: М. Турсунзода, М. Осимӣ, А. Маниёзов ва дигарон).

Душанбе, «Ирфон», 1980. Ҷилди 2. Забоншиносӣ, 352 саҳ.

Дар ҷилди дуюми асарҳои мунтахаби забон ва адабиётшиноси машҳури тоҷик – Н. Маъсумӣ рисола ва мақолаҳои ӯ доир ба ду давраи инкишофи забони адабии тоҷик –давраи пеш аз Револютсияи Октябр ва пас аз он, инчунин мақолаҳои алоҳидаи ӯ дар бобати баъзе масъалаҳои маданияти нутқ фароҳам омадаанд. Як қисми материалҳои ин китоб ҳангоми дар қайди ҳаёт будани муаллиф ба табъ расиданд, қисми дигари онҳо аввалин бор манзури хонанда мегардад.

Супориши №2. Хонандагонро водор намоед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки кадом нуктаҳои он ба онҳо маъқул шуд ва кадомаш писанд наомад.

Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ.

Муҳаррир: доктори илмҳои филология, профессор Сабзаев С.

Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ аз аввалин манбаи мукаммали истилоҳоти забоншиносии тоҷик ба шумор меравад, ки истилоҳоти илмии муҳимтаринро, ки ба даврони гуногуни таърихӣ мансубанд, фаро мегирад. Ҳар як истилоҳоти овардашуда бо назардошти мазмун ва хусусиятҳои корбурдиаш дар забоншиносии муосир ва бо такя ба манобеи илмиву амалӣ мавриди тавзеҳу тафсир қарор гирифтааст. Фарҳанги мазкур барои олимони риштаи забоншиносиву адабиётшиносӣ, омӯзгорон ва донишомӯзону ҳаводорони илми забон ва доираи васеи хонандагон пешбинӣ мешавад.

• Хулосаи худро дар ҷадвал ифода кунанд:

| Намуна | Муваффақият | Камбудӣ |
|---|---|---|
| | | |

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо назардошти маълумоти ба дастоварда доир ба ягон асари илмӣ аннотатсия нависанд.

## XII.НУТҚИ АЙНАН ВА МАЗМУНАН НАҚЛШУДА
## §63. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МАХСУСИЯТИ НУТҚИ АЙНАН ВА МАЗМУНАН НАҚЛШУДА

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро бештар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба аъзои истисноӣ, аз ҷумла ҳолҳои истисноӣ маълумоти бештар мегирад;

– Бо истифода аз ҳолҳои истисноӣ ҷумлаҳо тратиб додан;

– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Матне нависед ва дар он ҷойи зистатонро тасвир кунед. Дар матн аз рӯйи имкон аз ҳолҳои истисноӣ истифода баред. Гӯед, ки кадом навъи ҳолҳои истисноиро истифода бурдед. Чаро?

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

Баёни мавзӯи нав. Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Маълумот дар бораи махсусияти нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда

Ангезиши зеҳн ба тариқи муқоиса. Иҷрои машқи 1 (саҳ.182). Хонандагонро водор намоед, ки ҷумлаҳои ҳарду сутунро хонанд ва муқоиса кунанд. Гӯянд, ки чӣ фарқро пай бурданд?

| | |
|---|---|
| Шикорчиён гуфтанд: «Дар ҷангалзори наздик сайдҳои гуногуни зиёде дида мешавад». Яке аз шикорчиён гуфт: «Дар ҷангалзор бузҳои кӯҳӣ фаровон аст». Ӯ пешниҳод кард: «Худи пагоҳ ба шикори мурғи даштӣ равед». | Шикорчиён гуфтанд, ки дар ҷангалзори наздик сайдҳои гуногуни зиёде дида мешавад. Яке аз шикорчиён гуфт, ки гӯё дар ҷангалзор бузҳои кӯҳӣ фаровон будааст. Ӯ пешниҳод кард, ки мо худи пагоҳ барои шикори мурғи даштӣ мерафтем. |

Супориши №1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.183). Гӯед, ки бо риояи оҳанг возеҳ хонанд ва ба нутқи айнан нақлшуда ва мазмунан нақлшуда диққат диҳанд. Дар кадоме аз ин ҷумлаҳо оҳанги таъкид ва шарҳдиҳиро ҳис карданд, шарҳ диҳанд.

Шарҳи назариявии мавзӯъ аз тарафи омӯзгор.

Супориши №1: Иҷрои машқи 1 (саҳ.183). Бо ёдоварӣ аз донишҳоии пешина аломатҳои китобатро дар ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшуда шарҳ диҳед. Ҳангоми шарҳ додан ба нақша такя кунед. С.М. – сухани муаллифро мефаҳмонад.

Кори инфиродӣ. Супориши №1. Иҷрои машқи 3 (саҳ.184). Ҷумлаҳоро хонед ва муайян кунед, ки ба кадом нақшаҳо тааллуқ доранд. Аз рӯйи тартиби нақшаҳо ҷумлаҳоро нависед.

Кор дар қаторҳо. Супориши №2. Диққати хонандагонро ба иҷрои машқҳои марбута ҷалб намоед.

Қатори 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.184). Мисраъҳои дар поён овардашуда аз кадом шоиронанд? Пас аз муайян кардани муаллифони онҳо ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки нутқи айнан нақлшуда ҳам баъди сухани муаллиф ва ҳам пеш аз он омада бошад.

. Қатори 2: Иҷрои машқи 5 (саҳ.185). Ҷумлаҳои зерро ба нутқи айнан нақлшуда баргардонед ва гӯед,ки чӣ тағйирот рух дод.

Қатори 3: Иҷрои машқи 6 (саҳ.185). Матнро хонед ва маънидод кунед. Ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшудадорро аниқ сохта шарҳ диҳед.

- Муаррифии кори гурӯҳҳо.
- Саволҳо доир ба мавзӯъ;
- Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 4 (саҳ.185).Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери нутқи айнан нақлшуда хат кашида, ҷой ва аломатҳои китобати онро шарҳ диҳед.

## §64. НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА. МУКОЛАМА ЯК НАВЪИ НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

Салоҳиятҳо:

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

– нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;
– дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;
– мавриди истифодаи аломатҳои китобатро бештар меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

–Доир ба нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда маълумоти бештар гирифтан;
–Бо нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда мисол оварда тавонистан;
– Муколама тартиб дода тавонистан;
– Мавриди истифодаи аломатҳои китобатро донистан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо назардошти маълумоти ба дастоварда доир ба ягон асари илмӣ аннотатсия нависанд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

III. Баёни мавзӯи нав. Нутқи мазмунан нақлшуда. Муколама як навъи нутқи айнан нақлшуда

Саволу ҷавоб

Шарҳи назариявии мавзӯъ. Иҷрои машқҳо.

Иҷрои машқи 1 (саҳ.186). Диққати хонандагонро ба талаби машқ равона созед. Муайян кунанд, ки дар кадоме аз ҷумлаҳо нутқ мазмунан баён шудааст. Фарқи ҷумлаҳоеро, ки бо калимаҳои ки, гӯё, чӣ қадар алоқаманд шудаанд, шарҳ диҳанд.

Кор дар қаторҳо. Супориши №1: Диққати хонандагонро ба иҷрои машқҳои марбута ҷалб намоед.

Қатори 1: Иҷрои машқи 2 (саҳ.187). Суратмаҷлис (протокол)-ро хонед. Қисмҳои онро муайян созед. Гӯед, ки чаро дар он нутқ асосан мазмунан оварда шудааст. Кадом феълҳо дар он бештар истифода гаштаанд?

Қатори 2: Иҷрои машқи 2 (саҳ.188). Ҳикояро хонед ва нутқи айнанро ёфта шарҳ диҳед. Ҷумлаи охирро ба мазмунан баргардонед. Чаро нависанда бештар аз нутқи айнан истифода бурдааст?

Қатори 3: Иҷрои машқи 4 (саҳ.189). Порчаро хонед ва ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшудадоштаро ёфта шарҳ диҳед. Ҷумлаҳои якум ва дуюмро ба мазмунан нақлшуда баргардонед.

Супориши №2: Ҷумлае нависед, ки нутқи айнан нақлшуда дошта бошад, онро ба нутқи мазмунан нақлшуда баргардонед.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.
• Саволҳо доир ба мавзӯъ;
• Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Гӯед, ки 3 ҷумла барои нутқи айнан ва 3 ҷумла барои нутқи мазмунан нақлшуда нависанд.

## §65. КОР БО МАТНИ ТАҚРИЗ (Дарси 3)

Салоҳиятҳо:

8.2.6. Дарк, баҳодиҳӣ ба матни тақриз, зарурат ва мавриди истифодаи тақризро донистан, ба ягон асар тақриз навиштанро омӯхтан.

Хонанда:

–матни тақризро таҳлил мекунад, сохтори онро мегӯяд;
–тақризҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
–ба корҳои эҷодии ҳамсинфон ва асарҳои бадеӣ тақриз навиштанро меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Тақризро аз дигар жанрҳои адабӣ фарқ карда тавонистан;
– Тақриз навиштан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

Пурсиши вазифаи хонагӣ. Гӯед, ки 3 ҷумла барои нутқи айнан ва 3 ҷумла барои нутқи мазмунан нақлшуда нависанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни тақриз

Шарҳи омӯзгор

Супориши №1. Гӯед, ки тақризи С.Набиеваро ба маводи методии «Аёният дар таълими грамматикаи забони тоҷикӣ» (Душанбе-2016, 84 саҳ.) бонавбат хонанд ва хулосаашонро нависанд.

Дар бораи дастовардҳои соҳаи маориф дар даҳсолаи охири давраи истиқлолият сухан гуфта, наметавонем аз пешравиҳои фаъолияти омӯзгорон дар иртибот бо дастрасӣ ба маводи методӣ чашм пӯшем. Дар ин самт иқдоми Вазорати маориф ва илм ва идораҳои марбутаи он бо ҷалби мутахассисону коршиносони ҳирфаӣ шоистаи таҳсинанд. Роҳбарияти вазорат пайваста мекӯшад аз ин ҷиҳат талаботи омӯзгоронро ба инобат гирифта, маводеро ба онҳо пешниҳод намояд, ки, воқеан, дархӯри кори эшон шуда тавонанд. Аз тарафи мутахассисон пешниҳод шудани дастуру тавсияҳои методӣ ба хотири фарогирии омӯзгорон бо маводи иловагии омӯзишӣ дар чанд соли охир аз ҷумлаи чунин кӯшишҳост.

Мутахассисони соҳибтаҷриба Тошбоева З.Р., Бойбобоева С. бар асоси мушоҳидаҳо талаботи омӯзгоронро ба воситаҳои аёнӣ дар таълими мавзӯъҳои грамматикии забони тоҷикӣ омӯхта, ин дастурро омода намудаанд. Албатта, гуфта наметавонем, ки ин дастур ба пуррагӣ кори нав аст. Зеро мавҷудияти чунин воситаҳо дар баъзе мавридҳо далели он аст, ки гоҳо баъзе шахсони алоҳида ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Аммо коре, ки ин мутахассисон омода намудаанд, дар ҳақиқат, маводи хуби иловагӣ буда, дастрасиро ба таълиму омӯзиши забони тоҷикӣ бештар мегардонад.

Дастури мазкур дар робита ба паҳлуҳои гуногуни се қисмати грамматика – фонетика (овошиносӣ), морфология (сарф) ва синтаксис (наҳв) намунаи воситаҳои аёниро фаро гирифтааст.

Имрӯз, ки дар имлои забони тоҷикӣ нофаҳмиҳои зиёд ҷой дошта, меъёри ягона ё вуҷуд надорад ва ё вуҷуд дораду риоя намегардад, пешниҳоди чунин дастур айни муддаост. Фаразан, танҳо дар имлои «ӯ» ва «у» дар матбуоти имрӯз чанд соли охир гуногунбаёнӣ чунон афзуд, ки омӯзгорон ба шогирдонашон чӣ гуфтану чӣ навиштанро таълим дода наметавонанд. Аз ин ҷиҳат пешниҳоди муаллифон бо овардани мисолҳо дар мавридҳои гуногун, аз ҷумла, имлои ҳарфи «ӯ» пеш аз ҳарфҳои «ҳ», «ъ», шинохтани мавқеи «ӯ» ва «ӣ», ъ дар калима, умумият ва фарқи калимаҳо (байни садонокҳои «у» ва «ӯ»), умумият ва фарқи калимаҳо (бо ҳамсадои «ъ» (сакта)), имлои д, т, ҳ, ташдид дар муқоиса (гуфтан ва навиштан) кори омӯзгоронро дар таълим хеле осон мегардонад.

Дар анҷоми боби «Фонетика» намунаи таҳлили фонетикии калима ва ҳиҷо бо хусусиятҳояш (бо се ва зиёда ҳамсадо ба охир намерасад, бо ду ва зиёда ҳамсадо сар намешавад, як ҳамсадо ҳиҷо шуда наметавонад, як садонок ҳам ҳиҷо шуда метавонад, аз се ҳамсадо ва як садонок ҳиҷо сохта мешавад) фаҳмо ва ҷолиб оварда шудаанд.

Дар боби «Морфология» мураттибон дар бораи тамоми ҳиссаҳои нутқ ва аломатҳои морфологии онҳо (ҳам дар бораи сохту ҳам дар бораи имлои ҳар кадом) тавассути нақша иттилои равшан додаанд. Дар баёну ифодаи тамоми ҳиссаҳои нутқ, хоҳ мустақилмаъно ва хоҳ ёридиҳанда, омӯзгор метавонад аз ин дастур тавсия гирад. Мураттибон дар шарҳи синтаксис ҳам бетаваҷҷуҳ нашуда, дар такя бо барномаи мактабӣ (на академӣ) намунаи нақшаҳои омӯзиширо омода намудаанд, ки истифода аз ҳар кадом ба рушду пешравии таълими забони тоҷикӣ манфиати зиёд меоварад. Умуман, мураттибон бо пешниҳоди чунин мавод ба муҳимтарин мавзӯъҳои таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бештар аҳаамият додаанд.

Кори омӯзгор, хусусан, дар даврае ки таваҷҷуҳ ба таълими салоҳиятнок меафзояд, бо дастрас гардидани чунин мавод хеле осон ва ҳам самарманд мегардад. Тавассути чунин нақшаҳо ба фаъолияти омӯзгорону хонандагон ба чанд тариқа мумкин аст таъсир расонд.

Аввалан, омӯзгорон бо дастрас намудани ин мавод аз мушкили норасоии аёният дар дарс озод мешаванд, сониян, он метавонад омӯзгоронро барои ташкил намудани дарси шавқовар руҳбаланд намояд.

Аз тарафи дигар, имконияти дар хонандагон малакаи аз нақша ҷумла сохтан ва баръакс, пайдо мешавад, ки ин ҳолат барои ташаккули эҷодкорӣ, инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагон омили беҳтарин аст.

Хулоса, «Аёният дар таълими грамматикаи забони тоҷикӣ» туҳфаи хубе дар арафаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, умед аст дар болоравии сифати таҳсилот дар таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсири дилхоҳ мерасонад.

**Супориши №2. Гӯед, ки тақризро ба китоби Ҳомид Маҷидов. «Системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷик» -Душанбе: «Деваштич», 2006. -406с. (ба забони русӣ) хонанд ва ба тартиби ифодаи фикр ва мазмуни он аҳамият диҳанд.**

**Сеҳркушои гули сухан**

Профессор Ҳомид Маҷидов, ки соли равон ба синни мубораки 80 қадам мегузорад, аз ҷумлаи забоншиносони нозукбину дақиқбаёну тозагӯй ва навҷӯю навоваранд ва дар таҳқиқи масъалаҳои фразеологияи тоҷик нақши мондагор доранд.

Дар натиҷаи заҳматҳои зиёди ҷӯяндагӣ профессор Ҳомид Маҷидов марворидҳои зиёди сухан, аз ҷумла, воҳидҳои фразеологиро ҷамъ оварда, аз рӯйи сохту қолаб, шаклу намуд, маъноҳои аслию маҷозӣ, тобишҳои эҳсосию муассириашон ва вазифаҳои грамматикию услубиашон ба хелҳои ба ҳам алоқаманд ҷудо намуда, ба як расани ногусастанӣ кашида, тартиби ба ҳам алоқаманди воҳидҳои фразеологиро муқаррар намудаанд, ки имрӯз, хушбахтона, ҳамчун асари бунёдӣ, кашфиёти навин, ҳамчун сеҳркушои гули сухану сухани гавҳарогин бо унвони «Системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷик» дастраси хонандагони бешуморе гаштааст ва китоби руйимизию роҳнамои муҳаққиқони соҳаи фразеология мебошад.

Асари мазкур аз сарсухан, муқаддима, панҷ боби асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳар яке аз ин бобҳо боз ба фаслҳои алоҳида ҷудо мешавад.

Дар муқаддимаи он дараҷаю давраҳои омӯзиш ва сарчашмаҳои пайдоишу гирдоварии воҳидҳои фразеологӣ ва равиши таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ бо далелу таҳлилҳои амиқи илмӣ баррасӣ шудааст.

Муаллифи асар мулоҳизаҳои мухталифи забоншиносонро вобаста ба масъалаи мазкур дар боби якум — «Системаи фразеологӣ дар қатори системаҳои дигари забонӣ» оварда таъкиду таҳлил намуда, андешаю хулосаҳои ҷолиб баён мекунад. Ҳомид Маҷидов қайд менамояд, ки воҳидҳои фразеологии забон ҳамчун воҳидҳои дигари забон дорои хусусиятҳои сохториву маъноии муайян мебошанд. Ҳамчунин, таъкид менамояд, ки маҷмӯи воҳидҳои фразеологӣ, гунаҳои ҳархелаи онҳо, тағйирёбиҳо ва қоидаҳои ба ҳамдигар пайвастшавии онҳо системаи фразеологии забонро ташкил медиҳанд. Тибқи иқтибосу далелҳои овардаи муаллиф, таҳти мафҳуми «система» бутунии ҳодиса ва ё объекти аз ҷузъҳои бо ҳам алоқмманд иборатбуда фаҳмида мешавад. Илова ба ин, муаллифи асар таъкид менамояд, ки на ҳар як объект система шуда метавонад, балки объекти банизомдаровардашудаеро, ки дорои унсурҳои бо ҳам алоқаманданд, система шуморидан мумкин аст.

Ҳамин тарз, профессор Ҳомид Маҷидов дар боби мазкур моҳияти система, хусусиятҳои системаи забон ва системаи фразеологиро бо далелҳои раднопазир ошкор намуда, ба чунин хулоса меояд: Системаи фразеологӣ, ки аз маҷмӯи ниҳоят калони воҳидҳои фразеологӣ, гунаҳои онҳо иборат аст, бо хусусиятҳои сохтории худ дар қатори дигар системаҳои забон мақоми муайянеро ишғол менамояд.

Боби дуюм таҳти унвони «Хусусиятҳои категориявии воҳидҳои фразеологӣ» ба масъалаҳои баҳсноки омӯхтанашудаи аломати фразеологӣ, семантикаи фразеологӣ, шаклҳои грамматикии фразеологӣ бахшида шудааст, ки онҳо барои ҳамаҷиҳата

шинохта тавонистани фразеологизмҳо аҳамияти ниҳоят муҳим доранд. Муаллиф дар бобати аломати забон ва аломати фразеологӣ мулоҳизаҳои мухталифи забоншиносони ватанӣ ва хориҷиро хотирнишон намуда, ҷавобан ба онҳо андешаҳои худро низ қайд менамояд.

Боби сеюми асар ба таҳқики бевоситаи ҷумлаҳои фразеологӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ бо мақсади муайяну муқаррар намудани хосияту нишонаҳои асосии ҷумлаҳои фразеологӣ андешаҳои баҳсноки чанде аз забоншиносони соҳаи фразеологияро хотирнишон намуда, дар муқоиса бо категорияҳои грамматикии ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ хусусиятҳои хоси фарққунандаи ҷумлаҳои фразеологиро таъкид менамояд.

Дар боби чоруми рисола ибораҳои фразеологӣ мавриди тадқику таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти хеле ҷиддӣ хелҳо ва хусусиятҳои хоси ибораҳои фразеологии феълӣ (дар як чашм пӯшида кушодан; дандон ба дандон мондан); ибораҳои фразеологии субстантивӣ, яъне исмгардида (мурғи марҷон, оби ҳайвон, як даста, чаҳор ишкел); ибораҳои фразеологии адъективӣ (тунди халахӯр, қобили қабул, аз дунё бехабар, аз ҳад зиёд, гӯр барин торик) муқаррар гардидаанд, ки ҳар кадоми онҳо фаслҳои алоҳидаи боби мазкурро ташкил додаанд.

Дар боби панҷуми асар таркибҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ бо тамоми хелҳои луғавию сохториаш, ба монанди таркибҳои ҷуфти фразеологӣ (шакку шубҳа, тару тоза, гаштаю баргашта, дилу гурда); таркибҳои фразеологии такрор (касу нокас, гап- гап, омад-омад, ҷо ба ҷо, қад-қади, рӯ рӯйи); хелҳои таркибҳои фразеологии такрор: а) таркибҳои фразеологии ҷуфту такрор (ошхуру обхӯр, нимхобу нимбедор, даркору нодаркор); б) таркибҳои фразеологии сирф такрор (дарун-дарун, даста-даста, рафта-рафта, омад-омад); в) таркибҳои фразеологии пешояндиву такрор (рӯ ба рӯ, тан ба тан, сар то сар, ҷо ба ҷо, нав ба нав, худ ба худ) ва таркибҳои фразеологии сирф пешояндӣ (бо сад мақом, ба ҳар ҳол, дар айни ҳол, бе дасту по, аз дилу ҷон) бо тобишҳои басо рангину мисолу далелҳои қавӣ баррасӣ шудаанд.

Солеҳҷон Собирҷонов

**Супориши №3. Ба хонандагон гӯед, ки тақризи зеринро дар муқоиса бо матнҳои боло хонанд ва хулосаашонро нависанд.**

**Китоби дарсӣ бояд мукаммал бошад**

Банда ҳамчун омӯзгори собиқадор мехоҳам оид ба ҳусну қубҳи китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 11 (соли нашр 2015, муаллифон Худойназар Асозода ва Аламхон Кӯчаров) ибрози ақида намоям.

Ороиши китоб хуб ва мундариҷааш ба барномаи таълимӣ ҷавобгӯ аст. Ногуфта намонад, ки китоб бо вуҷуди муваффақиятҳо аз камбудиҳо орӣ нест. Агар воқеъбинона назар кунем, дар китоб омӯзиши эҷодиёти ягон адиби ҷавон дида намешавад. Ҳамаи адибони омӯхта мешудагӣ, ғайр аз Ф.Муҳаммадиев, ки ӯ ҳам, мутаассифона, дар қайди ҳаёт нест, аз устод С.Улуғзода сар карда, то Абдулҳамид Самад синну солашон аз 70 боло аст. Вале ҳайратовар он аст, ки сурати адибон дар китоб ҷавон ба назар мерасад. Масалан, устод С.Улуғзода 86 сол умр дидаасту дар акс ба ҷавони 30-35- сола монанд аст. Ҳамин тавр, адиби шинохта ва сермаҳсул Ҷ.Икромӣ дар 84-солагӣ фавтида, дар расми китоб ҷавони 35-40-соларо мемонад. Адибон М.Миршакар, Р.Ҷалил, М.Қаноат, Б.Собир, М.Бахтӣ, Гулназар, Абдулҳамид Самад симои ҷавон доранд. Шоири шинохта Гулназар Келдӣ дар сурати китоб бо кепка омадааст.

Дигар ин ки дар китоби зикршуда тартиби хронологии ҷойгиркунии адибон низ риоя нашудааст. Масалан, шоири ҷанговари тоҷик Ҳ.Юсуфӣ бояд баъди адибон М.Турсунзода, М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода ва Р.Ҷалил омӯхта шавад, на пеш аз онҳо.

Эроди дигари мо дар қисматгузории «Адабиёти даври истиқлолият» аст. Ин гурӯҳи адибон эҷодиёти хешро на дар давраи истиқлолият, балки солҳои пеш сар карда, баъди солҳои 90-ум аллакай адибони баркамол буданд. Масалан, Меҳмон Бахтӣ,

Гулназар, Абдулҳамид Самад солҳои 1960 — 1980-уми қарни гузашта ба арсаи адабиёти тоҷик қадам мондаанд. Бинобар ин, адибонро адибони даврони истиқлолият номгузорӣ намудан нашояд. Умуман, ҳамин гуна номгузорӣ зарурат надорад.

Хуб аст, ки солҳои охир муаллифони китобҳои дарсӣ иқдоми наве ба роҳ монда, барои осон ва беҳтар гардидани таълими мавзӯъҳо аз тестҳо истифода мебаранд. Беҳтар мебуд, агар тестҳои додашуда на дар охири мавзӯъҳо, балки дар охири китоби дарсӣ оварда шаванд.

Инчунин, тайи солҳои охир ҳам дар барномаҳои таълимӣ ва ҳам дар китобҳои дарсӣ сарбории шогирдон зиёд шуда истодааст, ки ин кори таълимро душвор мегардонад ва мавзӯъҳо сарсарӣ омӯхта мешаванд. Муаллифони китобу барномаҳо набояд фаромӯш кунанд, ки мактаб шогирди адабиётшинос не, балки адабиётдӯст тайёр мекунад. Шарт нест, ки хонандаи мактаб ҳама чизро ба пуррагӣ омӯзаду донад. Китоби адабиёт, ки зикраш ин ҷо рафта истодааст, 30 мавзӯи калон ва мавзӯъчаҳоро дар бар гирифта, аз 400 саҳифа иборат аст. Дар ҳоле ки дар барнома барои омӯзиши ин мавзӯъҳо 88 соат ҷудо карда шудааст ва бояд хонанда дар як соати дарсӣ камаш маводи 5 саҳифаро омӯзад. Хулоса, муаллифони барнома ва китобҳои дарсӣ тайи солҳои охир аз мактабу омӯзгорон дур монда, дар пайи ҷустуҷӯву пайдо намудани маълумоти наву пурра оид ба ҳаёту фаъолияти адибон нестанд. Ба он чӣ ки дар даст доранд, қаноат мекунанд. Эшонро мебояд, ки робитаҳои зичи ҳамкориро бо мактабу омӯзгорони пешқадам ва собиқаи тӯлонии коридошта беҳтар ба роҳ монанд, ки оянда чунин камбудиҳо ба миён наоянд.

Шарифҷон Раҳимзода

• Хулосаашонро дар ҷадвал нависанд:

| Р/т | Мазмун | Комёбӣ | Норасоӣ |
|---|---|---|---|
| №1 | | | |
| №2 | | | |

Кор дар қаторҳо. Супориши №3: Хонандагонро ба дарки мавзӯъ ҷалб намоед, матнҳои зеринро хонанд, гӯянд, ки онҳо ба кадом жанр тааллуқ доранд ва чаро оварда шудаанд.

Қатори 1:

“Гулистон”-и осонфаҳм

Дар толори фарҳангии Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи Садриддин Айнӣ маҳфили муаррифии китоби “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ баргузор гашт. Таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Боймурод Шарифзода (декани факултаи филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) чунин гуфт:

-“Гулистон”-и Шайх Муслиҳиддини Саъдии Шерозӣ яке аз пурмазмунтарин осори адабию ахлоқии тамаддуни башарӣ маҳсуб мешавад. Ин китоб дар тӯли садсолаҳо ҳамчун дастури муфиди роҳнамо ҳамвора мавриди истифодаи ҷомеаҳои илмию адабӣ ва ҳавзаҳои ахлоқию тарбиятӣ будааст. Осори Саъдӣ, аз ҷумла “Гулистон” дар Тоҷикистон аз соли 1956 то ба имрӯз чанд маротиба мунташир шудааст. “Шарҳи “Гулистон”-и Обид Шукурзода ва “Гулистон”-и навин”-и Мулло Маъруфҷони Истаравшанӣ аз қабили онҳоянд. Ҳамаи муҳаққиқони соҳаи адабиёт шеваи баёни Саъдиро содаву равон муаррифӣ кардаанд. Шояд барои онҳое, ки аз забони арабӣ огоҳӣ доранд, насри Саъдӣ бо қиёс бо насри дигар нависандагони адабиёти асримиёнагӣ содатар намояд. Аммо барои аксарияти хонандаи муосири тоҷик, ки аз забони арабӣ бебаҳраанд, имрӯз ҳам аксари луғоту таркиботи Саъдӣ номафҳум аст. Аз ин рӯ, мо лозим донистем барои донишҷӯён, ки “Гулистон” бояд китоби рӯимизии онҳо бошад, онро дар шакле нашр намоем, ки хонанда дар ҷустани луғоту таркибот ранҷ набарад. Дар таҳияи китоби мазкур донишмандону устодон шоир Рустами Ваҳҳоб,

адабиётшинос Мубашири Акбарзод ва дигарон ба банда ёрӣ расонданд, ки аз ҳамаашон миннатдорам.

Бояд гуфт, ки китоби “Гулистон”-и Саъдӣ барои донишҷӯёни макотиби олии кишвар пешбинӣ шудааст.

Дилафрӯз Қурбонӣ

Қатори 2:

**Эҳтироми забон эҳтироми модар аст**

Китоби «Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон» бо теъдоди ҳазор нусха рӯйи чоп омад. Мураттиб Зафар Шералӣ Сайидзода дар пешгуфтори китоб чунин овардааст:

«…Забони тоҷикӣ аз замонаҳои қадим ба мо расидааст. Ҳар кас ки таърихро хуб хонда бошад, медонад, ки чӣ хуни дилҳо барои нигоҳдории ин ёдгории бузург рехта шуда… Агар ниёгони барӯманди мо ин забони латифу зеборо аз кӯраи озмоишҳои басе сахт бегазанд берун намеоварданд, аз лафзи шевову дилпазири модариамон чизе намемонд…

Ба ҳамин манзур аст, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон доимо ва такрор ба такрор ҳамватанон, пеш аз ҳама, насли ҷавонро даъват мекунад, ки фарҳанги ғании гузаштаи миллати худро хуб омӯзанд, аз мероси гаронбаҳои шоирону мутафаккирони асрҳои пешин баҳрабардорӣ намоянд…»

Ин китоб гулчине аз суханҳои ҳикматомӯз, роҳнамоиҳои хирадмандона ва фармудаҳои дилсӯзонаи Президент Эмомалӣ Раҳмон бобати омӯхтан, гиромӣ доштан, ҳифз намудани забони тоҷикӣ ва афзудан ба қудрату тавоноии он аст.

Суханҳои ҳикматомӯз, афкору андешаҳои пурҷавҳар ва нуктаҳои волои сарвари давлат ба тамоми тоҷикистониён ҳамчун дастури раҳнамо хидмат хоҳанд кард.

Китоб барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

Амит «Ховар»

Қатори 3:

**«Инсони комил ва олими фозил»**

Нашриёти «Бухоро» китоби устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатбек Хоҷаев «Инсони комил ва олими фозил»-ро бо теъдоди 200 нусха аз чоп баровард. Китоби мазкур ба ҳаёт ва фаъолияти донишманди тоҷик Додоҷон Тоҷиев бахшида шуда, мақолаҳои муаллифро, ки давоми 15 соли охир таълиф гардидаанд, дар бар мегирад. Дар китоб, ҳамчунин, хотироту навиштаҳои донишмандону олимони дохилу хориҷи кишвар, аз қабили Михаил Боголюбов, Абдуқодир Маниёзов, Алӣ Furобоҷон, Мукаррама Қосимова, Маҳмадулло Лутфуллоев, Раззоқ Ғаффоров, Раҳими Мусулмониён, Баҳриддин Камолиддинов, Худойназар Асозода, Собирҷон Ҳошимов, Пайванд Гулмуродзода, Абдуғаффор Ҷӯраев, ки саҳми ин донишманди фарзонаро дар рушди илми забоншиносии тоҷик нишон медиҳанд, ҷой дода шудааст.

Эҳсони Хушбахт

Қатори 4:

**Барги сабзи наврӯзӣ**

Бо ибтикори ҳафтаномаи «Омӯзгор» дар арафаи ҷашни Наврӯзи ҷаҳонафрӯз китобе бо номи «Наврӯз мерасад боз» ба нашр расида, ҳамчун барги сабзи наврӯзӣ дастраси хонандагон гашт. Ин китоб аз ду бахш - «Мадеҳаи Наврӯз» ва «Наврӯзи «Омӯзгор» таркиб ёфтааст. Бахши аввал фарогири беҳтарин мақолаҳои илмии оммавӣ дар ситоиши Наврӯз ва асолату моҳияти он мебошад. Ин нигоштаҳо ба қалами олимон, сиёсатмадорон ва адибони маъруф К.Олимов, Н.Саид, К.Насрулло, М.Ҳазратқулов, Р.Аҳмад, Р.Ваххобзода, Х.Зиёев, А.Раҳим, М.Саломов ва Ҷ.Холов мутааллиқанд ва муҳтавоманду маърифатбахшанд. Бахши дуюми китоб силсилаи мақолаҳои кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор»-ро дар бар мегирад, ки ҳама навоварона, бо сабку услуби хос эҷод шудаанд ва бозгӯи муҳаббати самимии аҳли қалам нисбат ба ҷашни хуҷастаи миллат мебошанд.

Дар китоб, ҳамчунин, як силсила шеърҳои наврӯзии адибони муосири тоҷик ҷой дода шудааст, ки ин ба боз ҳам фарогиртару мукаммалтар гардидани он мусоидат кардааст.

«Наврӯз мерасад боз» наврӯзномаи адабиёти тоҷикро боз ҳам такмил хоҳад бахшид.

М.Абдурауф

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

•Савол ва супориш:

1.Хабар аз тақриз чӣ фарқ дорад?

2.Шумо ҳам мисли хабари боло хабари чопи ягон китобро таҳия намоед.

3. Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки матни «Роҳнамое дар шинохти «Раҳбари дониш»-ро хонанд ва дар тақлид ба он ба ягон китоби илмӣ тақриз нависанд.

Роҳнамое дар шинохти «Раҳбари дониш»

Солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба таърихи матбуоти тоҷик, ки нашрияҳои соҳаи маориф ҷузъи муҳимтарини он ба ҳисоб меравaнд, зиёд шудааст. Ин падидаи хушоянд аз маърифатпарвар гаштани ҷомеа дарак медиҳад. Ҷиҳати назарраси чунин таҳқиқот дар заминаи баррасии мавзӯю мундариҷаи саҳифаҳои матбуот ба миён гузоштан ва нишон додани роҳи ҳалли баъзе масъалаҳои имрӯзаи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Яъне пажӯҳишгарон зимни таҳлили мушкилоти мубрами даврaи муайян, ки аз мундариҷаи матбуоти пешин бармеояд, ба хулоса меоянд, ки он дар ҳалли мушкилоти ҳозир низ нақш дошта метавонад, бо ҳамин пайванди дирӯз ва имрӯз барқарор гашта, таҷрибаи гузаштагон мавриди истифода қарор мегирад.

Яке аз чунин асарҳое, ки дар арафаи рӯзи матбуот ба дасти мо расид, таҳқиқоти Хуршед Андамов дар бораи яке аз нахустин нашрияҳои соҳаи маорифи тоҷик – маҷаллаи «Раҳбари дониш» («Маърифати омӯзгор»-и мо) аст, ки моҳи августи соли равон 90-сола мешавад. Асар аз муқаддима ва чор боб иборат аст. Дар боби аввал, ки оид ба заминаҳои пайдоиш ва ташаккули маҷалла нақл мекунад, қайд мешавад, ки нашрия дар моҳи августи соли 1927 ҳамчун маҷмуаи илмию адабӣ ташкил ёфта, чуноне ки аз забони яке аз маърифатпарварони нахустини тоҷик Раҳим Ҳошим зикр шудааст, «масъалаи ташкили журнал… аз рӯзи аввали таъсиси республика дар назди арбобони маориф ва матбуоти тоҷик меистод. Ба чунин журнале талабот торафт зиёд мешуд, шумораи рӯз ба рӯз афзояндаи муаллимон, кормандони соҳаи маданият ва матбуот барои пеш бурдани дониши худ ва барои ба миён гузоштани масъалаҳои муҳимми ҳаёти маданӣ ва адабӣ ба чунин журнал ташна буданд». Муҳаққиқ заҳмати ташаббускорон ва дастандаркорони маҷалларо ба некӣ ёд овардааст, дар ҳақиқат онҳо дар шароити душвори моддӣ ва ҳатто маънавӣ, ки тамоми имкониятҳо дар дасти ашхос ва ҷумҳурии дигар буд, тавонистанд аввал дар Самарқанд ва баъд дар Тошканд чунин як нашрияи муҳимро ба чоп расонанд. Исботи ин миннатдории раиси Шӯрои комиссарони халқи Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон Абдуқодир Муҳиддинов аз чопи маҷалла буда метавонад. Ногуфта намонад, ки то ҳол дар бораи саҳми ин шахс дар ташкили маҷалла маълумоти аниқ надошта бошем ҳам, аз он ки навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро дар ҳамин солҳо мавсуф ба устод Садриддин Айнӣ супорид, тахмин кардан мумкин аст, ки фикри барқарор кардани маҷаллаи аввалини «Дониш ва омӯзгор», ки дар Душанбе бо сабабҳои молӣ чопаш боздошта шуд ё ба ҷойи он баровардани маҷаллаи дигар (дар Душанбе нашавад ҳам дар шаҳрҳои дигар), маҳз ба ин шахси фидокор ва ҷонбохтаи миллат дахл дошт. Дар байни ташаббускорон саҳми Собит Манофзода, Муҳаммад Мусавӣ, Қосим Дайламӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва дигар аъзои ҳайати таҳририяро низ бояд бузург арзёбӣ намуд. Онҳо давоми панҷ сол (то соли 1932) нашри мунтазами маҷалларо ба роҳ монда, бо таъмини мазмуну муҳтавои замонавӣ онро ба нашрияи дараҷаи аввали Осиёи Марказӣ табдил доданд. Заҳмати қаҳрамононаи онҳо фаромӯш нахоҳад шуд, зеро ба қавли Раҳим Ҳошим «нашри ҳар шумораи он натиҷаи кӯшиш, даводавӣ, фидокориҳо буда, бо душвориҳо ба амал

омадааст». Оид ба қадршиносии хизматҳои бузурги чунин арбобони ҷамъиятии сиёсию мадании халқи тоҷик дар он солҳо муаллифи рисола пешниҳоди ҷолиб баён кардааст, ки сазовори дастгирист. Ҳамин тавр, бо пайравӣ ба муаллифони дигар «Раҳбари дониш»-ро нахустин маҷаллаи миллӣ номидани Хуршед Андамов қобили қабул аст.

Боби дуюми рисола ба авзои сиёсӣ ва иҷтимоии замон бахшида шуда, дар он мақолаҳои муҳим таҳлил гаштаанд. Дар ин бобат масъалаи худшиносии миллӣ дар ҷойи аввал гузошта шуда, муаллиф ба баррасии мақолаҳои А. Муҳиддинов, А. Алиев, М. Хоҷаев таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст, ҳангоми таҳлил масъалаҳои мавриди назар бо андешаву хулосаҳои донишмандон ва коршиносони дигари давр ва замони имрӯз дар муқоиса оварда шудаанд. Х. Андамов дуруст қайд мекунад, ки «Навиштаҳои равшанфикрону таҷаддудгароёни солҳои 20-и садаи бист, бахусус, соҳибқаламони маҷаллаи «Раҳбари дониш» ҳамчун маъхази таърихӣ ва далелҳои собиткунанда дар ин мавридистифода мешаванд».

Боби сеюми рисола, ки ба масъалаҳои маориф ва адабиёт бахшида шудааст, дар бораи заминаҳои пайдоиши маорифи баъдиинқилобӣ, мактабҳои аввалин дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, фидокории муаллимони нахустин, ташкили аввалин мақомоти маорифи миллӣ – Назорати маориф, сохтмони мактаб, маҳви бесаводӣ, аввал таъсиси мактаби ибтидоии чорсола ва сипас, душвориҳои гузариш ба мактаби ибтидоии панҷсола, аввалин анҷуманҳои муаллимон ва ғайра маълумоти пурқимат медиҳад. Ба ташкили интернатҳо – шакли аввалин муассисаҳои таълиму тарбиявӣ, ки дар онҳо сатҳи сифати таълим беҳтар буд, таваҷҷуҳ зоҳир шуда, дуруст зикр гаштааст, ки: «Дар замони ҳозира низ таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон ба фаъолияти интернатҳо, ба хусус, он интернатҳое, ки дар замони Шӯравӣ бунёд ёфтаанд, бештар шудааст… Метавон гуфт, ки бо гузашти ҳудуди 90 сол мактаб-интернатҳо ба унвони муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ дар системаи маорифи Тоҷикистон нақшу ҷойгоҳи худро аз даст надодаанд. Ин муассисаҳои таълимӣ на танҳо фарзандони оилаҳои камбизоатро ба таҳсил фаро мегиранд, балки ба онҳо роҳи дурусти ҳаётро меомӯзонанд». Ҳамин тавр, нақши «Раҳбари дониш» дар ташаккул ва рушди маорифи тоҷик баланд арзёбӣ шудааст: «Маҷаллаи «Раҳбари дониш» бо инъикоси масоили мактабу маориф ва мушкилоти ин соҳа тавонист барои бештар шудани мактабҳои типпи нав, боло бардоштани таълиму тарбия, босавод гардонидани сокинон, ба хусус, коргару деҳқонон ва дар маҷмӯъ рушду тараққии соҳаи маорифи солҳои 20 ва 30-и садаи бист мусоидат кунад». Аз ин рӯ, ҳарчанд «Раҳбари дониш» аз чанд қисмат ва рубрикаҳо иборат аст, чи тавре ки муаллифи рисола зикр мекунад, маводи масъалаҳои маориф дар қисмҳои дигар, аз ҷумла умумӣ, расмӣ, иҷтимоӣ, фаннӣ, санъат ва ғайра низ чоп мешуданд. Яъне, ба ҳар ҳол масъалаи маориф дар ҷойи аввал гузошта шудааст. Вобаста ба ин: «Месазад зикр кард, ки масоили мактабу маориф аз мавзӯъҳои асосии маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар тӯли фаъолияти панҷсолааш буда, меҳвари ҳар шумораро матолиби марбут ба ин соҳа ташкил додааст». Дар натиҷа маҷалла «парчамбардори донишу маърифат ва забону адаби тоҷик гардид».

Яке аз хулосаҳои муҳимми Х. Андамов ба назари мо ин аст, ки: «Ба пиндори мо ҷойгоҳи «Раҳбари дониш» дар матбуоти солҳои бисту сии садаи бист аз он ҷиҳат муҳим аст, ки маҷалла дар замони Ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон таъсис шуд ва барои расидан ба ҷумҳурияти мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ саҳми муносиби худро гузошт». Ҳамон тавре ки муҳаққиқ зикр мекунад, мавзӯи асосии нахустин нашрияи соҳаи маориф мактабу маориф бошад ҳам, ба соҳаҳои дигар чун адабиёт, сиёсат, иҷтимоиёт низ дахолат кардааст. «Раҳбари дониш» на танҳо маҷаллаи аҳли маориф, балки нахустин нашрияи адабӣ, нақди адабӣ, забоншиносӣ низ буд, ки дар атрофи худ донишмандони маъруфи замонро муттаҳид кард. Зикр мешавад, ки танҳо дар як сол (с.1928) дар 12 шумора аз 87 мавод 18 мақолаи илмию адабӣ, 20 маводи забоншиносӣ ба қайд гирифта шудааст. Ин аст, ки мақолаҳои дар ин мавридн ашрия то ба имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

Яке аз сабабҳои парокандасозии ҳайати таҳририяи маҷалларо дар нимаи дуюми соли 1928 низ ҳамин таваҷҷуҳи зиёди нашрия ба мавзӯъҳои ғайр донистан мумкин аст. Вобаста ба ин Хуршед Андамов мавзӯи инъикоси худшиносӣ ва тақсимоти миллиро дар маҷалла асоси кори худ қарор дода, баъзан дар ин бобат ба зиёдаравию тахмин роҳ додааст. Зеро ҳарчанд «Раҳбари дониш» маҷаллаи сербору гуногунмавзӯст, ба он дараҷае, ки Х. Андамов мешуморад, ба масъалаҳои тақсимоти миллӣ зиёд дахолат накардааст. Албатта, ин ва баъзе иштибоҳоти дигар дар рисолаи «Раҳбари дониш» - маҷаллаи маорифӣ ва адабӣ» (воқеан, ин ҷо мо ба ифодаи «маорифӣ» мувофиқ нестем) дар мавриди риояи қоидаҳои имло, хатоҳои техникӣ қимати илмии асарро паст накардаанд ва бовар дорем дар чопҳои минбаъда ислоҳ хоҳанд шуд. Дар маҷмӯъ он рисолаест хонданӣ ва раҳнамои хубе барои «Раҳбари дониш»-и навадсола.

Муҳаммадшариф РУСТАМЗОДА

## §66. КОР БО МАТНИ ТАҚРИЗ (Дарси 4)

Хонанда:
–матни тақризро таҳлил мекунад, сохтори онро мегӯяд;
–тақризҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
–ба корҳои эҷодии ҳамсинфон ва асарҳои бадеӣ тақриз навиштанро меомӯзад.

Мақсадҳои дидактикӣ:
- Тақризро аз дигар жанрҳои адабӣ фарқ карда тавонистан;
- Тақриз навиштан.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон гӯед, ки матни «Роҳнамое дар шинохти «Раҳбари дониш»-ро хонанд ва дар тақлид ба он ба ягон китоби илмӣ тақриз нависанд.
• Муаррифии кори хонандагон;
• Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта:
1.Нутқи айнан нақлшуда аз нутқи мазмунан нақлшуда бо чӣ фарқ мекунад?
2.Чиро муколама меноманд?
3.Репортаж чӣ гуна жанр аст, шарҳ диҳед.

III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни тақриз.

Шарҳи омӯзгор

Супориши №1. Кори гурӯҳӣ. Матнҳоро хонед ва ба мазмуни онҳо диққат диҳед. Шарҳ диҳед, ки муаллифон дар навиштаҳояшон асосан ба кадом ҷиҳат таваҷҷуҳ кардаанд.

Гурӯҳи 1:

**Мавҷхези меҳри шоир**

Қобилияту истеъдоди Азизмуроди Алиакбарро дар шеъргӯйӣ ҳанӯз Шоири халқии Тоҷикистон Ширин Бунёд дарёфта, дар пешгуфтори китоби нахустини ӯ бо номи «Сояи шеър» соли 1995 аз ояндаи дурахшони мавсуф башорат дода буд. Азизмурод пайваста машқи шеър карда, ҳамзамон, аз осори шоирони классики форсу тоҷик, адабиёти муосир ва намояндагони назми ҷаҳон меомӯхт. Самараи омӯзишу ҷустуҷӯйҳои шоири ҷавон маҷмӯаи шеърҳои «Сояи шеър», «Ман –Тоҷикистон», «Нафаси ҷовидон», «Хаёлҳои сабз» ва «Бодаи ишқ» ба шумор меравconfigured. Инак, маҷмӯаи нави шеърҳои шоир таҳти унвони «Мавҷхез» ба нашр расид, ки аз қисматҳои «Мавҷхез» ва «Кӯзаи Хайём» (ғазалу рубоиёт) иборат мебошад. Дар пешгуфтори маҷмӯа, ки «Шуғли худгудозӣ» номида шуда, онро адабиётшиноси шинохта

Шарифмуроди Исрофилниё навиштааст, паҳлуҳову сабки эҷодии Азизмуроди Алиакбар муайяну мушаххас карда шудааст.

Воқеан, Азизмурод шоири суннатгарост ва ағлаб ашъори иншонамудааш аз омӯзиши огоҳмандонаи ӯ аз анъанаҳои ғазалсароию рубоигӯйи шоирони гузаштаи тоҷик гувоҳӣ медиҳад. Дар шеърҳои номбурда мазмуну мушоҳидаҳои наву ҷолиб ва афкори баланди ҳакимона ба чашм мерасанд. Дар эҷодиёти Азизмурод таъсири файзбахши Ҳофизи Шерозӣ, Саъдӣ, Мавлавӣ, Хайём ва аз шуарои муосир зиндаёд Лоиқ Шералӣ бармалост. Беҳуда нест, ки ӯ худ қисмати рубоиёташро «Кӯзаи Хайём» номгузорӣ намудааст. Андешаҳои пандомӯз ва гоҳо фалсафӣ дар рубоиёти ӯ зиёдтар аст. Аз ҷумла, мегӯяд:

Эй чашма, ту устоди сухандони манӣ,
Ойинаи авзои дилу ҷони манӣ.
Аз умқи замин ҷилвакунон рӯ бизанӣ,
Ҷорӣ ки шудӣ, шеъру ғазалхони манӣ.

Дар бораи меҳри модар шоирони ҷавон шеърҳои зиёде сурудаанд. Азизмурод бо бинишу фаҳмиши вижаи шоирони худ муҳаббати модарро ба таври зайл сифатчинӣ ва ситоиш менамояд:

Саропояш муҳаббат модари ман,
Вуҷуди раҳму шафқат модари ман.
Бувад покиза чун шоли сафедаш,
Барӣ бошад зи иллат модари ман.
Сарамро рӯи зонуяш гузорам,
Ки тахти бахту роҳат модари ман…

Шодӣ Раҷабзод

Гурӯҳи 2:

**“Таърихи Табарӣ” - қадимитарин дастхат**

Яке аз нодиртарин нусхаи хаттӣ, ки дар «Осорхонаи китоб»-и шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба намоиш гузошта шудааст, «Таърихи Табарӣ» мебошад, ки диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст.

Муаллифи китоби «Таърих-ур-русул ва-л-мулук», ки имрӯз бо номи «Таърихи Табарӣ» машҳур аст, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир ат-Табарӣ мебошад, ки ӯ соли 838 милодӣ дар Омул таваллуд шуда, соли 922 милодӣ дар Бағдод вафот кардааст. Ӯ яке аз олимони забардасти қуръоншинос ва таърихшиноси барҷастаи асри X ба шумор меравад, ки маҷмӯаҳои муфассали таърихи умумии исломӣ ва ҷаҳониро таълиф намудааст. Ат-Табарӣ асари арзишманди худро ба забони арабӣ дар 13 ҷилд навиштааст ва барои таълиф намудани он муаллиф аз сарчашмаҳои муҳими гуногуни то ба замони худ расида, истифода бурдааст.

Ҷилди якуми ин асар аз муқаддима ва тавсифи халқҳои қадими Шарқи Наздик иборат мебошад. Ҷилди дуюм ба таърихи давлати Сомониён ва ҷилдҳои дигар дар бораи ҳазрати Муҳаммад (с) ва чор халифаи аввал ва хилофати Умавиён ва Аббосиён қисса мекунад. Бояд зикр намуд, ки мундариҷаи ин асар диққати хонандаро зуд ба худ ҷалб менамояд ва бо ҳамин сабаб ба забонҳои дигар ҳам тарҷима гардидааст. Соли 963 милодӣ вазири Сомониён Мир Абӯалӣ ибни Муҳаммади Балъамӣ ин асари арзишмандро бо забони форсӣ-дарӣ тарҷума карда, ба он «Таърихи Табарӣ» унвон гузоштааст. Муҳаммад Балъамӣ ҳангоми тарҷума ба китоб баъзе иловаҳо ворид кардааст. Аз ҳамин сабаб таҳқиқотчиён «Таърихи Табарӣ»-ро ба муҳаммад Балъамӣ ҳам нисбат медиҳанд. Ин асар аз ҷониби Ваҳиди Балхӣ дар асри XVI ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудааст ва дастнависи он бо забони ӯзбекӣ дар китобхонаи оммавии ба номи «Салтиков-Шедрин»-и шаҳри Санк-Петербурги Федератсияи Русия нигоҳдорӣ мешавад. Маврид ба ёдоварист, ки матни арабии асари мазкур солҳои 1879-1901 дар 15 ҷилд дар шаҳри Лондон ва бо забони фаронсавӣ солҳои 1867-1874 дар Порис интишор ёфт, ки тартибдиҳандааш Герман Зотенберг мебошад.

Инчунин чопи сангии ин асар бо забонҳои гуногун дар Ҳинд рӯйи чоп омадааст. Мутаасифона, ин дастнавис ноқис буда, охир надорад. Баъзе аз авроқи он хароб гардидаанд, ки хондани он ҷойҳо имконнопазир аст. Соли китобат ва номи котиб маълум нест, аммо аз рӯи навъи қоғазу хат ба асри XIII - XIV нисбат додан мумкин аст. Навъи хатташ насх буда, сарлавҳаҳои матни он бо хатти сулс навишта шудааст. Муқова ва шерозаи он картони кабуди ҳозира мебошад. Китоби мазкур дар дафтари инвенитарӣ таҳти рақами 161 ба қайд гирифта шудааст.

Раҷабалӣ Додихудоев

Гурӯҳи 3:

**Муаррифии нахустин филмҳои донишҷӯён**

Дар робита барои амалӣ гардондани Барномаи давлатии “Дар бораи рушди санъати тоҷик” бо ибтикори ректорат ва кафедраи режиссураи факултаи фарҳангшиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода бори нахуст ду филми шогирдони ин донишкада бо номҳои “Хобидан мехоҳам” ва “Гули бахт” пешкаши устодону муҳассилини ин даргоҳ ва меҳмонон гардид. Қабл аз шурӯи намоиш доир ба ҳадафҳои муаллифон аз хусуси эҷоди филмҳо сухан ба миён омад.

Ректори донишкада, профессор Диловар Латифов оид ба баъзе навгониҳо дар донишкада, бахусус, дар кафедраи режиссура изҳори ақида намуд. Вай барои ҳамдастиашон дар эҷод ва бандубасти филмҳо ба директори киностудияи “Тоҷикфилм” Носир Саидов, таҳиягари шинохта, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Юнус Юсуфов, ки ҳарду дар ҳузури иштирокдорон сухан карданд, изҳори миннатдорӣ намуд. Устоди саҳнаи театр ва кинои тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Убайдулло Раҷабов ба устодону шогирдони ин шуъба маслиҳатҳои муфид дода, дар фаъолияти минбаъдаашон комёбиҳо орзу намуд.

Чунон ки Носир Саидов гуфт, “Тоҷикфилм” тайёр аст, ҳар сол ду – се филми таҳиянамудаи донишҷӯёнро маблағгузорӣ намояд. Ба ин васила киностудия метавонад ҳамчун заминаи такягоҳӣ барои рушди минбаъдаи фаъолияти шогирдон дар соҳаи филмсозӣ бошад.

Декани факултаи фарҳангшиносии донишкадаи мазкур Фарҳод Мираҳмедов иттилоъ дод, ки аллакай ин ду филм барои иштирок ба ҷашнвораи кинофестивали байналмилалии донишҷӯён — “Бастау” (“Сароғоз”) – и Ҷумҳурии Қазоқистон пешниҳод гардидааст, ки ин ҷашнвора аз 20 то 25-уми октябри соли ҷорӣ идома мекунад.

Филми “Хобидан мехоҳам” ба мавзӯи муҳоҷират рабт дорад ва то кадом дараҷа сӯиистифода аз меҳнати ҷисмонии наврасонро мазаммат намудааст. “Гули бахт” низ бозгӯи масъалаҳои иҷтимоист ва ҳаёти як ҷавонзани муҷарради тоҷикро инъикос менамояд ва дар ниҳояти кор ба хотири парасторӣ кардани ду наврас падари онҳоро ба ҳамсарӣ қабул менамояд.

Пас аз тамошои филмҳо оид ба ҳусну қубҳи онҳо байни тамошобинон — устодону шогирдон ва меҳмонон бевосита бо коргардонҳо ва офарандагони нақшҳо мубоҳисаи озод сурат гирифт.

Ҳотами Ҳомид

Гурӯҳи 4:

Рӯнамоии «Шашмақом» ва назми форсии тоҷикӣ

Шашмақомро метавон бо бузургтарин падидаҳои фарҳангию эстетикии ҷаҳон ба мисоли гимнҳои авестоӣ, операҳои аврупоӣ ва дигар намунаҳои бузурги эҷодиёти аҳли башар ҳамрадиф шуморид. Он на танҳо маҷмӯи суруду таронаҳо, балки шоҳасари бадеию фалсафӣ мебошад, ки дар худ кулли қонуниятҳои низоми табиат, шинохти олами атроф ва осори ҳастиро таҷассум намудааст. Ин нукта зимни рӯнамоии китоби тозанашр - «Шашмақом ва назми форсии тоҷикӣ» - и Аслиддин Низомӣ, доктори илмҳои санъатшиносӣ, иброз гардид. Олимону донишмандони тоҷик зикр намуданд,

ки китоби мазкур аввалин асари илмиест, ки бо таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи пайванди шеъри форсии тоҷикӣ ва мусиқии ҳирфаии халқи тоҷик бахшида шудааст. Фарҳод Раҳимӣ, президенти Академияи илмҳои кишвар, гуфт, ки муаллифи асар бо такя ба маълумоти зиёди дар рисолаҳои олимони аҳди қадим, аз ҷумла Ибни Хурдодбеҳ, Ал - Киндӣ, Ал - Форобӣ, Ибни Сино, Муҳаммад Нишопурӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ гирдовардашуда, инчунин, бо истифода аз осори ба «Шашмақом» бахшидаи муаллифони муосири тоҷик ва ҷаҳонӣ муносибати шеъру мусиқиро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба гуфтаи коршиносон, дар китоб кулли ҷанбаҳои маънавӣ ва бадеӣ - эстетикии мусиқии классикии тоҷик «Шашмақом» дар муқоиса бо анвои пурғановати назми форсии тоҷикӣ - ғазал, тарона, мухаммас, тарҷеъбанд, рубоӣ, байт, мустазод ва ғайра таҳлил ва таҳқиқ шудааст. Он барои доираи васеи муҳаққиқони соҳаҳои мусиқӣ, адабиёт ва мухлисони ҳунари волои «Шашмақом» пешбинӣ шудааст. Абдунабӣ Сатторзода гуфт, ки мавзӯи пайванди шеър ва мусиқӣ ё шеър ва оҳанг, нағма ва назм аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз ҳамеша дар маркази диққати аҳли адаб ва ҳунар, донишмандону мусиқишиносон қарор дорад. Дар ин замина, дар гузашта ва замони муосир дар кишварҳои Шарқ ва Ғарб таълифоти зиёди пурарзиш анҷом пазируфтааст. Аммо мавзӯъ ва масъалаи китоби «Шашмақом ва назми форсии тоҷикӣ» комилан тоза мебошад.

Аслиддин Низомӣ зиёда аз бист сол аст, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни пайванди шеъру мусиқӣ дар мисоли Шашмақом машғул гардида, дар ин замина китобу мақолаҳои зиёде нашр намудааст.

Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ

Гурӯҳи 5:

**“Барги андеша”**

Ҳотами Ҳомид солҳои зиёдест, ки ҳамчун рӯзноманигор дар нашрияҳои гуногун фаъолият намуда, дар мавзӯъҳои умдаи рӯз мақолаю матолиби ҷолиб ва муассир таълиф менамояд. Тайи чанд соли охир мавсуф дар ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба ҳайси муҳаррири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ кор мекунад.

Нашриёти «Истеъдод» китоби нави ин рӯзноманигори хушсалиқаро таҳти унвони «Барги андеша» аз чоп баровард, ки он мақолаю мусоҳибаҳои ӯро дар бар гирифтааст. Хотирнишон бояд кард, ки мақолаю мусоҳибаҳои Ҳотами Ҳомид дар солҳои мухталиф навишта шуда, бардоштҳои муаллиф аз суҳбат бо ҳунармандону сарояндагони маъруф ва тақризу китобиёти таълифнамудааш дар хусуси эҷодиёти шоирону нависандагон ва муҳаққиқону олимони шинохта мебошад. Аз ҷумла, силсиламақолаҳои муаллиф перомуни асарҳои нависанда Кароматуллоҳи Мирзо, шоира Мавҷуда Ҳакимова, адибони пурмаҳсул Муҳиддин Хоҷазод, Муродалӣ Собир, Саттор Турсун, Бозор Собир, Насим Раҷаб ва санъаткорон Сайфиддин Акрамов, Саидқул Билолов, Маҳмадсаид Аҳмадов, Ҷӯрабек Назриев, Зафар Нозимов, Файзалӣ Ҳасанов, Ҷамшед Исмоилов, Ҷӯрабек Муродов ва ҳунармандони театр Ҳошим Гадо, Убайдуллоҳи Раҷаб, Қиёмиддин Чақалзода ва олими пуркор Акбари Турсон таваҷҷуҳбарангез буда, ину он паҳлуи эҷодии номбурдагонро бозгӯйӣ намудаанд. Бояд гуфт, ки мақолаю лавҳа, тақризу китобиёт ва мусоҳибаҳои Ҳотами Ҳомид бо забони содаю фаҳмо навишта шуда, муъҷазу мухтасар мебошанд. Аз ҷумла дар мақолаи «Имтиҳони ҳаёт» кӯшидааст, ки дар заминаи таҳлили амиқ ва дар айни ҳол фишурдаи романи «Дар орзуи падар»-и Кароматуллои Мирзо ҳадафи эҷодии нависандаро муайян намояд. Зимни баррасии образҳои асосии асар ба рӯзноманигор муяссар шудааст, ки моҳияти ахлоқии асарро хотирнишон кунад. Дар мақолаи дигар худи адиб иқрор мешавад, ки қаҳрамонони асарҳои ӯ шахсони воқеиянд. Дар бораи ашъори пурмуҳтавои шоира Мавҷуда Ҳакимова батафсил сухан ронда, Ҳотами Ҳомид ба натиҷае мерасад, ки «шоира кӯдаконро дӯст медорад. Аз ин рӯ, орзу мекунад, ки дар ҳар хонадон тифле бошад, аз ҳар хонадон садои кӯдакон ояд. Як дам фориғ будан аз гирудори зиндагӣ,

озод будан аз норасоиву камбудии рӯзгор ба ҳар кас писанд аст. Танҳо тифл метавонад касро аз чунин андеша вораҳонад». Ҳамин гуна андешаю афкори рӯзноманигор дар хусуси асарҳои Муҳиддин Хоҷазод, Саттор Турсун, Ҳамроқул Шодиқулов, ашъори Бозор Собир рӯйи сафҳа омадаанд, ки нуқтаи назари хоси ӯ маҳсуб меёбанд. Дар пешгуфтори китоб, ки ба қалами доктори илмҳои филологӣ Шамсиддини Солеҳ тааллуқ дорад, омадааст:

«Барги андеша» маҷмӯаи чоруми адиб ва рӯзноманигор Ҳотами Ҳомид аст. Мутолиаи маҷмӯа барои онҳое, ки ба санъати касбии театрӣ ва сароядагӣ, донистани коргоҳи эҷодии бархе аз адибони шинохтаи тоҷик майлу рағбат доранд, махсусан, донишҷӯёни муассисаҳои равияҳои мусиқиву театридошта аз фоида холӣ нест».

Шодӣ Раҷабзод

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

•Савол ва супориш:

1.Хабар аз тақриз чӣ фарқ дорад?

2.Шумо ҳам мисли хабари боло хабари чопи ягон китобро таҳия намоед.

3. Ҷамъбасти дарс ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Навиштани тақриз ба ягон асари илмӣ.

## XIII. ТАКРОРИ СОЛОНА
## §67. ИБОРА, ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО, МУХОТАБ

Салоҳиятҳо:

8.1.1. Ибора, ҷумла, навъҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумларо шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистан;

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

–дар бораи ибора маълумоти бештар мегирад;

–фарқи аъзоҳои ҷумларо дарк мекунад;

– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;
– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Мустаҳкам гардондани донишҳои бадастоварда;
– Амалан собит намудани донишҳои назариявӣ.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Навиштани тақриз ба ягон асари илмӣ.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

Кори гурӯҳӣ. Супориши №1: Иҷрои машқи 1 (саҳ.191). Хонед ва вазифаҳои ҳар кадом қисми грамматикаро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 1: Синтаксис аз калимаи юнонии «Syntaxis» гирифта шу- дааст ва маънои таркиб ёфтан, сохтро дорад.

Синтаксис як қисми грамматика буда, ибораю ҷумла, қоидаҳои сохтани ибора, ҷумла, тарзу воситаҳои созмонии онҳоро меомӯзад. Наҳв (синтаксис) устухонбандии тарзи ифодаи фикр аст. Дар наҳв ду масъала: маъно ва тарзи ифодаи он, яъне қолиби ифодаи фикр, ҷойи асосиро мегирад. (Хоҷаев Д.)

Гурӯҳи 2: Морфология аз калимаи юнонии «morphe» шакл, сохт ва «Logos» – мафҳум, илм гирифта шудааст. Қисми грамматикие, ки оид ба сохт, таркиби калима, шаклҳои тағйирёбии калима, роҳҳои ифодаи маънои грамматикӣ, инчунин дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва роҳҳои калимасозии онҳо маълумот медиҳад. (Ҳусейнов Х.)

Гурӯҳи 3: Воҳидҳои морфологӣ барои сохтани ҷумла маводи сохтмонӣ маҳсуб мегарданд. Ҳамаи ҳиссаҳои нутқ дорои вазифаи аввалияи синтаксисӣ мебошанд. Масалан, исм ва ҷонишинҳо бештар ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда, феълҳо ба вазифаи хабар, сифату сифати феълӣ ба вазифаи муайянкунанда ва зарфу феъли ҳол ба вазифаи ҳол меоянд.

Вале ҳиссаҳои нутқ дорои вазифаи дигар ҳам мебошанд. Масалан, исм ба вазифаи ҳамаи аъзои ҷумла меояд.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 2 (саҳ.191). Матнро хонед ва гӯед, ки дар бораи чӣ гап меравад? Агар таърихи баромади калимаеро аз касе шунида бошед, нависед ва пешкаши ҳамсинфон гардонед.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 4 (саҳ.192). Матнро ифоданок хонед ва ҳадафи онро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 6: Иҷрои машқи 5 (саҳ.193). Матнро хонда, ҷумлаҳои чидадоштаро муайян кунед ва гӯед, ки кадом аъзо чида шудааст.

• Баррасии кори хонандагон;

Супориши №2: Иҷрои машқи 12 (саҳ.13). Ҷумлаҳоро хонда, аъзоҳои чидаи онҳоро муайян кунед ва шарҳ диҳед, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.

Супориши №3: Иҷрои машқи 16 (саҳ.199). Матнро бодиққат хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки кадом хислатҳои Борбад ба шумо писанд омад. Чаро? Мухотабҳои матнро ёфта шарҳ диҳед.

• Саволҳо барои бахотирорӣ аз мавзӯъҳои гузашта.

• Ҷамъбасти мавзӯъ ва арзёбии кори хонандагон.

Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 3 (саҳ.192). Матнро навишта, ҷумлаҳои содаи онро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва вазифаи аломатҳои китобати дар матнбударо шарҳ диҳед.

## §68. КАЛИМА, ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ ВА АЪЗОҲОИ ИСТИСНОИИ ҶУМЛА

Салоҳиятҳо:

8.1.1. Ибора, ҷумла, навъҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумларо шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистан;

8.1.4. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад.

Хонанда:

–дар бораи калима, ибораҳои туфайлӣ ва аъзоҳои истисноии ҷумла маълумоти бештар мегирад;

–фарқи аъзоҳои ҷумларо дарк мекунад;

– аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;

– мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– Мустаҳкам гардондани донишҳои бадастоварда;

– Амалан истифода будани донишҳои назариявӣ.

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши супориши хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 3 (саҳ.192). Матнро навишта, ҷумлаҳои содаи онро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва вазифаи аломатҳои китобати дар матнбударо шарҳ диҳед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

Кор дар гурӯҳҳо. Супориши №1: Ҳалли машқҳои шифоҳӣ

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 6 (саҳ.194). Матнро хонед ва нутқи айнан ва мазмунан нақлшударо ҷудо кунед ва фарқи онҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 10 (саҳ.196). Порчаро хонед ва аъзоҳои истисноиро муайян сохта гӯед, ки бар шарҳи кадом аъзоҳои ҷумла омадаанд.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 13 (саҳ.197). Матнро хонед, нутқи айнан нақлшуда ва аломатҳои китобати марбути онро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 7 (саҳ.195). Порчаи шеъриро ифоданок хонед ва гӯед, ки аъзоҳои чида ба он чӣ оҳанге додаанд.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи 14 (саҳ.198). Хонед ва хулосаатонро нависед.

Гурӯҳи 6: Иҷрои машқи 15 (саҳ.198). Матнро хонда, калимаҳои туфайлии онро муайян кунед ва гӯед, ки чӣ тобишҳоеро ифода кардаанд.

Супориши №2: Ҳалли машқҳои хаттӣ

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 13 (саҳ.197). Ҷумлаҳоро нависед ва ҷойи нутқи айнан нақлшударо муайян сохта, аломатҳои китобати марбути онро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 9 (саҳ.196). Ҷумлаҳои яктаркибаи зеринро нависед, кадом навъи ҷумлаи яктаркиба будани ҳар кадомро дар болояш нависед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 11 (саҳ.197). Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери калимаҳои

хулосакунанда хат кашида муайян созед, ки кадом аъзои ҷумлаанд.

Ангезиши зеҳн. Иҷрои машқи 18 (саҳ.200). Матнро бодиққат хонед. Чӣ нуктаеро дарёфтед? Ба андешаи муаллиф розиед ё на? Агар чизе илова карданӣ бошед, шифоҳӣ баён созед.

• Иҷрои машқи 19 (саҳ.200). Матнро хонед ва гӯед, ки аз он чӣ нуктаро дарк кардед. Андешаи Шумо дар ин хусус.

ЭЗОҲ:

Саволҳо барои мустаҳкамгардонии мавзӯъҳо. Омӯзгорон метавонанд саволҳоро худ тартиб диҳанд ва ё аз рафти дарсҳо, ки дар китоб, замима ва раҳнамо оварда шуданд, истифода баранд. Саволҳо бояд ҳам падидаҳои грамматикӣ ва ҳам коммуникативиро дар бар гиранд.

# РОҲНАМОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
# СИНФИ 8-ум

## барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Саидова |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н.С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 14.08.2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 15.0.
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 161/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Офсет»
бо супориши №51 аз 26.08.2017 ба табъ расидааст.